**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

***ТКБ:*** 65.9 (2 тоҷик) 261.7+65.9 (2) 27+67.99 (2) 76
***ТДУ*** 368+368.4+347.764 (575.3)
***Г – 12***

**ГАФАРЗОДА МАВҶУДА ТАХИР**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАНЗИМИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
*Мирзоалиев А.А.*

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИҶА


Саҳ.

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО .............................................. 3
МУҚАДДИМА ............................................................. 4
БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАНЗИМ СОҲАИ ИҶТИМОӢ .............. 12
1.1 Соҳаи иҷтимоӣ дар низоми иқтисоди миллӣ........................ 12
1.2 Асосҳои методии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ.......................................................... 27
1.3 Таҳлили таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ......................................................... 50
БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ ИНКИШОФИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ............................................................. 65
2.1 Таҳлили асосҳои институтсионалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ........................................ 65
2.2 Баҳодиҳии механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ............................................................ 82
2.3 Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои маблағгузории давлатии соҳаи иҷтимоӣ ................................................... 96
БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАНЗИМИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ............ 111
3.1 Ташаккули асосҳои консептуалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........... 111
3.2 Такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодӣ рушди соҳаи иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ........................................................................ 125
3.3 Коркарди тавсияҳои методӣ оид ба такмили механизм ва дурнамои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................ 137
ХУЛОСА......................................................................... 159
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ.................................................................... 162
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ......................................................... 164
ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ..................... 181
ЗАМИМАҲО..................................................................... 184

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**АОНПҶТ** – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВАО** – Васоити ахбори омма

**ВМВИ ҶТ** – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ДДТТ** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИРМ** – Институти рушди муосир

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КУМИ** – Кумитаи умумишуравии маркази иҷроия

**МИСИ** – Механизми идоракунии соҳаи иҷтимоӣ

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохила

**МММ** – Маҷмуи маҳсулоти миллӣ

**МММ** – Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ

**ММТ** – Маркази миллии тестӣ

**НБО** – Неругоҳи барқии обӣ

**СБ** – Стандартҳои байналмилалӣ;

**СБМ** – Созмони байналхалқии меҳнат

**СМРҶТ** – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СТК** – Суғуртаи тиббии кӯдакон

**СУТ** – Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ

**ХМК** – Хоҷагии манзилию коммуналӣ

**ХКМ** – Хоҷагии коммуналию маишӣ

**ҲРУ** – Ҳадафҳои рушди устувор

**ҲРҲ** – Ҳадафҳои  рушди ҳазорсола

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ШДХ** – Шарикии давлатию хусусӣ

**Moodle** – модули (барномаи компютерии) мустақил ва алоҳидаи низоми иттилоотии идоракунии **UMIS**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Соҳаи иҷтимоӣ дар рушди сармояи инсонӣ, фароҳам овардани шароит барои зиндагии шоиста, ба даст овардани адолати иҷтимоӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ нақши бунёдӣ дорад. Таҳлили ислоҳоти соҳаи иҷтимоӣ ва тамоюлҳои муосири рушди он нишон медиҳад, ки дар шароити гузариш ба модели нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мубрам гардонидани масъалаҳои гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва тавсеаи равандҳои рақамикунонӣ таҷдиди назари илмӣ ва амалии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро зарур мешуморад. Дар баробари ин равандҳои дигаргунсозии марбут ба такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, инчунин таҳияи воситаҳои институтсионалӣ ва методии ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини иҷтимоӣ ва рушди мутаносиби соҳаҳои иҷтимоӣ муносибати мутаносибро ба ҳалли ин масъала тақозо мекунанд.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои зиндагии шоиста ва рушди босифати нерӯи инсонӣ шароити заруриро фароҳам меорад. Дар ин хусус ҳар сол Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои солона ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои соҳаи иҷтимоӣ ва рушди онро дар қатори масъалаҳои аввалиндараҷа мегузоранд.

Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ самтҳои асосии сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ дохилию хориҷии ҷумҳуриро махсус ҷудо намуда, қайд карданд ки «...ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад» [23].

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии соҳаи иҷтимоӣ, зарурати таҳияи механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, таҳия ва татбиқи чунин сиёсат, ки дар сурати нокифоя будани таҳияҳои илмӣ талаботи иҷтимоии аҳолии кишварро қонеъ мегардонад ва дар навбати худ муносибати оқилона ва системавиро талаб мекунад, марбут мебошанд.

Ҷанбаҳои дар боло зикршуда аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва аҳамияти илмию амалии онро таъкид менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти фундаменталии назариявӣ ва эмпирикии соҳаи иҷтимоӣ ва танзими давлатии он дар асарҳои олимони машҳури хориҷӣ, аз қабили: А.Смит [70], [71], Г. Гегел [95], А. Маршалл [57], К. Маркс [55], [56], В. Петти [62], Ф.У. Тейлор [73], , В.В. Адамчук [38], А.А. Федченко [75], Г. Руденко [69], Б.Д. Бреев [43], С.В. Гайдук [44], Д.Л. Бакиева [42], Г.П. Дегтярев [45], С.А. Кузмин [53], Р.П. Бондаренко [92], Л.И. Борисова [93], А. Кадомтсева [105], Л.Г. Кухтинова [114], [115] ва дигарон ба таври васеъ ифода ёфтаанд.

Масъалаҳои муосири ин мушкилот дар корҳои олимони муосири ватанӣ: Д.С. Амонова [87], А.Ҷ. Ҷабборов [152], Ш.Д. Дустбоев [46], [47], Д. Б. Қодиров [48], С.Ҷ. Комилов [107], [108], М. Н. Нурмаҳмадов [61], Р. К. Раҷабов [64], [65], Ҳ.Н. Фақеров [74], Н. Қ. Қаюмов [106], М. Кошонова [52], Л.Ҳ. Саидмуродзода [131], С. Ҳ. Ҳабибов [77], Т. Н. Назаров [121], Ф.Р. Шаропов [79], М.И. Хоҷаева [140], М.З. Абдураҳмонова [146] Т.А. Алимардонов [147], Н.У. Сафаров [160], С.И. Исломов [103], А.А. Мирзоалиев [156], Н.Ш. Марупова [155], Ҷ. Султонзода [161], М.Б. Мадаминов [118], Р.Х. Азимова [83], Р.К. Раҳимов [129] ва дигарон низ инъикос ёфтаанд.

Сарфи назар аз таҳқиқоти гузаронидашуда, масъалаҳои таҳияи механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир ба таври зарурӣ омӯхта ва таҳқиқ карда нашудааст, зеро дар илми ватанӣ ба омӯзиши соҳаи иҷтимоӣ дар шароити тағйири модели рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва тавсеаи равандҳои рақамӣ аҳамияти нокифоя дода шудааст. Дар

баробари ин, амиқтар кардани равишҳои назариявӣ ва методии муайян намудани зарурати ташаккули механизми нави дастгирӣ ва танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ таҳқиқот ва асосноккунии мунтазамро тақозо мекунад.

Мутобиқ ба ин гуфтаҳо омӯзиши хусусиятҳои ташаккули механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки самтҳои муҳимтарин ва афзалиятноки рушди сиёсати иҷтимоии давлат муайян карда шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба афзалиятҳои Стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба самтҳои дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», инчунин Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст (RB 0121TJ1206).

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ ва методии таҳия ва асоснокии афзалиятҳои стратегии такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Тибқи ҳадафи муайяншуда дар кор вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шуданд:

- таҳқиқи манбаъҳои назариявӣ, қонуниятҳои ташаккул ва тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ ва асосҳои методии он;

•омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, механизми дастгирӣ ва танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ;

•таҳлил ва баррасии баҳодиҳии нишондиҳандаҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ;

•такмил ва таҳлили самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ва илман асоснок намудани маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ дар мавриди маҳдуд будани буҷети давлатӣ;

•асоснок ва таҳия намудани дурнамои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ.

**Объекти таҳқиқот** дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** муносибатҳои ташкилию иқтисодие мебошад, ки дар системаи дастгирии давлатӣ ва танзими рушди соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳияи механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тавсеаи равандҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки самаранокии татбиқи сиёсати иҷтимоии давлатӣ, иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат афзоиш ёбад, инчунин ба беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва сармояи инсонӣ мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқотро** корҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёти меҳнат, соҳаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, инчунин пешгӯйии рушди соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Манбаъҳои иттилоотӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷроиши буҷети давлатӣ, инчунин маводи конференсияҳо,

захираҳои интернетӣ ва натиҷаҳои ба даст овардаи рафти таҳқиқотро дар бар мегиранд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон гузаронида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои ба даст омада, аз амиқсозии равишҳои назариявӣ ва методии таҳияи ҳамаҷонибаи механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир иборат аст.

Натиҷаҳои асосии илмӣ, ки навгониҳои илмии таҳқиқотро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ тавсиф мекунанд:

- манбаъҳои назариявӣ, қонуниятҳои ташаккул ва тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ дар шароити имрӯза, ки аз тарзи истифодабарии идоракунии муносибатҳои бозорӣ, инчунин тағйирёбии онҳо таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ дар ташкилу идоракунии фаъолият дар соҳаи иҷтимоӣ тавсиф ва мушаххас карда шудаанд;
- асосҳои методӣ, хусусиятҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ошкор гардида, дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоии мамлакатҳои хориҷии дорои иқтисодиёти рушди устувор, механизми танзими соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла иқтисодиёти рақамӣ тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд;
- дар натиҷаи баҳодиҳии нишондиҳандаҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити маҳдудияти маблағҳои буҷетӣ ва норасоии он, намуди афзалиятнок, низоми шарикии давлатӣ бо бахши хусусӣ, аз он ҷумла кумаки суроғавӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст;
- омилҳои аниқе, ки ба равандҳои дигаргунсозиҳои соҳаи иҷтимоӣ дар давраи муосир пешниҳод гардида, инчунин дурнамои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоии мамлакат, ки барои баланд бардоштани сифати зиндагӣ, сармояи инсонӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва ҷомеа нақш мебозанд, муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асосҳои назариявӣ, қонуниятҳои ташаккули воситаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатӣ, хусусиятҳо ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир;
- таҳлилу арзёбӣ ва тавсияҳо дар асоси таҷрибаи хориҷӣ, баҳри ташаккули механизми нави дастгирии давлатӣ, танзими соҳаи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии он;
- муайян намудани шаклҳои ояндадори дастгирии давлатӣ ва танзими самтҳои афзалиятноки соҳаи иҷтимоӣ дар платформаи механизмҳои шарикии давлат, бахши хусусӣ ва низоми кумаки суроғавӣ;
- асоснок ва таҳия намудани дурнамои ташаккули механизми дастгирии давлатӣ, ҳамзамон танзими соҳаи иҷтимоӣ дар асоси истифодаи воситаҳои муосир.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз имкони татбиқи муқаррароти назариявии таҳияшуда, тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар системаи дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ иборат аст. Натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳияи муқаррароти назариявӣ ва такмили асосҳои методии таҳияи механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои** ноил гашта аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия баён гардида, ба сатҳи таҳаввулоти назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ мусоидат намуда, ҳамзамон тамоюлҳои назариявии рушди соҳаи иҷтимоӣ ва танзиму дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир таъмин карда шудаанд.

Тавсияҳои муаллифи диссертатсия метавонад дар раванди асоснокунӣ ва таҳияи барномаҳои давлатӣ, омода намудани маводи таълимию методӣ, инчунин дар раванди таълими макотиби олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои: омор, омори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иқтисодиёти меҳнат, менеҷменти иҷтимоӣ, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат истифода гардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокӣ ва асоснокии муқаррарот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида, ба таҳқиқоти принсипҳои бунёдии назарияи иқтисодии муосир, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои иқтисодиёти меҳнат, соҳаи иҷтимоӣ, дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ва механизмҳои татбиқи он асос ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқи омӯзиш ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023 таҳти № 6 тасдиқ шудааст) аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 13.Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ; 15. Масоили таъмини иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; низоми нафақа ва дурнамои рушди он; 16. Ҳамкории иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бозорӣ; 32. Муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва танзими онҳо. Таҷрибаи байналмилалии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 33. Масоили таъмини иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намудҳо ва шаклҳои таъминот, мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқот аз баёни салоҳиятноки мақсад ва вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, асосноккунии заминаи назариявӣ ва методии таҳқиқот иборат аст. Иштироки бевоситаи муаллифро интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, баромадҳо дар конфронсҳои илмӣ – амалӣ ва илмӣ – назариявӣ дар сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ тасдиқ мекунанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии кори диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2017 – 2025 муаррифӣ шудаанд: конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба «Солҳои рушди саноат», Самтҳои асосии танзими давлатии дастгирии соҳаи иҷтимоӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе – 2023 с., Маводҳои конфронси XXIX байналмилалии илмӣ – амалӣ, илми Академикӣ мушкилот ва дастовардҳо, асосҳои иҷтимои - иқтисодии сайеҳӣ: ҷанбаи назариявӣ Bengaluru, India – 2022 с. мавриди баррасӣ қарор гирифта, фикру мулоҳизаҳои мусбат гирифтаанд. Натиҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» № 46/а аз 23.05.2025 с. ва дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон № 418/1 аз 08.04.2025 с. татбиқ шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва хулосаҳои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 13 мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, аз ҷумла: 9 мақола дар нашрияҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйихати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 187 саҳифаи чопӣ оварда шудааст, ки он дар маҷмуъ аз 20 ҷадвал, 8 диаграмма, 19 расм ва 4 замимаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 164 номгӯй иборат аст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАНЗИМИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ

## 1.1. Соҳаи иҷтимоӣ дар низоми иқтисоди миллӣ

Соҳаи иҷтимоӣ дар низоми иқтисоди миллии аксари кишварҳои ҷаҳон ба соҳаи аввалиндараҷае, ки ба он таваҷҷӯҳи давлат бештар ҷалб карда шудааст, дохил мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин сатҳ дар қатори охирон қарор надорад, яъне соҳаи мазкур барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳими иқтисодиву иҷтиомоӣ ва сиёсӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи иҷтимоӣ аз чунин самтҳои иқтисодиёти миллӣ, аз қабили маориф, тиб, суғурта, фарҳанг ва варзиш, инчунин аз тамоми намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ иборат мебошад.

Соҳаи иҷтимоӣ бевосита ба самти имкониятҳои моддию ҷисмонӣ ва маънавии инсон равона карда шудааст. Тандурустӣ ба пешгирӣ ва табобати бемориҳо машғул аст. Варзиш барои устувории саломатии инсон таъсири мусбӣ мерасонад ва ба сатҳи эҳсосии мухлисони намудҳои гуногуни он низ хеле таъсирбахш ба ҳисоб меравад.

Соҳаи маориф барои баланд шудани сатҳи дониш ва малакаи шаҳрвандони кишвар ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Сохторҳои фарҳангӣ, аз ҷумлаи радиою телевизион ва нашрияҳои матбуоти даврӣ сатҳи эстетикии мардумро баланд мебардоранд. Умуман хизматрасонӣ дар соҳаи иҷтимоӣ талаботи ҳамарӯзаи шаҳрвандони осебпазир, яъне маъюбон, шаҳрвандони дорои бемориҳои вазнин ва мурракаб, шаҳрвандоне, ки сарпаноҳ надоранд ва ба кӯмаки давлату ҷомеа ниёзманданд қонеъ мегардонад.

Соҳаи иҷтимоӣ барои кӯмаки пуливу моддӣ, марбут ба имкониятҳои буҷети давлатӣ ба шахсоне, ки муввақатан кор намекунанд ё ки осеби истеҳсолӣ дидаанд ё ки танҳо ва пиронсол мебошанд, аз он ҷумла шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун аз даромади худ маҳрум гаштанд зарур мебошад.

Хусусияти соҳаи иҷтимоиро дар асоси омилҳои аниқи берунаи шахсоне, ки дар соҳаи иҷтимоӣ бевосита ширкат меварзанд ва аз манфиатҳои соҳа истифода мебаранд тавсиф намудан мумкин аст. Бинобар ин, ҳангоми пешгирӣ намудани ҳар гуна бемориҳо ва расонидани хизматрасонии тиббӣ на танҳо ба бемороне, ки барои табобати ройгон ё қисман пулакӣ ҳуқуқ доранд, балки ба дигар категорияҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки ба хизматҳои иҷтимоӣ ниёз доранд, зарур мебошад. Ҳамин тариқ, соҳаи иҷтимоӣ ҳангоми рушд метавонад шумораи беморонро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ коҳиш диҳад.

Соҳаи фарҳанг бошад дар байни аҳолӣ арзишҳои иҷтимоиро ба таври васеъ паҳн менамояд, ки дар натиҷа ҷомеаи имрӯза муттаҳид мегардад. Хизматрасонии иҷтимоӣ ба қисми аҳолии камбизоати кишвар қисман ё пурра барои шароити зиндагонии муътадил ёрӣ расонида шахсони алоҳидаи аҳолие, ки эҳтимолияти ба ҷиноят рӯй овардан, ташкил намудани бетартибиҳо ва ғайра даст доранд, аз ин роҳ муҳофизат менамояд.

Соҳаи иҷтимоӣ объекти доимии назорат, дастгирии давлатӣ ва танзими Ҳукумати Ҷумҳурӣ мебошад. Дар ҳолате, ки фаъолияти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва вазъи иҷтимоии онҳо ба инобат гирифта мешавад, гуфтан мумкин аст, ки дастрасӣ ба системаи маориф ва тиб мустақиман инъикоси сиёсати адолатнокии давлат мебошад, ки мақоми ҷумҳуриро дар саросари ҷаҳон дар раванди ҷаҳонишавӣ баланд мебардорад. Аксари давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ дар қонунгузории худ ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсонро муайян ва тасдиқ намудаанд (расми 1.1):




**Расми 1.1 - Ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Зикр намудан лозим аст, ки илми иқтисодиёт соҳаҳои берун аз иҷтимоиро низ мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки бо самтҳои иҷтимоӣ зич алоқаманд мебошанд. Масалан, баъзе хизматрасониҳои маишӣ бевосита бо соҳаи иҷтимоӣ алоқаманданд ё ба онҳо таъсир мерасонанд. Ба онҳо сартарошхонаҳо, ҳамомҳои ҷамъиятӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд, намудҳои дигар бошанд ба соҳаи иҷтимоӣ ҳеҷ гуна иртиботе надоранд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки онҳоро омӯхтан ё ба инобат гирифтан мумкин нест, зеро онҳо дар як давраи муайян метавонанд ба соҳаи иҷтимоӣ алоқаманд бошанд. Аз ин рӯ, соҳаи иҷтимоӣ яке аз қисмҳои таркибии иқтисодиёти муосир буда, барои пешрафти давлат ва мавқеи ҷаҳонии он ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Агар дар бораи унсурҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ, ки ба онҳо ташкилотҳо ва муассисаҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ (озмоишгоҳҳо ва марказҳои тиббӣ), соҳаи маориф (мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ), соҳаи фарҳанг (хонаҳои фарҳанг ва осорхонаҳо) дохил мешаванд, муфассалтар сухан ронем, бояд қайд кард, ки навъҳои гуногуни боғҳо ва инчунин хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёти шаҳрӣ ва ташкилотҳое, ки ба ниёзмандон кӯмаки молиявӣ мерасонанд, қисми муҳими соҳаи иҷтимоӣ мебошад [123].

Таҳлили ретроспективӣ нишон медиҳад, ки чунин самтҳои соҳаи иҷтимоӣ ба монанди гузаронидани табобат, аз калонсолон ба насли наврас расонидани дониш, барои камбизоатон ва ятимон расонидани кӯмак ҳам дар доираи оила ва ҳам дар доираи ҷомеа суст ба роҳ монда шуда буд, зеро онҳо дорои хусусияти мустақилӣ доштанд ва бо ин намуд фаъолият танҳо шахсони алоҳида ва ё ташкилотҳои махсус машғул буданд. Дар он давра барои нигаҳдории сатҳи муайяни таҳсилот, фарҳанг ва расонидани кӯмаки тиббӣ давлат ва дин нақши калидиро мебозид. Барои маъюбон ва шахсони камбизоат танҳо аз тарафи ташкилотҳои динӣ кӯмак расонида мешуд ва аз тарафи онҳо ҷойҳои махсус омода шуда буданд.

Аз он ҷумла, барои сарбозони собиқадор аз тарафи давлат муассисаҳои махсуси таълимӣ ва беморхонаҳои ҳарбӣ таъсис дода шуда буд. Яъне, танзимкунандаи асосии маданияти фарҳангӣ давлат ва ташкилотҳои динӣ буданд. Ҳангоми рушди сохтори иқтисодиёт ва гуногун гардидани самтҳои иҷтимоии ҷамъият ва давлат, зарурияти такмили дониш оид ба вазъи ҷаҳонӣ, пайдо шудани идеологияҳои навин, тараққиёти технологӣ ва пайдоиши қонунҳои нав ба миён омад.

Дар асрҳои миёна нахустин маротиба ташкилотҳои суғуртавии иҷтимоӣ таъсис дода шуданд. Дар Аврупо шахсони дорои ҳунарҳои мардумӣ, гурӯҳҳои махсус, яъне гилдияҳоро ташкил карда буданд, ки фондҳои худро доштанд ва аъзоёни ин гилдияҳо мунтазам ҳаққи аъзогиро мепардохтанд то, ин ки ҳангоми бемор шудан ё захм гирифтан ба ҷабрдидагон кӯмаки молиявӣ дастрас бошад.

Соли 1388 асри XIV дар Англия нахустин маротиба Қонуни камбизоатӣ қабул гардида буд. Дар ибтидои асри XVII яъне соли 1601 бошад ин қонун қувваи худро пайдо намуд, ки барои таъсиси низоми кӯмак ба камбизоатон замима шудааст. Баъдан дар ибтидои асри XIII дар Англия ва Уэлс қонун бо номи «Қонуни Елизаветӣ доир ба камбизоатон» мавриди амал қарор мегирифт.

Ҷузъи дуюми қонунгузории «Елизавета» ҷазои бераҳмонаи гадоён ва оворагардон буд, ки мавриди зӯроварии ҷисмонӣ қарор гирифта, дар хонаи ислоҳотӣ ҷойгир карда, ба корҳои ҷамъиятӣ маҷбур карда шуда, ба ҷойи таваллуд ё ҷойи истиқомати доимиашон ронда мешуданд. Категорияҳои зикргардидаи гадоёнро аз «паумпер» - ҳо, ки ба таври қонунӣ кӯмаки иҷтимоӣ гирифтаанд, фарқ кардан лозим аст [88].

Ин намуди кӯмакро аввалин маротиба калисоҳо ба уҳда гирифта буданд ва онҳо дар доираи масъулияти худ бояд ба маъюбон ва пиронсолон садақаҳои аз аҳолӣ ҷамъшударо медоданд ва ба шахсоне, ки қобили меҳнат буданд, вале ҷойи кори муайян надоштанд шароити корӣ муҳайё месохтанд. Идеологияи асосии ин низом дар он буд, ки кӯмаки расонида шуда бе паст задани шаъну шарафи шахси муҳтоҷи ёрдам амалӣ карда шавад.

Бо суръати баланд хизматрасонии тиббӣ, соҳаи маориф, расонидани хизматрасониҳои суғуртавӣ дар раванди инқилоби саноатӣ ташаккул ёфта, рушд кардаанд. Дар натиҷаи инқилоби саноатӣ, мафҳуми саноатикунонӣ пайдо шуд, ки синфҳои нави ҷамъиятиро ба монанди коргарони мануфактура, фабрика, завод дар бар мегирифт. Ин гуна коргарон танҳо аз музди меҳнати иҷрошуда вобастагӣ доштанд ва дар ҳолати аз даст додани қобилияти меҳнатӣ мисли деҳқонон ба кӯмаки оилавӣ ё мисли косибон ба кӯмаки ҷамъиятӣ дастрас набуданд.

Бинобар ин, коргарони корхонаҳои зикргардида кӯшиш менамудаанд, ки ҷамъиятҳо ва фондҳои дастгирии ҳамдигариро ташкил намоянд. Дар натиҷа низоми суғуртаи коллективӣ ба вуҷуд омад, ки ҳангоми беморӣ, захмгирӣ ва куҳансолӣ, ки ба кам шудани даромад оварда мерасонид, кӯмаки иловагӣ мерасонид.

Чунин низоми суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба роҳ монда шуда буд, ки аъзоёни ин ташкилотҳо тавассути ҷаласаҳои умумӣ ва шурои намояндагон созмонҳои суғуртавиро идора менамуданд. Ҳангоми рушди низоми суғуртавӣ аксари ташкилотҳо аз додани кӯмакпулӣ ва додани маблағи муолиҷа даст кашиданд, зеро ба тариқи доимӣ табибонро ба кор қабул мекарданд, ки вазифаи онҳо аз расонидани хизматрасонии тиббӣ ба коргарони ташкилотҳои саноатӣ иборат буд.

Раванди саноатикунонӣ ва ҳаракати иҷтимоии ҷомеа барои ташаккули низоми нави кӯмак ба камбизоатон чун асос гардид, ки дар натиҷа давлат дар танзими таъмини иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ бештар иштирок менамуд. Бинобар ин, соли 1834 нахустин маротиба дар Англия шаҳрвандони даромади кам дошта кӯмакпулӣ аз ҳисоби давлат мегирифтанд. Дар ҷамъбасти асри XIX аксари кишварҳои ҷаҳон қонунҳои вобаста ба низоми суғуртавӣ қабул намуданд, ки дар он ҷой ба зиммаи корфармоён ҳангоми ба садама дучор шудан ҷубронпулиҳо вогузор карда шуда буд. Талаботи зерин замина гузошт, ки корфармоён ба ширкатҳои суғуртавӣ беҳтар назар кунанд.

Дар асри XIX – XX низоми суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, ки аз тарафи давлат ба танзим дароварда мешуд. Ин низом бори нахуст солҳои 80-ум дар Олмон таъсис дода шуд, ки ташаббускори он Отто фон Бисмарк ба шумор меравад. Натиҷаи чунин амал қабули се қонуни асосӣ буд (Қонун дар бораи суғуртаи беморӣ, Қонун дар бораи суғуртаи ҳодисаҳои нохуш ва Қонун дар бораи суғуртаи маъюбият ва пиронсолӣ), ки дар системаи қонунгузории соҳаи иҷтимоӣ ибтидо гардиданд.

Тибқи ин қонунҳо коргарони як қатор соҳаи саноатӣ бояд ба таври ҳатмӣ аз таваккалҳои садамавӣ суғурта карда мешуданд ва пардохти маблағи суғуртавӣ ба зиммаи роҳбарони корхонаҳои саноатӣ вогузор карда шуда буд. Ҳамин давра дар дигар давлатҳои Аврупо низ низоми суғуртаи ҳатмӣ ва кӯмаки иҷтимоии давлатӣ ташаккул ёфта буд.

Мақсади асосии кӯмак расонидан ба коргароне, ки дар оянда метавонанд даромад гиранд ва ҳуқуқи гирифтани ин даромадро доранд нишон дод, ки ин амал бо арзишҳои сарфакорӣ ва этикаи меҳнатии низоми капиталистӣ мувофиқ мебошад.

Боиси қайд аст, ки дар ҷаҳон нахустин шуда Ҳукумати Шуравӣ дар солҳои 1918 - 1920 барои тамоми шаҳрвандони худ низоми ёрдами ройгони тиббиро ҷорӣ карда буд. Ҳамон замон расонидани ёрии тиббӣ ва суғуртаи тиббӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба роҳ монда шуда буд, ки коргарони корхонаҳои саноатӣ ба таври васеъ аз ин гуна имтиёзҳо истифода мебурданд ва ба онҳо сари вақт кӯмак расонида мешуд.

Инчунин аз буҷети давлатӣ низоми нафақагирӣ ба роҳ монда шуда буд. Низоми нафақа дар тӯли ҳашт сол чунин сурат гирифтааст: соли 1925 нафақа барои соҳаи маориф, соли 1928 нафақаи пиронсолӣ барои кормандони соҳаҳои муҳандисиву техникии ҳамаи намудҳои соҳаҳои хоҷагии халқ, ки мунтазам дода мешуд ва баъдтар бошад соли 1933 низоми суғуртавии Ҳукумати Шуравӣ пурра ташаккул ёфт.

Ҳангоми аз байн рафтани фондҳои минтақавии суғуртавӣ, харҷи маблағҳои ҷамъшудаи фонди суғуртавӣ ба зиммаи созмонҳои ибтидоии иттифоқҳои касабаи корхонаҳо вогузор карда шуда буд, ки дар ин маврид шуроҳои вилоятии иттифоқи касаба низ ташаккул ёфтанд. Барои коргарон ва хизматчиён кӯмак дар ҷойи худ расонида мешуд ва ҳаҷми онҳо вобаста аз имконияти молиявии корхонаҳои дахлдор вобаста буд, ки ин дар мавриди аввал аҳамияти маҳсулоти истеҳсолшавандаи корхонаро нишон медод.

Дар назди соҳаи суғурта вазифаҳо гузошта шуда буд, ки ба истиснои колхозчиён кӯмакпулӣ доир ба корношоями муваққатӣ, табобат ва барқарории саломатӣ дар диспансерҳо ва шифохонаҳо, кӯмакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллудкунӣ сари вақт бояд пардохта шавад. Дар интиҳои солҳои 30-юм дар тамоми ҷумҳуриҳои Шуравӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистони Шуравӣ низомҳои давлатии соҳаи маориф, дастгирии соҳаи тандурустӣ, хизмати маишии аҳолӣ ва таъминоти нафақа ташаккул ёфта амалӣ гардид. Аз буҷети давлатӣ барои ҳамаи шаҳрвандон, таъминоти хизматрасонии тиббӣ, таҳсилоти нопурраи миёна, хизмати маишии куҳансолон ва маъюбон, идрорпулӣ ба занҳои бисёрфарзанд, нафақа доир ба пиршавии коргарон ва инчунин маблағгузории ройгон пешниҳод гардида буд.

Дар Иттиҳоди Шуравӣ сиёсати иҷтимоӣ низ объекти таҳқиқоти олимони шуравӣ буд, ки то имрӯз чунин боқӣ мондааст. Аввалин касе, ки ба назарияи соҳаи иҷтимоӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ дахолат кардааст, Андреев В.С. ҳисобида мешавад, ки барои ба низом даровардани Қонун «Дар бораи таъминоти иҷтимоӣ» дар ИҶШС мусоидат намудааст [40].

Дар бораи натиҷаҳои илмии олимони фазои пасошуравӣ, намояндагони мактаби илмии Саратовро ҷудо кардан мумкин аст, ки асарҳои худро ба сиёсати иҷтимоӣ, ки дар таҳрири он Ярская - Смирнова Э. Р. ва Романова П. В. саҳми муносиб гузоштаанд [68].

Диссертатсияи Гуменюк А.А. таҳқиқоти мукаммалтаринро дар ин мавзуъ муаррифӣ мекунад [151].

Ба вуҷуд омадани низоми иҷтимоӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ, самти алоҳидаро пешниҳод намуд. Дар ин низом тавассути васеъ кардани доираи истифодабарандагони кафолатҳои иҷтимоӣ ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, нафақа ва дигар кӯмакҳои иҷтимоӣ таъсири мусбӣ расонида шудааст, ки ҳатто ин таҷрибаи Шуравӣ ба дигар давлатҳо низ таъсири худро расонидааст.

Ба андешаи мо, омӯхтани сиёсати иҷтимоии Шуравӣ аз се сабаб аҳамияти калон дорад.

Дар навбати аввал, дар корҳои илмии ретроспективӣ, ки ба таърихи рушди соҳаи иҷтимоӣ дахл доранд, дастгирии давлатии самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ инъикоси эътимоднокӣ ва устувории давлати шуравӣ мебошад. «Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар қаламрави кишварҳои фазои пасошуравӣ амалияи кунунии татбиқи сиёсати иҷтимоӣ то ҳол ба принсипҳои шуравӣ асос ёфтааст, гарчанде ки хусусиятҳои фарққунандаи худро дорад, зеро дар адабиёти илмии муосир соҳаи иҷтимоӣ ё дар ҷанбаҳои алоҳидаи худ ё дар шакли умумӣ омӯхта мешавад, ки усулҳои дастгирии давлатии ҷомеаи шуравиро комилан ба назар намегирад» [128].

Дар Иттиҳоди Шуравӣ, татбиқи унсурҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ аз ҷониби болшевикон, ки мехостанд дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ тағйироти ҳамоҳангсозӣ ба амал оранд, оғоз ёфт. «Яке аз қадамҳои аввалини таҷдиди соҳаи иҷтимоӣ таъсиси комиссариати давлатии халқии хайрия дар соли 1917 буд, ки таъмини татбиқи сиёсати иҷтимоиро дар давлати навтаъсис ба ӯҳда дошт» [50].

«Дар 22 декабри соли 1917 фармони кумитаи Иҷроияи Марказии Умумирусиягӣ «дар бораи суғурта аз бемориҳо» ба амал бароварда шуд, ки ба занони ҳомиладор имкон дод, ки сари вақт ба рухсатии меҳнатии муқарраршуда бароянд» [135]. «Ин амал барои он замон як падидаи нав буд. Масалан, дар Британиё рухсатии кормандон танҳо соли 1975 пардохт карда шуд.» [163]. «Дар навбати худ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад Қонуни федералии рухсатии ҳомиладорӣ соли 1993 қабул карда шудааст» [164].

Дар рушди низоми ҷамъиятӣ нақши ҳавасмандии асосиро буҳрони иқтисодие, ки солҳои 1929-1933 ба вуҷуд омада буд, иҷро намуд. Дар натиҷа шароити зиндагии мардум хеле душвор гардид. Махсусан ба зиндагии калонсолон таъсири манфӣ расонид, ки муаммоҳои зиёди иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Дар ин маврид коркарди барномаҳои нави иҷтимоӣ имкон доданд, ки сарватмандон хавфҳои иҷтимоиро боздоранд.

Маърӯзаи В. Беверидж, ки соли 1942 бо супориши Ҳукумати Англия омода карда шуда буд, ба ташкили баъдиҷангии бахшҳои ҷамъиятӣ таъсири бениҳоят калон расонид. Дар маърӯза зарурати барпо намудани низоми мукаммали давлатии нигаҳдории тандурустӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ ва ҷорӣ намудани имтиёзҳои оилавӣ эълон карда шуд. Чунин таклифҳо бо вуҷуди дар Англия дастгирӣ шудан аз тарафи  дигар ташкилотҳои байналхалқӣ ҳам мавриди қабул қарор гирифтанд.

Солҳои 40-уми асри қаблӣ аз тарафи Ташкилоти байналхалқии меҳнат ба давлатҳо пешниҳод шуд, ки имтиёзҳои иҷтимоӣ дар қатори камбизоатон ва категорияи махсуси коргарон ба дигар шаҳрвандоне, ки дар шароити ғайричашмдошт қарор доранд, дода шаванд.

Бинобар ин мамлакатҳои Ғарб ба имконнопазирии зиёд кардани захираҳои молиявие, ки ба барномаҳои иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд, бо мақсади таъмин ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо тарзи як хел сарф кардани онҳо дучор меоянд. Талаботи замон сиёсати сарфаи захираҳо ва оқилонатар истифода бурдани онҳо мебошад. Дар Аврупо ва ИМА суғуртаи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар ибтидои асри XX пайдо шуда, аз соли 1930 кӯмакпулӣ барои бекорӣ васеъ паҳн гардид [162].

Солҳои 1980-1990 мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рушди устувор низоми нави хизматрасонии иҷтимоиро қабул намудаанд, ки барои маҳдуд кардани афзоиши камбизоатӣ ва зиёд намудани маблағгузорӣ ба соҳаи иҷтимоӣ аз буҷети давлатӣ равона карда шуда буд.

Дар баробари ин кӯшиш карда шуд, ки унсурҳои бозорро ба низомҳои давлатии нигаҳдории тандурустӣ, маориф, ёрии иҷтимоӣ ва манзил ҷорӣ намоянд.

Соҳаи тандурустӣ дар ИМА низ барои ташкил намудани ғояи дигаргунсозӣ ва амалӣ намудани барномаҳои соҳаи тандурустӣ саҳми арзанда гузоштааст. Татбиқи ёрдам ба соҳаи тандурустӣ барои кӯмак расонидан ба нафақахӯрон ва шаҳрвандони камбизоат аз тарафи мақомоти давлатие, ки шартномаҳои суғуртавиро дар бозор ҷойгир менамуданд ва дар навбати худ ин гуна шартномаҳоро дар бозори ташкилотҳои тиббӣ ва табибони хусусӣ ҳам бо мақсади рақобат онро паҳн менамуданд.

«Дар Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1936 кӯмакпулӣ танҳо ҳангоми таваллуди ҳафтум кӯдак дода мешуд ва сар карда аз соли 1944 барои таваллуди сеюм кӯдак занҳо метавонистан кӯмакпулиро аз давлат гиранд» [151].

«Дар аввал ин намуди кӯмакпулӣ бо миқдори аз музди миёнаи моҳона дар шакли яквақта дода мешуд. Пасон ин амал ранги дигар гирифт, ки аз 2 то 4 сол аз 5 ҳисса як ҳисса то як маоши миёна вобаста ба шумораи кӯдакон пардохт карда мешуд» [133]. «Дар Фаронса аз соли 1932 кӯмакпулӣ мунтазам ҳар моҳ барои кӯдак пардохт карда мешуд» [76]. «Дар Британиё бошад ин гуна механизм аз соли 1945 амалӣ гардидаст» [41].

Ислоҳоте, ки соли 1988 дар Нидерландия, соли 1991 дар Британияи Кабир, сипас дар Шветсия ва Олмон ба роҳ монда шуда буд, ба ҷорӣ намудани унсурҳои муносибатҳои бозоргонӣ дар муносибатҳои байни субъектҳои низомҳои хизматрасонии иҷтимоӣ нигаронида шуда буд. Моҳияти принсипҳои нави ташкили хизмати иҷтимоӣ аз се нуқтаи асосии бо ҳам алоқаманд иборат аст (расми 1.2).

Идеологияи мазкур барои тағйироти соҳаи иҷтимоии Испания, Италия, Исроил, Финляндия ва Зеландияи нав хеле таъсирбахш буд. Аз тарафи давлат чорабиниҳо оид ба кам намудани хароҷотҳои соҳаи ғайрииҷтимоӣ гузаронида шудаанд, ки дар натиҷа миқдори хароҷоти давлатӣ кам гардид. То имрӯз,

имрин чорабиниҳои давлатӣ дар ин кишварҳо тамоюли мусбиро нигоҳ медоранд, зеро ба самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ аз буҷети давлат бештар хароҷот ба нақша гирифта мешавад.




**Расми 1.2 - Принсипҳои ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Дар замони шуравӣ бошад тақрибан баъд аз даҳ соли ба охир расидани Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 низоми хизмати маишии соҳаи иҷтимоӣ афзоиш ёфтааст. Ин таҷрибаи Иттиҳоди Шуравӣ барои давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ ҳамчун намуна қабул гардида буд. Соли 1964 дар Иттиҳоди Шуравӣ аввалин маротиба ба колхозчиён додани нафақа ба таври васеъ амалӣ гардид ва шумораи муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ ба монанди духтурхонаҳо, мактабҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд гардиданд, ки ба аҳолӣ хизматрасонии васеи иҷтимоиро мерасониданд.

Аммо бояд қайд намуд, ки дар низоми иқтисодиёти даврони Шуравӣ тақсим намудани захираҳо барои соҳаи иҷтимоӣ дар сафи пеш қарор надошт ва дар Иттиҳоди Шуравӣ аз рӯйи баъзе маълумотҳо ҳиссаи хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ дар ММД махсус дар солҳои охири аз байн рафтани низоми Шуравӣ

дар байни давлатҳои капиталистӣ дар сатҳи паст қарор дошта буд. Фарқият дар хароҷоти соҳаи тандурустӣ хеле назаррас буд.

Дар айни замон арзиши ин нишондиҳандаҳо ба дараҷаи хароҷот ба соҳаи иҷтимоӣ дар мамлакатҳои ғайрисотсиалистӣ бо арзишҳои якхелаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ комилан мувофиқ буд. Аммо, дараҷаи кафолатҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳуриҳои шуравӣ, алалхусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои баландтарин буд.

Вуҷуд надоштани хароҷот барои таҷҳизот ва фондҳои асосие, ки барои баланд намудани сатҳи хизматрасонии самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ дар бисёр маврид аз ҳисоби фонди сарфаи музди меҳнат ҷуброн карда мешуд, ки ин ҳам барои вазъи иқтисодии мамлакат дучанд таъсир мерасанд.

Сатҳи миқдори техникаи муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ аз давлатҳои дорои иқтисодиёти рушди устувор дар зинаи паст қарор дошт. Фаъолияти кормандони соҳаи тандурустӣ, маориф ва фарҳанг аз сабаби надоштани манфиати иқтисодӣ на он қадар самарабахш буд ва истифодабарандагони хизматрасонии иҷтимоӣ ба сифати хизматрасонӣ қарибе, ки таъсир расонида наметавонистанд.

Соҳаи иҷтимоӣ аз тарафи буҷети давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои боқимондаи буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешуданд ва дар натиҷа аз ҳисоби паст будани сатҳи музди меҳнати кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ унсурҳои иқтисодиёти «соявӣ» пайдо гардиданд, ки ин амалҳоро иқдомҳои коррупсионӣ гуфта мешавад.

Ин намуд камбудиҳои низоми давлатии хизмарасонии соҳаи иҷтимоӣ дар ҳамаи давлатҳои дорои низоми Шуравӣ низ мушоҳида карда мешуданд. Афзоиши талаботи аҳолӣ барои хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ аз тарафи мақомоти давлатии расонидани хизмати иҷтимоӣ қонеъ гардонида намешуд.

Дар самти расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ, ва паст будани сатҳи базаи моддиву техникӣ ва набудани таҷҳизоти навин, норасоии захираҳо, нокифоя будани маоши кормандони самтҳои соҳаи иҷтимоӣ, ки ба

додани пора ба онҳоро ба вуҷуд овардаст ба истифодабарандагони хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонидааст.

Бо пуррагӣ маблағгузории соҳаи самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ва нодуруст истифода бурдани харидҳои молиявию моддӣ ба ҳолате оварда расонид, ки аз хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ кишвари мо хеле ақиб мондаст, аз он ҷумла соҳаи таъмини хоҷагию коммуналӣ низ паст гардид.

Суст шудани сиёсати иқтисодии давлатӣ дар соҳаи иҷтимоии кишвар интихоби самтҳои гуногуни ислоҳоти ин низом хеле таъсирбахш буд. Гузариш аз идеологияи шуравӣ ба идеалогияи иқтисоди бозоргонӣ сохтори самтҳои асосии соҳаи иҷтимоиро бо пуррагӣ тағйир дод, яъне хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ, нафақадиҳӣ ва таъмини манзил ба таври қарзӣ ба роҳ монда шуд, ки ин таҷриба дар давлатҳои дорои иқтисодиёти бозоргонӣ мавриди истифода то ҳол қарор гирифтааст.

Ғайр аз ин таҷрибаи Аврупои Ғарбие, ки аз моделҳои навини мублағгузории соҳаи иҷтимоӣ истифода бурданро оғоз намуд барои давлатҳои собиқ Шуравӣ ҳамчун намуна қабул гардид ва объекти омӯзиш аз тарафи иқтисоддонҳои ватанӣ шуд. Дар ин маврид натиҷаҳои илмии иқтисоддонҳои давлатҳои Аврупоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шуданд ва аксари давлатҳои сохти Шуравӣ самти аз низоми дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ ба низоми суғуртаи тиббии хатмиро гирифтаанд. Аммо, дар Тоҷикистон ин низом то ҳол ба пурраги ҷорӣ нашудааст. Дар бисёри кишварҳо дар қатори ташаккули фондҳои нафақавӣ фондҳои нафақавии ғайридавлатӣ низ ташкил карда шудаанд.

Боиси қайд мебошад, ки Аврупо дар робита ба ташкили низоми нафақа аз Русияи Подшоҳӣ ва баъдан Иттиҳоди Шуравӣ хеле пеш буд, зеро дар Аврупо сатҳи баланди шаҳрсозӣ мавҷуд буд, ки ба рушди саноат мусоидат мекард, ки табиатан ба ташаккули синфи коргаре, ки қитъаи замини худро надоштанд, оварда расонд. «Аз ин рӯ дар Олмон дар Соли 1880 системаи махсуси суғурта

ташаккул ёфт» [76]. «Бо пайравӣ аз Олмон, дар Англия соли 1908 қонунҳо дар бораи нафақаи пиронсолӣ қабул карда шуданд, ки мувофиқи он кормандон дар синни 70-солагӣ ба нафақа мебаромаданд» [76], «дар соли 1946 бошад ба нафақа баромадан барои занҳо аз синни 60 ва мардон аз синни 65 сол муқаррар гардидаст» [76].

«Дар мавриди ИҶШС, низоми нафақа аз соли 1918 бо қабули Декрети нафақа ба хизматчиёни ҳарбии Артиши Сурх, инчунин аъзои оилаҳои онҳо, ки қобилияти кории худро дар натиҷаи амалиёти ҷангӣ ё ба синни пирӣ расидан аз даст доданд, оғоз ёфт» [135].

«Худи ҳамон сол тибқи Низомнома дар бораи таъминоти иҷтимоии синфи коргар андозаи нафақа ва кӯмакпулӣ барои бекорӣ муайян карда шуд. Қариб ҳамаи фондҳои иҷтимоии Империяи Русия ба ҳукумати нави шуравӣ интиқол дода шуданд. Соли 2025 дар Иттиҳоди Шуравӣ нафақаи хизматӣ пайдо шуд, ки 25 соли фаъолияти бефосилаи меҳнатиро дар соҳаи маорифи халқ ташкил медод» [40][41]. «Баъдтар дар соли 2028 дар соҳаи иҷтимоии саноати бофандагӣ низ тағйирот ба амал омад, ки дар натиҷа мардон дар синни 60-солагӣ ва занон дар синни 55-солагӣ ба нафақа баромаданд. Мувофиқи ин, собиқаи кории зарурӣ барои мардон бояд 25 сол ва барои занон 20 сол бошад» [76].

Дар охири асри қаблӣ тағйироти иқтисодӣ дар ҳамаи кишварҳои дорои сохти Шуравӣ ба ҳолате оварда расонид, ки сатҳи истеҳсолот дар ҳамаи самтҳо нисбатан паст гардид ва дар натиҷа маблағузории давлатии самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ коҳиш ёфт. Вале кафолатҳои давлатии соҳаи иҷтимоие, ки дар низоми Шуравӣ муқаррар карда шуда буданд қариб тағйир наёфтанд. Вобаста ба ин дар ҳамаи давлатҳои сохти шуравӣ сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба онҳо дар вазъияти бад қарор дошт ва ҳамаи хароҷоте, ки дар соҳаи тандурустӣ ва соҳаи маориф пайдо мегардиданд аз ҳисоби даромади шахсии аҳолӣ пешбинӣ карда шуд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки моҳияти соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир аз нуқтаи назари иқтисоди миллӣ ақидаҳои гуногунро талаб мекунад, ки дар заминаи онҳо давлат хароҷоти соҳаи иҷтимоиро бо натиҷаҳои бадастовардаи ахлоқӣ ва иқтисодӣ муқоиса намуда, роҳҳои нави инноватсиониро барои таҳкими сиёсати иҷтимоии кишвар муайян менамояд ва инчунин барои рушди тамоми самтҳои соҳаи иҷтимоӣ چораҳо меандешад.

Дар ин ҳолат, муносибати одамон дар раванди татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти иқтисодӣ дар соҳаи иҷтимоӣ амал мекунад, ки дар натиҷа имконияти муқоиса ва интихоби роҳи зарурӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои иҷтимоӣ ба миён меояд. Бо таҳлили таъсири иқтисодӣ ба соҳаи иҷтимоӣ, метавон гуфт, ки дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ ба ноил шудан ба самаранокии баланди амалҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст, ки дар навбати худ амалисозии чораҳои зеринро таъмин менамояд:

1. Истифодаи оқилонаи тамоми захираҳои мавҷудаи молиявӣ ва моддӣ, ки дар навбати худ хусусияти маҳдуд доранд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳо мувофиқи андозаи чунин захираҳо истифода мешаванд;

2. Мубодилаи баъзе захираҳо ва натиҷаҳо ба захираҳо ва натиҷаҳои ҳамҷинс.

Соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун яке аз категорияҳои муҳими иқтисодиёт ба ҳисоб меравад ва вобаста ба ин хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ ва сатҳи сифати амалӣ гардидани онҳо ба воқеият табдил мегардад. Дар таҳқиқоти худ, бояд соҳаи иҷтимоиро дар самтҳои алоҳидаи он, аз ҷумла хусусиятҳои хоси онҳо дар сохтори иқтисоди миллӣ баррасӣ кард.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқи хусусиятҳои сохти иқтисодии соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар сурате имконпазир аст, ки он аз тарафи соҳаи иҷтимоӣ дар асоси нақшаи мушаххас анҷом дода шавад.

Ба ақидаи мо, пеш аз ҳама, хусусиятҳои сохторҳои ташкилию технологии соҳаро ба инобат гирифтан зарур аст. Дар марҳалаи дуюм бошад, хусусиятҳои

фаъолияти иқтисодиеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешаванд, аз нуқтаи назари модели иқтисоди бозоргонӣ таҳлил намудан муҳим мебошад.

Ҳамзамон, ҳангоми таҳлил баррасии чорабиниҳое, ки дар ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию ташкилӣ гузаронида мешаванд, пешбинӣ шудааст.

Аз он ҷумла, бояд ба сабабҳои иштироки давлат дар танзими фаъолияти ин соҳа ва вазифаҳое, ки он иҷро мекунад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, инчунин моделҳои имконпазири ташкил ва маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ, шаклҳои пардохти хизматрасониро баррасӣ намоем.

## 1.2. Асосҳои методии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ

Ислоҳоти дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ гузаронидашуда, сохти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври назаррас тағйир дод. Ягон системаи дигаре, ки ба стратегияи иқтисодии кишвар дахл дорад, таназзули низоми амалкунандаро махсусан дардовар ҳис накард, зеро пойгоҳҳои ҷамъиятии ба амал омада вайрон шуданд.

Ба таври мунтазам паст шудани сатҳи истифодаи қувваҳои истеҳсолӣ, номукаммалии сохтори соҳаи иҷтимоӣ, маҳдудияти қисми хароҷоти буҷети давлатӣ ҳамчун монеаи табиӣ барои татбиқи муқаррарии сиёсати иҷтимоии кишвар ва инчунин монеа шудан ба ҷамъшавии захираҳои молиявӣ амал мекунанд. Дар натиҷа, вазъияте ба вуҷуд омад, ки тақсимоти дурусти ин захираҳоро байни бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ ғайриимкон сохт.

«Дар айни замон, ҷомеаи муосир бо мавҷудияти тағйироти гуногуни куллӣ ва таҷдиди сохтор қариб дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллии кишвар фарқ мекунад. Илова бар ин, амалияи татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат гувоҳӣ онанд ки равандҳое, ки дар соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ амалӣ мешаванд, аз ҷиҳати хусусияти худ гуногунҷанба ва мураккаб буда, ба тартиботи ҷамъиятии давлати муосир таъсири дарднок мерасонанд. Тағйиротҳое, ки дар иқтисодиёти кишвар ва қонунҳои амалкунандаи иқтисоди бозорӣ ба амал меоянд, аз

тағйирёбии табиати муносибатҳои ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳанд, ки ба муҳаққиқон имкон медиҳад, шакли кунунии ҷомеаи имрӯзаи кишварро ҳамчун «давраи гузариш»» муайян кунанд [132].

Феълан аксарияти соҳаҳои иҷтимоӣ ба ислоҳот эҳтиёҷ доранд. Норасоии маблағ барои бахши иҷтимоӣ идома дорад, ки боиси камбизоатӣ ва нобаробарӣ мегардад. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама зарурати муайян кардани омилҳое ба миён меояд, ки боиси паст шудани сатҳи соҳаи иҷтимоӣ мегарданд. Дар робита ба ин, дар ҷараёни дигаргуниҳои бозорӣ мушкилоти соҳаи маориф, тандурустӣ ва нафақа он қадар намоён нестанд ва ба онҳо таваҷҷӯҳи кам дода мешавад.

Ба ақидаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолӣ ва ҷомеаи муосир ба тағйироти ҳамоҳангии сохтори иҷтимоии иқтисоди миллӣ ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, дар ҷумҳурӣ барномаҳои гуногун барои гузаронидани дигаргуниҳои сохторӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин принсипҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа пешбинӣ шудаанд, ба таври доимӣ таҳия карда мешаванд.

Ба фикри мо, ҷомеаи муосири тоҷик кайҳо боз ниёзманди тағйироти ҷиддии соҳаи иҷтимоӣ буд. Айни замон давлат нақшаҳои татбиқи ислоҳотро, ки ба беҳбуди соҳаи иҷтимоии ҷомеа, тағйир додани принсипи таъминоти нафақа, гузаштан ба низоми маблағгузорӣ нигаронида шудаанд, коркард карда истодааст. Хусусияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пеш аз ҳама, дар шакли тақсим кардани неъматҳои моддӣ, на дар мубодилаи қувваҳои дар раванди фаъолияти меҳнати сарфшуда ифода меёбад.

Марупова Н. Ш. чунин қайд намудааст, ки «...дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истилоҳи мазкур ба муносибати тағйир додани номи низоми таъминоти иҷтимоӣ дар мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ васеъ истифода мешавад. Мафҳуми ҳифзи иҷтимоӣ гуногунрангии робитаҳои инсон ва ҷамъиятро инъикос мекунад, ки ба шарофати он ҳаёти аҳолӣ, муайян ва татбиқи қобилиятҳои онҳо сурат мегирад. Аммо, ин равиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалияи

иҷтимоию сиёсӣ нисбатан ба наздикӣ пайдо шуд. Шароити зарурати ҳифзи иҷтимоиро қонун муқаррар мекунад» [155].

Дар низоми маориф низ тағйирот ба амал омад ва яке аз ин тағйирот ҷорӣ намудани имтиҳони ягонаи давлатӣ барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Дараҷаи баланди тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ сармоягузории пурқимматест, ки бояд дар солҳои ислоҳот нигоҳ дошта шавад. Агар ин дастрасии камбизоатон ба неъматҳои иҷтимоӣ ҳадди ақал қисман ҳифз карда шавад, пас камбизоатӣ ҳеҷ гоҳ барои як оилаи мушаххас, яъне наслҳои оянда умед надорад. Аз ин рӯ, ба аҳамияти сиёсати тараққиёти маориф, нигаҳдории тандурустӣ, таъминоти нафақа ва манзил аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан мумкин нест.

Агар ба марҳалаҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ назар намоем, он гоҳ чунин ҳолатро дида метавонем:

- Амалӣ гардидани тағйирот дар иқтисодиёт ва махсус дар соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла, татбиқи ҳуҷҷатҳо ва барномаҳои соҳавии таъиноти стратегӣ, ки барои рушди устувори иқтисоди миллӣ пешбинӣ шуда буданд, аз соли 2000 ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаи иҷтимоӣ мусоидат карданд. Бояд қайд кард, ки то соли 2020 афзоиши миёнаи солонаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 7,5 % ташкил дод ва сатҳи камбизоатӣ аз 83 % то 26,3 % дар соли 2020 коҳиш ёфт.

- Ҷорӣ намудани ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои гуногуни соҳавӣ дар таъмини суботи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар имкон дод, ки аз соли 2000 ба суръати баланди рушди иқтисодӣ ноил гарданд. Барои давраи солҳои 2000-2020 афзоиши миёнаи солонаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 7,5 % ташкил дод, ки ба коҳиши камбизоатӣ аз 83 % дар соли 1999 то 26,3 % дар соли 2020 ва давомнокии миёнаи умр аз 72 то 75 сол мусоидат кард.

- Сифати хизматрасонӣ дар соҳаи илму маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тадриҷан баланд гардида, дар тӯли 7 соли охир ба ин соҳаҳо

беш аз 62,4 миллиард сомонӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ, аз ҷумла, нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ равона карда шудааст. Музди миёнаи меҳнат дар аввали соли 2022 ба 1373,98 сомонӣ расид. Музди меҳнати кормандони соҳаи буҷет, аз ҷумла илм, маориф, тандурустӣ ва фарҳанг, ҳифзи иҷтимоӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тадриҷан афзоиш ёфта, дар ҳафт соли охир то 50 фоиз афзоиш ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки дар ин давра беш аз як миллион ҷойи корӣ таъсис дода шуд ва шумораи шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, аз 800 ҳазор то 374 ҳазор нафар, яъне беш аз дуюним маротиба кам карда шуд.

- То 1 майи соли 2022 шумораи умумии нафақахӯрон дар кишвар 756298 нафарро ташкил дода, андозаи нафақаи миёнаи меҳнатӣ 394,02 сомонӣ, нафақаи суғуртавӣ 302,26 сомонӣ, нафақаи иҷтимоӣ 201,52 сомонӣ ва дар маҷмуъ андозаи нафақаи миёнаи кишвар 320,34 сомонӣ мебошад [18].

Ҳамаи масъалаҳои дар боло зикршуда манзараи дигаргунсозиҳои иҷтимоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра инъикос намуда, имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои инислоҳотҳо муайян карда шаванд.

- Агар ба давраи эволютсионии рушди соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, пеш аз таҳлили вазъи кунунии соҳаи иҷтимоӣ одилона аст, ки низоми дастгирии давлатии Иттиҳоди Шуравиро ҳамчун асос қабул намоем, ки то ҳол дар тамоми ҷаҳон пазир надорад.

- Дар робита ба ин, Л.В. Константинова дар мақолаи худ [109] сиёсати иҷтимоиро тавсиф кард, ки ҳамчун соҳаи мустақили фаъолияти ҳукумат, ки ба танзими муносибатҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар раванди ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ равона шудааст ва ба қонеъ кардани ниёзҳои иҷтимоии аҳолии кишвар равона шудааст.

«Дар аввали солҳои 2000-ум олимоне, ки бо таҳқиқи мушкилоти соҳаи иҷтимоӣ машғуланд, диққати худро ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ, ки ба он табақаҳои бекор, нафақахӯрон, маъюбон ва ятимон дохил мешаванд, равона карданд» (С.А. Кузмин [53], Т.Я. Четвертина [78], Б.Д. Бреев [43]).

«Масъалаҳои асосии самтҳои гуногуни сиёсати иҷтимоӣ аввалин маротиба дар корҳои илмии олимони соҳаи таърих баррасӣ гардидаанд Н.П. Крюков [153], С.Е. Ружентсев [158]».

Дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта, ки бо пошхӯрии ИҶШС замина гузошта шуд, системаи иқтисодиёти нақшавӣ хеле коҳиш ёфт. «Ин ҳама аз ҳисоби бесамар будани банақшагирӣ ва тақсимоти маблағҳои молиявӣ амалӣ карда шуд, ки ба коҳиши қариб ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ оварда расонд, ки сабаби боздоштани рушди иқтисодиёт гардид. Тибқи баъзе нишондиҳандаҳо, дар аввали соли 1991 норасоии буҷет 20-30% ММД-ро ташкил медод ва қарзи хориҷии Иттиҳоди Шуравӣ дар он вақт зиёда аз 103,9 миллиард долларро ташкил медод» [136].

Агар худи Иттиҳоди Шуравиро гирем, гуфтан мумкин аст, ки вай сохти мукаммали ҷамъиятӣ дошт. Барои маориф, нигаҳдории тандурустӣ, сохтмони манзил, ёрдампулию нафақаҳои чанд гуна категорияҳо захираҳои молиявии азим вуҷуд доштанд.

Фарқи асосии Иттиҳоди Шуравӣ аз дигар кишварҳо дар он буд, ки таҳсилот аз ҳисоби давлат буд, ки дар натиҷа он дар сатҳи баланд қарор мегирифт. Илм низ дар канор намонд, зеро ба он аз ҷониби давлат низ диққати зиёд дода мешуд. Аз ин рӯ, илм аз ҳисоби буҷети давлатӣ хуб маблағгузорӣ мешуд. Дар назди ҳар як муассиса намояндагони иттифоқи касаба фаъолият мекарданд, ки кормандони маориф ва илмро тавассути додани роҳхатҳои ройгон ба ҳама гуна шифохонаҳо ва курортҳо ҳавасманд мекарданд.

Дигар фарқияти асосии Иттиҳоди Шуравӣ дар он аст, ки бекорӣ дар ҷомеа ҷазо дода мешуд. Маҳз набудани бекорӣ намунаи баҳс ва баҳсҳои бисёр кишварҳои ғарбӣ буд. Тибқи баъзе арзёбиҳо, бекорӣ, ки бо камбизоатӣ алоқаманд буд, дар Иттиҳоди Шуравӣ тақрибан то 10% - ро ташкил медод, ки ин аз сатҳи баланди соҳаи иҷтимоии шуравӣ шаҳодат медиҳад.

Аммо, дар баробари тарафҳои мусбати иқтисодиёти нақшавии Шуравӣ, баъзе тарафҳои манфӣ низ вуҷуд доштанд. Ин пеш аз ҳама дар банақшагирии

нобаробари хароҷот ва даромади маблағҳои молиявӣ ифода меёфт. Музди меҳнат барои ҳамаи категорияҳои шаҳрвандони корӣ нобаробар буд, ки боиси он шуд, ки баъзеҳо метавонанд аз ҳисоби даромади баланд миқдори кофии амволи шахсии худро ҷамъ кунанд.

Дар низоми нафақахӯрии Иттиҳоди Шуравӣ нафақаҳои ҷории давлатӣ аз ҳисоби ҳиссаҷудокунии ҷории ҳатмии коркунон таъмин карда мешуданд. Дар ин ҷо низоми номбурда хусусияти мутамарказӣ ва ҷудокунанда дошт. Дар Иттиҳоди Шуравӣ принсипи низоми нобаробари пардохт амал мекард ва дар он ифода меёфт, ки андозаи пардохти нафақа аз музди меҳнат вобаста аст, яъне ҳар қадар музди меҳнат баландтар бошад, ҳамон қадар пардохтҳои нафақа низ баланд буданд.

Соли 1953, вақте ки И.В. Сталин аз олам даргузашт, иқтисоди Иттиҳоди Шуравӣ ба самти дақиқ, яъне ба таъминоти иҷтимоӣ такия кард. То соли 1950 тадбирҳои махсус таҳия карда шуданд, ки сатҳи зиндагии аҳолии кишварро ба сатҳи баланд расонанд, ки ин барои ҳар як шаҳрванди шуравӣ дастраси манзилро ифода менамуд.

«Аз соли 1955 то соли 1964 дар баъзе шаҳрҳои калон, асосан пойтахтҳои Ҷумҳуриҳои Шуравӣ, фонди манзил ба 80% расид. Ғайр аз ин, ҳар як шаҳрванди чоруми Иттиҳоди Шуравӣ метавонист бо хоҳиши худ таътили худро ба нақша гирад. Намуди дастрасии манзил низ тағйир ёфт. Одамон аз ҳуҷраҳои коммуналии худ ба манзилҳои пурра, гарчанде ки аз рӯи масофа хурд бошанд ҳам, гузаштанд. Дастрасии манзил фавран ба фаъолияти маънавии шаҳрвандон таъсир расонд, ки боиси баланд шудани сатҳи таҳсилот, илм, тандурустӣ ва фарҳанг гардид» [127].

Дар баробари ин дар аввали солҳои 1950-ум ва 1960-ум вақте, ки вазъи иқтисодӣ нисбатан бад шуда, тамоюли ҳукумат барои ҳалли масъалаҳо аз номи меҳнаткашон торафт бештар зоҳир гардид. Дараҷаи тарофаҳо дар истеҳсолот қариб сеяк кам шуда, нархи молҳои рӯзгор 25-30% баланд шуд. Ба туфайли ин шуури аҳолии Иттиҳоди Шуравӣ самти дигар пайдо намуд.

Краснов Б.И. дар мақолаи худ қайд намудааст, ки «...мазмуни шуури сиёсӣ дар баъзе кишварҳо аз маҷмуи талабот ва арзишҳои оқилона иборат аст, ки ба талаботи субъектҳои муайяни сиёсӣ ҳамчун интиқолдиҳандаи яке аз намудҳои шуури сиёсӣ ҷавобгӯ мебошанд. Дар дигар кишварҳое, ки идеологияи сиёсӣ дар шуури омма бартарӣ дошта, дар баробари ин рафтори онҳоро дар муносибатҳои сиёсӣ танзим ва назорат мекунад, шуури сиёсӣ бештар хусусияти мифологӣ ва хаёлӣ дорад» [112].

Шуури сиёсӣ вокуниши субъектҳои ҳаёти сиёсиро ба ҳодисаҳои дар он рӯйдодаро пешбинӣ менамояд. Он шаклҳои зеринро дар бар мегирад:

- ба низом даровардашуда (идеология);

- шаклҳои аслӣ (психологияи маъмул).

Идеологияи сиёсӣ ин маҷмуи ғояҳое мебошад, ки ҳадаф ва манфиатҳои субъектҳои ҳаёти сиёсиро дар шакли арзишҳо ва барномаҳои амалӣ ифода мекунанд. Баъзан онро шуури назариявӣ низ меноманд, аммо ин нодуруст аст, зеро назария ҳақиқатро меҷӯяд ва идеология арзишҳо ва манфиатҳоро сафед мекунад. Идеологияро намояндагони элита барои паҳн кардан дар байни онҳо ташкил медиҳанд. Ин ҳукмҳоеро дар бар мегирад, ки як арзиш ё манфиати сиёсиро нисбати дигараш асоснок мекунанд.

Масъалаи шуури сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон дар байни бисёр масъалаҳои сиёсӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Дараҷаи рушди шуури сиёсӣ дар кишвар аз муваффақияти ислоҳоти соҳаҳои мухталиф, муттаҳидӣ, ваҳдат ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ вобаста аст. Барои ҳамин, дар шароити имрӯза дида баромадани масъалаи инкишофи шуури сиёсӣ дар мамлакат аҳамияти аниқи илмӣ - назариявӣ дорад.

Рушди шуури сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон аз вазъи ҳозираи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ марбут аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксари мавридҳо вазъи имрӯзаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ метавонад боиси тағйири самти шуури сиёсӣ гардад [81].

Ҳамзамон, бо ин мафҳуме ба монанди шуури сиёсӣ пайдо мешавад, баъзе олимон онро ҳамчун идеологияи сиёсӣ, ки ба муносибатҳои сиёсӣ дохил карда шудааст, тавсиф мекунанд. Аммо, тавсифи пурраи идеологияи сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ имконнопазир аст, зеро агар баробарии фаъолияти рӯҳонӣ дар якҷоягӣ бо шуур, инчунин дарки назарияҳо ва амалияҳои мавҷуда дар ин соҳа ба назар гирифта шаванд, назарияҳои муосир арзиши худро каме гум мекунанд [116].

Дар ин маврид, махсусан бояд қайд намуд, ки шуури сиёсӣ чизе ҷуз талошҳои синфҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нест, ки иродаи худро ҳамчун таҷассуми ихтиёрии воқеият ифода мекунанд. Г. Гегел, вақте сухан дар бораи тафаккур ва ирода меравад, чунин менависад: «…тасаввур кардан, ки одами солим ақидаи алоҳида ва бемор фикри дигар дорад ғалат аст. Аммо, ӯ чунин нуқтаи назар дорад, ки хоҳиш дар як ҷайб ва ирода дар ҷайби дигар аст... Фарқи байни хоҳиш ва ирода ин танҳо фарқи байни равишҳои назариявӣ ва амалист, вале онҳо ду имкониятро ифода намекунанд: ин тафаккур аст, ҳаракаткунанда ба сӯйи мавҷудият ва такондиҳандаи ҳаракат ба сӯйи вуҷуд» [95].

Бинобар ин шуури сиёсиро метавон ба таври зерин нишон дод (расми 1.3).




**Расми 1.3 - Таснифи шуури сиёсӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Ба ақидаи З.А. Хубиева, «...моҳияти муфиди амалии назарияи сиёсӣ дар асосноккунии назариявии ҳукумати мавҷуда мебошад». Чунин ба назар мерасад, ки ҳангоми таҳлили назарияи сиёсӣ ба ғайр аз муаммоҳои илмӣ будани он, инчунин омӯхтани сохти он низ аҳамияти калон дорад [141]. Дар баробари ин мо қайд мекунем, ки илми сиёсӣ идеяҳои барномавӣ, стратегӣ, тактикӣ, инчунин сиёсати ҳарбии давлатҳоро дарбар мегирад.

Дар робита ба ин, вақте ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои назаррас дар иқтисодиёт вобаста ба гузариш ба шароити бозорӣ ба амал омаданд, дар навбати аввал маҳз соҳаи иҷтимоӣ осебпазир гардид. Барои баррасии муфассали тағйирот дар соҳаи иҷтимоӣ, мо бояд ба соҳаи нафақа, ки бо усули тақсимот тавсиф шудааст, ҳамчун намуна диққат диҳем. Аз ин лиҳоз, дар ин усул як қатор камбудиҳоро дидан мумкин аст, ки ба тамоми соҳаи иҷтимоӣ дар маҷмуъ таъсири манфӣ мерасонанд. Барои баланд бардоштани сатҳи таъминоти нафақа, меъёри саҳмияҳои нафақаро низ ба таври возеҳ баланд бардоштан лозим аст, ки дар натиҷа гаронии буҷети давлатӣ зиёд мешавад, аммо ин амал даромади нафақахӯронро зиёд мекунад.

Дар мавриди низоми нафақа дар Иттиҳоди Шуравӣ, қарор дар бораи ислоҳоти он дар солҳои охири асри гузашта қабул карда шуд ва аз ҷониби олимони шуравӣ пас аз эълони низоми «бозсозӣ» дастгирӣ карда шуд. Дар давраи «бозсозӣ» пардохтҳои нафақа зиёд шуданд, гарчанде ки хусусигардонии оммавии амволи давлатӣ ҳанӯз мушоҳида нашуда буд.

Аммо, бо афзоиши пардохтҳои нафақа, нафақаҳо то охир пардохт нашуданд ва дар айни замон таносуби онҳо ба музди меҳнат низ хеле фарқ мекард. Бояд қайд кард, ки тарҳҳои иҷтимоӣ дар охири асри гузашта бо меъёри номиналии нафақа мутобиқат намекарданд, ки ин коҳиши соҳаи мазкурро нишон медод.

Дар мавриди андози иҷтимоӣ, меъёри он ба 5% баробар буд, ки одатан нафақахӯронро бо пардохтҳои пулӣ пурра таъмин карда наметавонист. Ин нишон медиҳад, ки вақте давлат аз фурӯши сарватҳои табиӣ ё дигар объектҳои

таъиноти давлатӣ даромад мегирифт, қисми муайяни ин даромадҳо ба нафақа равона карда мешуданд.

Дар ин ҳолат, бояд қайд кард, ки дар он замон манбаъҳои асосии пардохтҳои нафақа дар кишвар ва дар ҳар як ҷумҳурӣ фондҳои нафақа буданд ва андозаи худи пардохтҳои нафақа хеле нобаробар буд, яъне баъзе табақаҳои аҳолӣ нафақаи баланд мегирифтанд ва баъзеҳо нафақаи камтар аз ҳадди ақали зиндагӣ мегирифтанд.

«Ин махсусан ба даромади ғайри меҳнатӣ ва дар навбати аввал даромади муътадил ва монополистӣ дахл дорад. Принсипи адолати иҷтимоӣ талаб мекунад, ки ин навъҳои даромад бо пуррагӣ ба ҷамъият тааллуқ дошта, дар навбати аввал барои таъмин намудани шахсоне равона карда шаванд, ки ҳанӯз қобилият надоранд ва ё дигар қобили меҳнат нестанд» [117].

«Дар шароитиислоҳоти иқтисодӣ дар ибтидои солҳои 1990 коҳиши умумии истеҳсолот, паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таварруми баланд ва афзоиши шумораи бекорон давлат кӯшиш намуд, ки усулҳои нави сиёсати иҷтимоӣ, яъне гузаштан аз кафолатҳои умумии иҷтимоӣ ба ёрӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ коркард намояд. Аммо, чӣ тавре ки амалия нишон дод, сабаби асосии аз байн рафтани бисёр дигаргуниҳои иҷтимоӣ ин набудани дастгирии молиявии сиёсати нав буд» [89].

Агар дар бораи кишварҳои дорои иқтисоди гузариш сухан ронем, гуфтан мумкин аст, ки бисёре аз муҳаққиқон мегӯянд, ки системаи нафақа ба иқтисоди миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аммо, то ҳол ақидаи ягона вуҷуд надорад, ки чаро системаи нафақа беэътимод ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, бояд тамоми талошҳои аксари кишварҳоро, ки ҳамзамон бо ислоҳоти нафақаи гузаронидашуда, барои мубориза бо камбизоатӣ дар байни нафақахӯрон чораҳо меандешиданд, қайд кардан ба маврид аст.

Дар аксари ҳолатҳое, ки марҳалаи ислоҳоти бозориро аз сар гузарониданд низоми нафақавӣ хусусияти якхеларо дошт, ки дар ҳиссаҷудокунии ҳатмӣ аз ҳисоби кормандон ба фондҳои нафақавӣ ифода ёфта буданд. Дар он замон,

пардохтҳои нафақа асосан бо усули мутамарказ сурат мегирифтанд, зеро танҳо як фонди нафақа вуҷуд дошт – фонди давлатӣ. Ва барои таъсиси фондҳои нафақаи хусусӣ шароити зарурӣ вуҷуд надошт.

Агар системаи нафақаро бо дигар самтҳои соҳаи иҷтимоӣ муқоиса кунем, пас метавон гуфт, ки он хусусияти устувортарин дорад, яъне камтар ба тағйироти куллӣ дучор мешавад. Ин аз он сабаб аст, ки системаи нафақаро дар муддати кӯтоҳ тағйир додан хеле душвор аст, зеро барои ислоҳоти пурра солҳои зиёд зарур аст.

Хусусияти системаи нафақа дар он аст, ки он сохтори хеле содда дорад, яъне андозҳои иҷтимоӣ дар як самт, дар як фонди пасандоз ҳаракат мекунанд. Аммо, шакли ифодаи низоми нафақа дар ҳамаи давлатҳо гуногун аст ва аз усулҳои ҷамъоварӣ ва тақсимоти маблағҳои молиявӣ фарқ мекунад. Низоми нафақаи шуравӣ аз нуқтаи назари пардохт бо гуногунии назаррас фарқ мекард, яъне андозаи нафақаи пардохтшуда бевосита аз музди меҳнат вобаста аст.

Ҳангоми таҳқиқ ва омӯзиши ақидаву асарҳои муҳаққиқон маълум гардид, ки унсурҳои ҳифзи иҷтимоӣ гуногуншакл аст. Дар рафти таҳқиқоти мо маълум гардид, ки унсурҳои зерин ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бештар таъсир мерасонанд. Ҳифзи иҷтимоӣ бо суғуртаи иҷтимоӣ низ зич алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, суғуртаи иҷтимоӣ аз се бахши асосӣ иборат аст: сиёсати музди меҳнат, тадбирҳои иҷтимоӣ дар бозори меҳнат ва сиёсати манзилӣ (расми 1.4).




**Расми 1.4 - Унсурҳои таркибии ҳифзи иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Аз ин бармеояд, ки низоми ҳифзи иҷтимоӣ на аз имкониятҳои молиявии иқтисодиёти кишвар ва вазъи демографии он вобаста аст. Сатҳи нафақа ё имтиёзҳое, ки дар ҳаҷми онҳо нобаробарӣ мебошанд, аз шумораи шаҳрвандони ба нафақа баромада, кӯмакпулӣ, ҳисоби андозҳои иҷтимоӣ ба фонди нафақа ва маркази шуғли аҳолӣ вобаста аст.

Ҳиссаи хароҷоти нафақавӣ дар ММД бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

**1. Нафақаи миёна ба як пардохткунанда**

$$P = \frac{N^U}{\text{Шумораи пардохткунандагон}} \qquad (1)$$

ки дар он:

- **N^U** – Ҳаҷми умумии нафақаҳо

формула нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ҳар як пардохткунанда чӣ қадар маблағи нафақа «таъмин» мекунад.

**2. Нишондиҳандаи ҳиссаи миёнаи нафақа нисбат ба ҳиссаи ММД ба як пардохткунанда**

$$P = \frac{N^m}{\text{ММД}_{\text{пардохкунанда}}} \qquad (2)$$

ки дар он:

- **P** – нишондиҳандаи нафақаи миёна нисбат ба ҳиссаи ММД ба як пардохткунанда;
- **N^m** – ҳаҷми миёнаи нафақа дар кишвар;
- **ММД шумораи пардохткунандагон** – шумораи шахсоне, ки андоз ё саҳмияҳои иҷтимоиро пардохт мекунанд.

Ин нишон медиҳад, ки нафақаи миёна чӣ қадар аз ҳиссаи ММД, ки ба ҳар як пардохткунанда рост меояд, баробар аст.

**3. Нафақаи миёна дар фоиз нисбат ба ММД ба ҳар сари аҳолӣ**

$$P = \frac{\text{Нафақаи миёна}}{\text{ММД ба ҳар сари аҳолӣ}} \times 100\% \qquad (3)$$

Ин формула нишон медиҳад, ки нафақаи миёна чанд фоизи ММД ба ҳар сари аҳолиро ташкил медиҳад.

Дар қисми якуми формула шумораи нафақахӯрон ба ҳар як коргари ҳиссагузор нишон дода шудааст. Муайян мегардад, ки арзиши он аз ду омили асосӣ вобастагӣ дорад.

Якум, ба он вобаста аст, ки шумораи аҳолӣ то чӣ андоза «куҳансол» мебошад, яъне дар байни аҳолӣ шумораи одамони синну соли нафақахӯр чӣ қадар аст. Чӣ қадаре, ки ин ҳисса зиёд бошад, ҳамон қадар барои нафақа бештар пул сарф карда мешавад. Чунки, ин аз ҳиссаи пардохткунандагон дар байни аҳолии қобили меҳнат вобастагӣ дорад. Чӣ қадар миқдори одамони саҳмгузор кам бошад, ҳамон қадар гаронӣ бар дӯши ҳар як пардохткунанда зиёдтар мешавад.

Қисми дуюми формула нишон медиҳад, ки низоми нафақа то чӣ андоза пардохтпазир аст. Он дар навбати худ, аз ду омил вобаста аст: таносуби музди миёнаи кор ва нафақаи миёна ва ҳиссаи музди меҳнат дар ММД. Чӣ қадаре, ки низом пардохтпазир бошад, ҳиссаи ММД, ки бояд барои нафақа сарф шавад, ҳамон қадар зиёд мешавад; ҳиссаи музди меҳнат дар ММД ҳар қадар кам бошад, барои нафақа ҳамон қадар камтар захира сарф кардан мумкин аст.

«Дар мавриди масъалаҳои зернизомҳои гуногуни ҳифзи иҷтимоӣ, хусусиятҳои он, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва рушди шароити иҷтимоӣ, ба корҳои олимони ватанӣ такя кардан зарур аст, аз қабили: Р.К. Раҷабов [65], Р.К. Раҳимов [129], А.Ҷ. Ҷабборов [152], С.Ҷ. Комилов [49], М. Н. Нурмаҳмадов [61], А.А. Мирзоалиев [59], М.И. Хоҷаева [140], Д.Б. Қодиров [48], Ш. Дустбоев [47]» ва ғайра.

Дар ин хусус олимон аз қабили Д.С. Амонова [87], А.Б.Мирсаидов [119], Ҷ.У. Султонзода [161], А.Х. Маликова [154], Т.А. Алимардонов [147], Н.У. Сафаров [160], Р.Н. Саидов [159] масъалаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои гуногуни аҳолиро «…ҳамчун маҷмуи тадбирҳои дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки дастгирии ҳадди ақалро барои гурӯҳҳои осебпазири

аҳолӣ таъмин менамояд, ки давлат дар давраи рушди иқтисодиёт кафолат медиҳад, инчунин тағйирот ва якҷоя паст шудани дараҷаи зиндагонӣ» баррасӣ менамоянд.

Дар охири асри гузашта, пардохти нафақа сол аз сол коҳиш ёфт. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он вақт пардохтҳои нафақа дар ҳолати норасоии буҷети давлатӣ амалӣ мешуданд. Ин ба он оварда расонд, ки нафақахӯрон то соли 2010 нафақаи худро 2 ё 3 моҳ дертар мегирифтанд.

Ин вазъ аз ҳисоби афзоиши шумораи нафақахӯрон дар кишвар, алалхусус пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва истиқлолияти бисёр ҷумҳуриҳо ба вуҷуд омад. Давраи гузариш бо бекории оммавӣ аломатгузорӣ шуд, ки дар натиҷа бисёр кишварҳои пасошуравӣ қоидаҳои барвақт ба нафақа баромаданро риоя карданд. Табиист, ки манбаъҳои фондҳои нафақа низ қобилияти пардохти нафақаро надоштанд, зеро соҳаҳои асосии хоҷагии халқ дар арафаи зинда мондан буданд. Боиси қайд мебошад, ки ба системаи нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 90-ум ҷанги шаҳрвандӣ низ таъсир расонд, ки дар иқтисодиёти миллӣ изи сангин гузошт.

Аз ин рӯ, дар системаи нафақа байни пардохткунандагони нафақа ва гирандагони нафақа номутаносибӣ ба амал омад. Масалан, агар як нафақахӯре, ки маоши кам мегирад, ҳадди ақал ба ду андозсупоранда ниёз дорад. Агар ин ҳолат рӯ нагирад пас давлат маҷбур аст, ки ситонидани андози иҷтимоиро аз муассисаҳо тавассути болоравии меъёри он сахттар кунад

Чунин андоз хоҳиши пинҳон кардани як қисми музди меҳнатро аз андозбандӣ ба вуҷуд меорад, ки дар навбати худ шаҳрвандонро маҷбур мекунад, ки саҳмҳоро боз ҳам зиёд кунанд, то ки зиндагии худро бо ягон роҳ идома диҳанд. Бо чунин даромад кифоя аст, ки ба ҳамаи нафақахӯрон нафақаро аз дараҷаи ҳадди ақали зиндагонӣ андаке зиёд дода шавад.

Бояд қайд кард, ки андозаи нафақаи гирифташуда аз ҳадди ақали зиндагии он солҳо ду баробар камтар буд. Пас аз таваррум ва касри буҷет, ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, ки нафақа мегирифтанд, амалан як хел мегирифтанд ва

ин боиси он шуд, ки дар ҳамаи кишварҳои пасошуравӣ фондҳои нафақа то охир пур карда нашуданд. Ғайр аз он ба ин вазъ, инчунин нокомилии системаи андозбандӣ ва ҳолатҳои саркашӣ аз андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъсир расонидааст. Бартараф намудани ин доираи ногувор яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад.

Новобаста аз ин андешаҳо гузариш ба низоми ҷамъшаванда ва баланд бардоштани синни нафақа, дар ҳақиқат корҳо кам ба анҷом расидаанд. Ин аз он сабаб рух медиҳад, ки баъзе кишварҳои пасошуравӣ синни миёнаи нафақаро паст намудаанд.

Дар натиҷа, ба тағйирёбии низоми нафақа омилҳои зиёде таъсир мерасонанд, ба монанди вазъи сиёсии кишвар ва номукаммалии фаъолияти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар оғози давраи гузариш асъори миллии худро надошт ва ҳамаи амалиётҳои пулӣ бо рубли русӣ анҷом дода мешуданд.

Ин чунин маъно дорад, ки муносибати махсус ба нафақахӯрон комилан асоснок аст. Аксари кишварҳо ба нафақахӯрон дар тақсими саҳмияҳо, ваучерҳо ва манзил имтиёзҳои гуногун медиҳанд.

Аз ин рӯ, нафақаи миёнамоҳонаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида метавонем. Нафақаи соли 1991 бо рубли Русия, нафақа аз соли 2000 - 2023 бо сомонӣ (диаграммаи 1.1).

**Диаграммаи 1.1 - Нафақаи миёна дар як моҳ дар солҳои 1991-2023 бо сомонӣ***




***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – С.167 [20].

Дар робита ба ин, бо тамоми суботи худ, низоми нафақаи аксари кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла низоми нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тағйир додан зарур аст, зеро низоми фарққунандаи пардохти нафақа ба низоми ягонаи давлатӣ гузашт. Минбаъд риояи низоми тавозун байни саҳмҳои нафақа ва андозаи пардохтҳои нафақа зарур аст. Аммо, системаи нафақаи мо аллакай қадамҳои аввалини ташкили фондҳои хусусии нафақаро дорад, ки рушди онҳо аз рушди бозорҳои молиявӣ вобастагӣ дорад.

«Инчунин, дар натиҷаи гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ дар аксари ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон камшавии шуғли аҳолӣ ва музди миёнаи меҳнат ба амал омад, ки боиси кам шудани ҳиссаи даромади меҳнат дар ММД гардид. Баръакс, дар аксари кишварҳои Аврупои Шарқӣ ин ҳисса афзоиш ёфтааст. Масалан, дар Русия ҳиссаи музди меҳнати коргарони кироя дар ММД дар солҳои 1992-1995 аз 36,7% то 30% кам шудаст» [85].

Дар мавриди даромади аҳолӣ, бояд қайд кард, ки аҳолӣ танҳо бо музди меҳнат маҳдуд намешавад. Аз ин лиҳоз, даромади иловагии аҳолӣ аз унсурҳои зерин низ вобаста аст. (расми 1.5).




**Расми 1.5 - Унсурҳои даромади аҳолӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Дар баъзе ҳолатҳо, маоши кам аҳолиро маҷбур мекунад, ки манбаъҳои дигари даромадро пайдо кунанд, зеро таъсири ислоҳоти бозор ба ҳама гуна даромади аҳолӣ комилан муқаддас нест ва барои баъзе табақаҳои аҳолӣ дастрас нест. Либерализатсияи иқтисодиёт боиси сарватманд шудани бахши хусусӣ гардид ва аз ҳисоби касри солонаи буҷети давлатӣ, интиқоли маблағ ба соҳаи маориф ва тандурустӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт ё аз ҷиҳати ҳаҷм нокифоя буд, ки ба ноустувории иҷтимоӣ дар кишвар оварда расонд.

Саволҳои таҳқиқотшуда имконият медиҳанд, ки як қатор мушоҳидаҳо сарфи назар шаванд. Аввалан, дар аксари кишварҳо афзоиши ҳиссаи даромади хонаводаҳо дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мушоҳида шудааст. Аммо, дар аксари кишварҳо коҳиши даромади меҳнатӣ асосан аз ҳисоби афзоиши даромади тиҷорати хусусӣ ҷуброн карда шудааст.

Дар мавриди кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва Аврупои Шарқӣ бошад, маблағгузории иҷтимоӣ ба тағйироти хеле гуногун дучор шудаанд: субот ё рушди суст дар гурӯҳи собиқи кишварҳо ва афзоиши назаррас дар гурӯҳи Аврупои Шарқӣ.

Бо назардошти миқёси коҳиши ММД дар кишварҳои тозаистиқлол, коҳиши воқеии кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ниҳоят дардовар буд. Ва ниҳоят зарари калонтарин ба соҳаи иҷтимоӣ, яъне нигаҳдории тандурустӣ ва маориф расид.

Ба ин ё он дараҷа кам шудани музди миёнаи аслии музди меҳнат ва кам шудани даромади аслии аҳолӣ дар марҳалаи якуми гузаштани иқтисодиёт ба муносибатҳои бозаргонӣ омили ягонаи афзоиши шиддати соҳаи иҷтимоӣ набуд.

Хусусан дар давраи гузариш, аҳолии синфи миёна ба тағйирёбии бозор осебпазир буданд. Сабаби ин дар он буд, ки синфи миёна ҳамеша маоши хурд мегирифт, ки ягона манбаи даромад ва воситаи зинда мондан буд.

Дар байни аҳолӣ низ, аз рӯи сатҳи даромад сатҳи баланди фарқкунӣ вуҷуд дошт, яъне ҳама бо роҳҳои гуногун кор мекарданд ва тадриҷан аҳолӣ ба гурӯҳҳо тақсим карда мешуд. Гурӯҳи одамоне, ки даромади доимии баланд

доранд ва гурӯҳи одамоне, ки даромади миёна ё кам доранд. Ҳамчунин табақаҳои аҳолӣ низ буданд, ки амалан ягон даромад надоштанд.

Нобаробарии даромади аҳолии кишвар боиси он мегардад, ки индекси рушди инсон дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Ин маънои онро дорад, ки камбизоатӣ меафзояд. Қашшоқӣ дар солҳои гузариш ба муносибатҳои бозорӣ васеъ паҳн шуда буд.

Дар иқтисодиёти собиқ ИҶШС мафҳум ба монанди камбизоатӣ ё қашоқӣ вуҷуд надошт. Аммо, баъзе одамон ба дурустии чунин далелҳо шубҳа доштанд. Тибқи баъзе иддаоҳо, камбизоатӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ба назар мерасид, гарчанде ки сатҳи он аз 10% зиёд набуд, ки ин аз музди меҳнати кам ва нокомии чунин табақаи аҳолӣ барои харидани молҳои асосии истеъмолӣ шаҳодат медод, ки дар натиҷа одамон ҷойҳои кории худро тарк карданд. Албатта ин ба сатҳи бекорӣ дар кишварҳои пасошуравӣ таъсири калон расонд.

Ҷорӣ намудани низоми дигар метавонад оқибатҳои манфӣ дошта бошад. Дар сатҳи баланд ба қадри кофӣ азнавташкилдиҳии сохтори иқтисоди миллӣ бо коҳиши қувваҳои истеҳсолӣ дар қариб ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ алоқаманд аст, ки боиси таназзули бисёр корхонаҳои ватанӣ, аз ҷумла корхонаҳои бахши саноатии иқтисодиёт гардид. Дар натиҷа, сарбории буҷети давлатӣ зиёд шуд, ки аз ҳисоби он самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Маҳдудият дар маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ ба он оварда расонд, ки самтҳои асосии он, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ оқибатҳои маблағгузории соҳаи иҷтимоиро комилан эҳсос карданд. Дар айни замон, маблағгузории самтҳои дар боло зикршуда ва махсус самти тандурустии соҳаи иҷтимоӣ сол аз сол меафзояд.

Тандурустӣ. Сохтори хароҷоти нигаҳдории тандурустӣ низ куллан тағйир ёфтааст. Бисёре аз кишварҳое, ки сатҳи хароҷоти буҷети давлатиро зиёд карданд, инчунин маблағгузории сохтмони сармояро коҳиш доданд, ки боиси афзоиши хароҷоти меҳнат гардид. Аммо, вазъи соҳаи тандурустӣ то ҳол дар сатҳи кофӣ боқӣ намондааст, ҳатто дар сатҳи паст қарор дорад. Дар ин ҳолат,

масъала на дар бораи микдори маблағҳои буҷетӣ барои тандурустӣ, балки дар бораи он, ки истифодаи маблағҳои молиявии аз буҷет гирифташуда то чӣ андоза оқилона хоҳад буд, ба миён меояд.

Дар айни замон, дар байни сатҳи хизматрасонии тиббӣ дар бисёр кишварҳо фарқияти калон ба назар мерасад, ки дар бораи вазъи системаи тандурустӣ сухан меронад. Ҳар як кишвар ислоҳоти худро вобаста ба системаи тандурустӣ ба таври худ анҷом додааст. Баъзе кишварҳо суғуртаи тиббиро ҳатмӣ карданд ва баъзеҳо муассисаҳои тиббиро ба ҳисоби хоҷагидорӣ гузарониданд. Ин амал имкон дод, ки бори буҷети давлатӣ, ки бо қисми хароҷоти он алоқаманд аст, сабук карда шавад.

Чунин чораҳо дар айни замон низ қобили қабуланд, зеро тибби пулакӣ ҳамеша гарон буд ва барои ҳама дастрас набуд. Бисёре аз категорияҳои шаҳрвандон имконияти истифодаи хизматрасониҳои тиббии клиникаҳои хусусӣ ё беморхонаҳоро надоранд ва аз ин рӯ, онҳо бояд ба табобат дар муассисаҳои тиббии давлатӣ умед банданд, ки дар он сатҳи хизматрасонӣ ва шароити зист дар сатҳи нокифоя қарор доранд. Илова бар ин, аксари доруҳо аз ҳисоби беморон ба даст оварда мешаванд.

Таҷрибаи бисёр кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки маблағгузории системаи тандурустӣ тавассути фондҳои хусусӣ ё намудҳои муайяни суғуртаи тиббӣ нисбат ба системае, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба таври устувор маблағгузорӣ мешавад, сармояи бештарро талаб мекунад.

Маориф. Дар фазои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти иқтисодӣ низ бевосита ба системаи маориф дахл дошт. Норасоии буҷети давлатӣ ба даромади кормандони соҳаи маориф таъсири манфӣ расонд. Бисёре аз кормандони ин соҳа маҷбур шуданд, ки аз ҷойҳои кории худ даст кашанд ва аз сабаби кам будани музди меҳнат манбаъҳои дигари даромадро ҷустуҷӯ намоянд.

Сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти умумии давлатӣ, инчунин ба он оварда расонд, ки

шумораи омӯзгорони мактабҳои миёна, хусусан дар деҳот ва минтақаҳои дурдасти кишвар ба таври назаррас коҳиш ёфт. Ин инчунин аз нарасидани маблағҳои молиявӣ дар буҷети давлатӣ шаҳодат медиҳад. Дар робита ба таҳсилоти олӣ, аз солҳои 90-уми асри гузашта то имрӯз дар ҳар як муассисаи таълимии давлатӣ шумораи муайяни донишҷӯён аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил мекунанд, аммо онҳо бояд ҳадди ақал се сол дар муассисаҳои давлатӣ фаъолият намоянд.

Аммо, бояд қайд кард, ки изи Шуравӣ то ҳол дар аксари муассисаҳои таълимии давлатӣ дида мешавад. Бисёре аз донишҷӯён сатҳи баланди дониш доранд ва аз кишварҳои ғарбӣ бо дониш ва малака дар фанҳои дақиқ ва гуманитарӣ фарқ мекунанд. Ин ба шарофати устодон ва омузгороне мебошад, ки дар замони шуравӣ таҳсил кардаанд ва бағоҷи дониши худро ба насли нав интиқол медиҳанд. Дар айни замон, бо рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, бисёр усулҳои таълим метавонанд самаранок ҳисобида нашаванд ва хариди технологияҳои нави рақамӣ хароҷоти зиёдеро талаб мекунад, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ амалӣ карда намешаванд.

Афзоиши босуръати хизматрасонӣ дар соҳаи бозомӯзии кадрҳо, пайдоиши курсҳои сершумор оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ, технологияҳои компютерӣ ва ғайраҳо далели ин гуфтаҳо мебошад. Аммо, гурӯҳҳои нафақахӯрон ва гирандагони имтиёзҳои иҷтимоӣ мавҷуданд, ки бинобар набудани имкониятҳои зарурии молиявии фондҳои нафақа саривақт ба шароити навтаъсис мутобиқ шуда наметавонанд. Илова бар ин, дар бисёр кишварҳо аксари барномаҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ аз ҳисоби монеаҳои бюрократикӣ пурра амалӣ карда намешаванд.

Ба андешаи муҳаққиқ Марупова Н. Ш. «...сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ қисми муҳими стратегияҳои миллии рушд ба ҳисоб меравад, зеро мақсади он коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва осебпазирии инсон дар тӯли ҳаёт мебошад. Ҳадафҳои рушди устувор уҳдадории муштараки кишварҳоро оид ба татбиқи низомҳо ва тадбирҳои дахлдори ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи миллӣ, аз ҷумла

фароҳам овардани заминаи коҳиш ва пешгирии камбизоатӣ таҷдиди назар мекунанд» [155].

Дар робита ба ин, ба ақидаи А.Ҷ. Ҷабборов самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат инҳоянд: «...мунтазам зиёд кардани кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ; ривоҷ додани афзоиши пасандозҳо ва истифодаи онҳо барои ҳавасманд гардондани талабот, вусъат додани истеҳсоли мол ва хизматҳое, ки ба талаботи шаҳрвандон мувофиқанд» [152].

Дар навбати худ, М. З. Абдураҳмонова чунин мешуморад, ки: «...ҳимояи иҷтимоӣ маҷмуи тадбирҳои давлатӣ оид ба дастгирии моддию маънавӣ ва ҳифзи аҳолӣ аз бемориҳои гуногуни иҷтимоӣ, яъне камбизоатӣ, пирӣ, беморӣ ва ғайраро ифода менамояд» [146].

Муҳаққиқон М. А. Ғоибзода [150] ва М .З. Абдураҳмонова [146] ҳифзи иҷтимоиро аз нуқтаи назари суғуртаи иҷтимоӣ омӯхтаанд.

Таҳқиқи зернизоми ҳифзи иҷтимоӣ, хусусиятҳои он, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва инкишоф додани шароити иҷтимоӣ дар асоси асарҳои олимони ватанӣ, аз қабили: А.Ҷ. Ҷабборов [152], С.Ҷ. Комилов [107], А.А. Мирзоалиев [58], М.И. Хоҷаева [140] ва дигарон сурат гирифтааст.

Иқтисодонҳои ватанӣ муайян намудаанд, ки  низоми ҳифзи иҷтимоӣ як қисми сиёсати иҷтимоӣ буда, ба аҳолӣ низоми хизматрасонии иҷтимоиро пешниҳод менамояд, ки барои таъмини сатҳи баланди самтҳои асосии соҳаи иҷтимоии кишвар зарур мебошад.

Муҳофизат бо назардошти шароити мушаххаси рушди иҷтимоӣ ба амалӣ шудани сатҳи зиндагии аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабули одамон мусоидат мекунад.

Олимон Д.С. Амонова [87], Д.У. Султонзода [161], А.Х. Маликова [154], Т.А. Алимардонов [147], Н.У. Сафаров [160] ва Р.Н. Саидов [159] масъалаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳои давлатии дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки дастгирии ҳадди ақал барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро таъмин менамоянд, ки давлат дар давраи рушди

иқтисодиёт кафолат медиҳад, инчунин тағйирот ва якбора паст шудани дараҷаи зиндагонӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Дар робита ба ин, мушкилоти рушди соҳаи иҷтимоӣ на танҳо маҳдудияти маблағҳои буҷетӣ мебошад. Мушкилот асосан аз саривақт напардохтани андозҳои иҷтимоӣ, ба ин восита нарасидани маблағҳои молиявӣ дар фонди нафақа ва шумораи афзояндаи нафақахӯрон иборат аст, ки на танҳо аз рӯи синну сол нафақа мегиранд, балки кӯмакпулӣ барои маъюбӣ мегиранд.

Инчунин, дар сиёсати иҷтимоии давлатӣ ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ, ки бояд аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда шаванд, ҳанӯз пурра муайян карда нашудаанд. Вазифаҳои нав дар назди давлат ҳалли мушаххаси худро талаб мекунанд. Аввалан, раванди маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ ва инчунин сатҳи даромад аз хизматрасониҳои иҷтимоӣ бояд ба эътидол оварда шавад. Дуюм, барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ хизматрасониҳои аз ҷониби самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ пешниҳодшударо дастрастар кардан зарур мебошад.

Дар сиёсати иҷтимоии ватанӣ, ки асосан ба имкониятҳои буҷети давлатӣ такя мекунад, татбиқи тадбирҳо нисбат ба хароҷоти мустақими иҷтимоӣ ва хароҷот барои самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Ғайр аз он, хароҷоти иловагӣ аз буҷети давлатӣ низ мавҷуданд.

Хароҷоти мустақими иҷтимоӣ метавонанд хароҷоти пардохти нафақа ва ҳама гуна кӯмакпулиҳоро дар бар гиранд. Хароҷот барои самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ хароҷоти буҷети давлатиро дар бар мегирад, ки бо маблағгузории маориф ва тандурустӣ алоқаманд аст. Хароҷоти иловагӣ хароҷоти ҳалли масъалаҳои хусусияти иҷтимоиро дар назар дорад, ки дар пардохти субсидияҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ ифода карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субсидияҳо асосан тавассути интиқоли маблағҳои молиявӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети маҳаллӣ барои пӯшонидани хароҷоти музди меҳнат амалӣ карда мешаванд. Дар сурати имконнопазирии додани чунин субсидияҳо, бисёр соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла

мактабҳои таҳсилоти миёна наметавонанд музди меҳнати ҳайати омӯзгоронро пардохт кунанд.

Маблағгузории хароҷоти иҷтимоӣ барои аксари кишварҳо афзалияти аввалиндараҷа мебошад. Аммо, таъсири воқеии онҳо назар ба интизорӣ камтар буд. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, пеш аз оқибатҳои ислоҳоти иқтисодӣ, махсусан кӯдакони оилаҳои камбизоат беҳифзанд. Аз ин рӯ, дар буҷети давлатӣ хароҷот барои интернатҳо ва муассисаҳои томактабӣ пешбинӣ шудааст.

Бисёре кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз буҷети давлатӣ барои пардохти кӯмакпулиҳое, ки ба оилаҳои серфарзанд, новобаста аз сатҳи даромади онҳо дода мешаванд, маблағгузорӣ менамоянд. Аммо, чунин кӯмакпулиҳо хеле хурд мебошанд ва новобаста аз он ки давлат чунин кӯмакпулиҳоро зиёд мекунад, дар доираи буҷети давлатӣ ин хеле кам ба назар мерасад ва чораҳои рафъи камбизоатӣ дар кишвар ба таври хурд инъикос меёбанд.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳия ва татбиқи барномаҳо барои рушди соҳаи иҷтимоӣ хароҷоти зиёди молиявиро талаб мекунад. Дар ин ҳолат, баргардонидани чунин хароҷот ва самаранокии чунин амалҳоро ба назар гирифтан зарур аст.

Соҳаи иҷтимоӣ инчунин бо паҳншавии камбизоатӣ дар кишвар ва усулҳои мубориза бо он алоқаманд аст. Чунин чораҳо дастрасӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ, таъмини муқаррарии таҳсилот ва дастрасӣ ба манзили зарурии табақаҳои осебпазири аҳолӣ мебошанд. Он ба воситаи маҷмуи тадбирҳо: ёрдампулии бачагон, ёрдампулӣ оид ба бекорӣ, субсидия барои манзили иҷора, индексатсияи нафақа ва ғайра каму беш бомуваффақият ҳал карда мешуд.

Аммо, дар айни замон масъалаи субот ва саривақтии нафақа ва кӯмакпулиҳои пардохтшуда шадид мебошад. Аз ин рӯ, барои на танҳо маблағгузории самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ, балки ба роҳҳои пур кардани фондҳои иҷтимоӣ низ бояд модели босифат эҷод карда шавад.

Бояд гуфт, ки дар давраи муносибатҳои бозорӣ ҳаҷми тамоми хароҷоти давлат, аз ҷумла хароҷот барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ хеле кам шуд. Дараҷаи меҳнат ва музди миёнаи меҳнат паст низ гардид. Аммо маълум нест, ки ислоҳоти иқтисодӣ ба даромади умумии хоҷагӣ чӣ гуна таъсир расонд. Дар баробари афзудани даромад аз ҳисоби кори мустақилона хароҷоти давлат барои маориф ва нигаҳдории тандурустӣ нисбатан кам шуд. Бо назардошти миқёси коҳиши ММД, коҳиши воқеии кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ниҳоят дардовар буд.

Рушди устувори соҳаи иҷтимоӣ то ҳол ҳалли вазифаҳои бисёрҷабҳавиро талаб менамояд. Соҳаи иҷтимоӣ бо сабаби гуногунҷанбаи худ ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Барои ин, пеш аз ҳама, назорати давлатӣ оид ба воридшавии саривақтии саҳмҳо ва андозҳои иҷтимоӣ ба буҷети давлатӣ муҳим аст ва инчунин ҳавасмандгардонии чунин лоиҳаҳои иҷтимоӣ зарур мебошад. Ҳамаи ин бояд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки сиёсати иҷтимоиро дар кишвар амалӣ мекунанд, тақвият дода шавад.

### 1.3. Таҳлили таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ

Имрӯзҳо бисёр кишварҳои дорои иқтисодиёти устувор ва инчунин кишварҳое, ки дар марҳилаи рушди иқтисодӣ қарор доранд, ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ки пеш аз ҳама бо таъмини ҳар як шаҳрванди кишвари худ бо тамоми неъматҳои зарурии иҷтимоӣ алоқамандананд, диққати махсус медиҳанд. Гарчанде ки дар ҷаҳон баъзан бӯҳрони молиявӣ ба амал меояд, ки ба иқтисодиёти аксари кишварҳо таъсир мерасонад, мушкилот ба монанди бекорӣ, камбизоатӣ ва инчунин набудани дастрасӣ ба кор бо маоши муносиб мавҷуданд. Хусусан масъалаҳои иҷтимоӣ бо табақаҳои осебпазири аҳолӣ, ки аз нафақахӯрони синну сол ва инчунин маъюбони категорияҳои гуногун иборат ҳастанд алоқаманд мебошанд.

«Аз ин бармеояд, ки пиршавии аҳолӣ идома дорад (имрӯз давомнокии миёнаи умри аврупоиҳо бори аввал ба 80 сол расидааст), аммо баланд бардоштани синну соли нафақа беохир номумкин аст, зеро аксари пиронсолон

фаъолияти ҷисмониро аз даст медиҳанд ва бо қувваи пешина кор карда наметавонанд, ки ин маънои зарурати хароҷоти давлат барои хизматрасонии иҷтимоии онҳоро дорад» [113].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, низ сиёсати ба таъмини рушди иҷтимоӣ нигаронидашударо риоя мекунад ва инчунин тавсияҳои созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) - ро, ки рисолати он танзими масъалаҳои иҷтимоии ҷаҳонӣ мебошад, пайваста дар соҳаи иҷтимоии кишвар ислоҳотро амалӣ менамояд.

Барои таҳқиқи муфассали масъалаҳои марбут ба рушди соҳаи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама таҷриба ва асарҳои илмии баъзе кишварҳои фазои пасошуравиро омӯхтан лозим аст, зеро онҳо бо Тоҷикистон як заминаи иҷтимоии дар Иттиҳоди Шуравӣ ташаккулёфта доранд.

Олими рус Новиков А.А. бар ин назар намудааст, ки «...таҳқиқотҳои муосири ватанӣ дар ин самт нокифоя мебошанд, ки ин аз беэътиноӣ ба аҳамияти масъалаи нафақа дар ҳаёти ҷомеа ва дарки дурусти низоми нафақа, ки ҷузъи ҷудонашавандаи низоми иқтисодӣ ҷамъият мебошад, вобаста аст» [157]. Соловёв А.К. таъкид мекунад: «...сарфи назар аз ба анҷом расидани ислоҳоти нафақа, то ҳол ягон муаммои рушди устувори низоми нафақа ҳал нашудааст» [72].

Ба ақидаи баъзе олимон, новобаста аз ислоҳоти иҷтимоӣ, мушкилоти табақаҳои осебпазири аҳолӣ ҳеҷ гоҳ ҳалли худро намеёбанд. Барои ин, омӯзиши ҷанбаҳои таърихии рушди соҳаи иҷтимоӣ зарур аст, ки бо ёрии онҳо асосҳои ташаккули таъминоти иҷтимоиро муайян кардан мумкин аст, то дар ислоҳоти минбаъда таҷрибаи таърихиро истифода баранд. Умуман, чунон ки олимони рус Абилова М.Г. [82] и Головченко А.В. [96] қайд мекунанд, ки «…шавқу ҳаваси шаҳрвандон ба иштирок кардан дар суғуртаи нафақавии ғайридавлатӣ суст бошад ҳам, меафзояд».

Дар ин ҳолат, саволи риторикӣ ба миён меояд, ки чаро системаи нафақаи иҷтимоӣ нисбат ба дигар системаҳо бештар муҳокима карда мешавад. Ба чунин

савол танҳо як ҷавоби мухтасар вуҷуд дорад: ҳар як нафақахӯр ҳиссаи нафақаро ба фонди нафақа моликияти худ мешуморад ва аз ин рӯ мехоҳад онҳоро мувофиқи хоҳиши худ идора кунад. Ғайр аз он, агар ӯ ҳуқуқи ихтиёрдории саҳмияҳои худро дошта бошад, пас ӯ метавонад онҳоро ба фаъолияти дигар сармоягузорӣ кунад ва минбаъд аз буҷети давлатӣ мустақил бошад.

Дар баробари омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пасошуравӣ, инчунин ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта, ки дар татбиқи тадбирҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҷрибаи кофӣ доранд, диққат додан муҳим аст, зеро иқтисоди бозории онҳо бо роҳи эволютсионӣ сохта шудааст. Ин ба мо имконият медиҳад, ки ҷиҳати роҳ надодан ба хатогиҳо дар татбиқи сиёсати иҷтимоӣ чораҳои пешгирикунанда андешем ва роҳи худро барои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намоем.

Дар баъзе кишварҳои пешрафта шаҳрвандон чунин мешуморанд, ки ҳар қадаре ки шахс дертар ба нафақа барояд, ҳамон қадар дар назари ҷомеа арзишмандтар аст. Яъне, он барои давлат бори гарон нест ва бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Ин тамоюл асосан дар Фаронса ва Олмон вуҷуд дорад. Дар ин кишварҳои аврупои ғарбӣ, дар муассисаҳо барномаи «ташаббуси 50 Plus» амалӣ карда мешавад, ки дар он барои одамони аз синни нафақа калонтар ҷойҳои корӣ таъсис дода мешаванд. Ҳамин тавр, дар корхонаҳои хурду миёна то 250 нафар пиронсолон кор карда метавонанд. Кӯмаки давлат ба чунин одамон аз он иборат аст, ки давлат аз ҳисоби худ ба онҳо курсҳои такмили ихтисос ё таълими дигар касбҳоро ташкил мекунад.

Дар Олмон айни замон низоми сезинагии нафақа амал мекунад (расми 1.6).

Сатҳи якум сазовори таваҷҷӯҳи махсус мебошад, зеро дастгирии давлатии соҳаи нафақаро танзим менамояд. «Сатҳи аввал аз суғуртаи ҳатмии нафақа иборат аст. Нафақаи давлатӣ хусусияти тақсимотӣ дорад ва аз собиқаи корӣ ва сатҳи музди меҳнат вобаста аст. Дар Олмон аз соли 2006 синни нафақа 67 солро ташкил медиҳад (ҳам барои мардон ва ҳам барои занон), нафақаи миёнаи

давлатӣ тақрибан 1300 евро. Андозаи ҳадди нафақаи давлатӣ ба 2200 евро баробар аст» [98].




**Расми 1.6 - Сохтори низоми нафақаи Олмон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Бо вуҷуди ин, ҳарчӣ бештар дида мешавад, ки Олмон ба ҷустуҷӯи имконоти маблағгузории низоми нафақа барои тақсими бомуваффақияти хатарҳо ҳаракат мекунад. Дар баробари ин, чунон ки А. Мойер қайд мекунад: «...сухан дар бораи фақат андаке гузаштани маркази вазнинӣ аз низоми нафақаи маҷбурӣ, ки бо усули азнавтақсимкунӣ маблағгузорӣ мешавад, ба низоми нафақа, ки бештар бо усули ҷамъшаванда маблағгузорӣ мешавад, меравад» [120].

«Дар Фаронса давлат рушди барномаҳои касбии нафақа ва низомҳои суғуртаи инфиродиро ҳавасманд мекунад. Ҳамзамон, як қисми пардохтҳои иҷтимоӣ, ки ба фондҳои дахлдор ворид мешаванд, аз андоз озод карда мешаванд» [39].

Барои инкишоф ва такмил додани низоми нафақаи касбии кишварҳои пасошуравӣ, бахусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таҷрибаи Фаронса, ки чунин низомҳоро дар асоси тақсимот маблағгузорӣ мекунад, таваҷҷӯҳ зоҳир кардан зарур аст. Дар Фаронса ташкил намудани низоми нафақахӯрӣ барои

ҳамаи корхонаҳо ҳатмист. Ин низом низоми мавҷудаи суғуртаи иҷтимоии давлатиро пурра мекунад. Дороиҳо барои ташаккули фонди нафақаи корпоративӣ саҳмҳои кормандон мебошанд, ки ба даромади онҳо мутаносиб мебошанд [63].

Имрӯз дар Фаронса низоми нафақае вуҷуд дорад, ки муддати дароз рушд карда истодааст ва дорои фондҳои бисёр ва гуногуншакл мебошад. Он асосан аз се қисм иборат аст (расми 1.7).




**Расми 1.7 - Сохтори низоми нафақаи Фаронса**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Бояд қайд намуд, ки низоми асосӣ ва низоми хатмии нафақаи иловагӣ дар Фаронса барои аҳоли унсурҳои ҳатмӣ мебошанд. «Низоми асосӣ барои коргарони бахши хусусӣ, хизматчиёни давлатӣ ва барои қисми аҳолии худмалағгузор, ки ба онҳо деҳқонон, савдогарон, коркунони бахши дин ва ғайра дохил мешаванд дар амал татбиқ мегардад. Низоми таъмини хатмии нафақаи иловагӣ ба истисноии кормандони бахши дин барои ҳама таъин гардидаст. Низоми севум низоми пардохти нафақаи ихтиёрӣ мебошад, яъне кормандони ҳар соҳа дар фондҳои гуногуни нафақавӣ аз музди меҳнаташон маблағ мегузоранд» [94].

Дар мавриди ИМА, сохтори системаи нафақаи онҳо аз дигар кишварҳо каме фарқ мекунанд. Дар баробари фондҳои нафақаи давлатӣ, фондҳои нафақаи хусусӣ низ фаъолият мекунанд. Барои фондҳои нафақаи хусусӣ синну соли мушаххаси нафақа вуҷуд надорад, яъне худи шаҳрванди кишвар метавонад бо хоҳиши худ ба нафақа барояд.

Дар навбати худ дар Британияи Кабир таъминоти нафақа аз се унсур иборат аст (расми 1.8).




**Расми 1.8 - Низоми нафақаи Британияи Кабир**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Ин маънои онро дорад, ки вақте шаҳрванди ин кишвар ба нафақа мебарояд, вай мисли аксари кишварҳо, нафақаи асосии аз ҷониби давлат муқарраршударо мегирад ва агар ӯ хоҳад, ки корро идома диҳад, пас ӯ ҳақ дорад, ки ба маблағи нафақаи худ аз тарафи корфармо иловапулӣ гирад.

Аммо, барои он ки нафақахӯр нафақаи асосии худро гирад, вай бояд на камтар аз 30 сол кор кунад, ки дар давоми он ӯ андози иҷтимоиро дуруст пардохт мекунад. Ин боиси меҳнати боинтизом, ҳам дар байни мардон ва ҳам барои занон мегардад. «Аммо унсури асосии таъминоти нафақа дар Британияи Кабир нафақаи касбӣ мебошад. Аммо, суғуртаи нафақаи шахсӣ дар асоси маблағгузорӣ иҷозат дода мешавад. Аз соли 2006 инҷониб нафақаҳо на аз рӯйи сатҳи нархҳо, ки қаблан муқаррар шуда буд, балки аз рӯйи афзоиши музди меҳнат индексатсия карда мешаванд. Синни нафақа тадриҷан зиёд мешавад (аз соли 2046 он 68 сол мешавад)» [39].

Системаи дигари маъруфи нафақа системаи муттаҳидаи кишварҳои Скандинавия мебошад. Ин система бо зарурати дахолати давлатӣ ба раванди таъминоти нафақа, ки дар навбати худ бо барномаҳои пасандозӣ тақвият дода мешавад, тавсиф карда мешавад. Ҳукумат ба меъерҳои синни нафақа чандон аҳамият намедиҳад ва ба ин васила таваҷҷӯҳи пиронсолонро ба кор зиёд мекунад.

Барои таҳияи модели оқилонаи навгонии низоми нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки таҷрибаи фондҳои нафақаи кишварҳои хориҷӣ омӯхта ва таҳлил карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори суғуртаи нафақа аллакай амалан ташаккул ёфтааст, гарчанде ки он ба охир нарасидааст. Ҳаҷми умумии манобеъи молии Сандуқи нафақаи Тоҷикистон ҳамагӣ 6% ММД-ро ташкил медиҳад.

Масалан дар Британияи Кабир, Олмон, Швейтсария, Ирландия ва ИМА нафақаҳои касбии корпоративӣ бештар маъмуланд ва асосан кормандон ва шахсони алоҳидаеро, ки дар ширкатҳои бузург кор мекунанд, фаро мегиранд. Исландия сатҳи баландтарини фарогирии нафақаи корпоративӣ барои аҳолии қобили кор бо 82,5% дорад [102] (расми 1.9).




**Расми 1.9 – Давлатҳои дорои усули корпоративии пардохти нафақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Дар Олмон низоми нафақаи корпоративӣ дар асоси маблағгузории муштараки фонди нафақаи корпоративии корхона (аз ҳисоби саҳми корфармо, маблағҳо аз маоши кормандон, инчунин тарҳҳо аз фондҳои махсуси нафақа ва фондҳои таъминоти иҷтимоӣ) ва давлат таъсис дода мешавад. Бо вуҷуди ин, кӯмакҳои давлатӣ хеле кам мебошанд.

Дар Ҷопон асоси ташкили фонди нафақавии корхона тақсимоти фоидаи корхона мебошад. Тамоми фондҳои нафақаи корпоративӣ таҳти назорати қатъии ҳукумат қарор доранд. Дар ИМА бошад шумораи зиёди нақшаҳои нафақаи корпоративӣ мавҷуданд ва шумораи онҳо афзоиш ёфта истодааст. Дар ин ҳолат, ин барномаҳо аз рӯйи ду схема сохта мешаванд: ё бо маблағи нафақа (дар ин маврид маблағ аз рӯйи маблағи умумии ҳиссаҷудокунии доимии корфармо дар вақти ба нафақа баромадани корманд ҳисоб карда мешавад) ё бе он. Муқаррар намудани андозаи нафақа (дар ин маврид андозаи нафақа ба собиқаи корӣ, маош ва ғайра вобаста аст) [90].

Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, масъалаҳои таъминоти нафақаи корпоративӣ нав мавриди баррасӣ қарор доранд ва ба рӯйхати вазифаҳои асосии «Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[13] ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дохил карда шудаанд» [14].

Имрӯз хароҷоти нафақа дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳамчун фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ҳисоб карда мешавад. Дар ибтидои асри XXI дар кишварҳои аврупоӣ, хароҷоти нафақа ба 25% ММД, дар ИМА - 18%, дар Аврупои Марказӣ, дорои иқтисодиёти гузариш ба 17% расид [142]. Чунин захираи калони молиявии суғуртаи иҷтимоӣ дар мамлакатҳо имкон медиҳад, ки сатҳи баланди зиндагонӣ ва дараҷаи ҳифзи онҳо таъмин карда шавад.

Дар асоси ин, мо нишондиҳандаҳои асосии ҳадафҳои рушди устуворро (ҲРУ) дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон дар ҷадвали 1.1 баррасӣ хоҳем кард.

**Ҷадвали 1.1 – Нишондиҳандаҳои асосии ҳадафҳои рушди устувор дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон соли 2023 (бо % доир ба гуруҳҳои аҳолӣ)***

| Номгӯй | Ҷаҳон | Африка | Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ | Давлатҳои Араб | Минтақаи Осиёю уқёнуси ором | Аврупо ва Осиёи Марказӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолие, ки ақаллан як намуди ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифта шудааст | 52,4 | 19,1 | 68,2 | 30,0 | 53,6 | 85,2 |
| Кӯдакон | 28,2 | 15,4 | 54,9 | 14,2 | 22,4 | 76,6 |
| Модарҳо бо тифли навзод | 36,4 | 6,7 | 39,2 | 6,9 | 38,4 | 79,4 |
| Шахсони дорои шаклҳои вазнини маъюбӣ | 38,9 | 8,1 | 74,2 | 15,9 | 30,7 | 91,5 |
| Коргароне, ки дар ҷои кор захмӣ шуданд | 37,4 | 16,5 | 60,8 | 24,8 | 28,5 | 79,3 |
| Бекорон | 16,7 | 3,8 | 21,0 | 1,2 | 12,8 | 49,1 |
| Одамони калонсол | 79,6 | 31,8 | 90,0 | 27,8 | 76,6 | 96,8 |
| Одамони осебпазире, ки кӯмаки иҷтимоӣ мегиранд | 37,3 | 12,6 | 59,6 | 20,4 | 34,5 | 67,5 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти СБМ, World Social Protection Database дар асоси Саволнома оид ба таъминоти иҷтимоӣ (SSI), ILOSTAT ва маълумот аз сарчашмаи миллӣ - С. 3. https://www.ilo.org [25].

Ҷадвал 1.1 нишон медиҳад, ки дар соли 2023 танҳо 52,4% аҳолии ҷаҳон метавонанд аз ҳадди ақал аз як имтиёзи ҳифзи иҷтимоӣ баҳра баранд боқимонда, яъне 47,7% аз ҳама гуна ҳимоя маҳрум буданд. Ин нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ нобаробарии назаррасро байни минтақаҳо ва дар дохили минтақаҳо инъикос менамояд: сатҳи фарогирӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ (85,2%) ва Амрико (68,2%) аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ баландтар аст ва дар Осиё ва Уқёнуси Ором (53,6%), Давлатҳои Араб (30,0%) ва Африқо (19,1%) бошад ҳолати фарогирии давлатҳо хеле васеътар аст [100].

Дар ин маврид таҷрибаи давлатҳои дорои иқтисодиёти рушди устувор ба мо гуфта истодааст, ки агар аз тарафи давлат, мақомоти дахлдор ва ҳам аз тарафи ҷамъият муассисаҳо бештар назорат карда шаванд, он ҳол нафақаҳо сари вақт пардохта мешаванд ва рушди нафақаҳои ғайридавлатӣ ва фондҳои нафақа аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз нуқтаи назари ҷамъият асоснок карда мешаванд, зеро пайдоиши фондҳои нафақаи ғайридавлатӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид мебошад. Ин таҷриба бисёртар дар Австралия,

Ҳоланд, Швейтсария, Шветсия, Ҷопон, Чили ва аксари давлатҳои Амрикои Лотинӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Дар мамлакати мо 25% фонди умумии музди кори корхона ба фонди нафақа, ки дар айни замон ягона фонди давлатии ҷамъоварии ҳиссаҷудокунии нафақа мебошад, гузаронида мешавад.

Бояд гуфт, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ се модели интихоби ширкате, ки пасандозҳои нафақаро идора мекунад ва ширкате, ки нафақа месупорад, вуҷуд дорад (расми 1.10).




**Расми 1.10 - Модели интихоби ширкатҳои нафақадиҳанда**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

«Аммо дар вақтҳои охир дар Чили шумораи фондҳои нафақавии ғайридавлатӣ дар давоми якчанд сол чор баробар кам шуд, ки ин ба пурзӯр гардидани меъёрҳои интихоби озмун барои гирифтани ҳуқуқи кор кардан бо пасандозҳои нафақа вобаста аст» [110].

Дар робита ба ин, метавон қайд кард, ки масъалаи муҳим он аст, ки кадом ислоҳоти нафақа дар кишвар бояд аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад, то татбиқи он барои кишвар оқибатҳои мусбати иҷтимоӣ дошта бошад.

Бинобар ин илова кардан мумкин аст, ки ҳама гуна системаи нафақа мустақиман аз вазъи иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар бо назардошти тамоюлҳои сиёсии он вобаста аст.

Кадом самти системаи нафақаро давлат риоя намояд, барои он натиҷаҳои мусбие, ки ин система медиҳад, муҳим аст. Дар ин ҳолат, дар системаи нафақа бояд кафолат дода шавад, ки ба одамон пирии сазовор дода шавад, ки дар он ҷо онҳо ба зиндагии муқаррарӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Илова бар ин, низоми нафақа бояд на танҳо ба манфиати нафақахӯрон ва маъюбон, балки ба манфиати буҷети давлатӣ низ хизмат намояд.

Аз ин лиҳоз, ҳар як корманде, ки дар муассисаҳои давлатӣ имрӯз кор мекунанд, бояд дар бораи таъмини нафақаи худ дар оянда ва роҳбарияти корхонаҳо бошад дар бораи пардохти саривақтии андозҳои иҷтимоӣ фикр кунанд.

Бар асоси ин, азбаски мавзуи диссертатсия ба соҳаи иҷтимоӣ бахшида шудааст, аз рӯйи инсоф мебуд, ки низоми маорифи баъзе кишварҳои хориҷӣ низ нисбат ба Тоҷикистон баррасӣ шавад.

Ислоҳоти низоми маориф дар бисёр кишварҳои ҷаҳон айни замон бо суръати баланд ҷараён дорад. Низ барои ҳамин мамлакатҳои ҷаҳон ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешаванд. Таҳлили нишондиҳандаҳои рушди амалишавии низоми маориф дар ҷадвали 1.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.2 - Таҳлили нишондиҳандаҳои рушди амалишавии низоми маориф***

| Гурӯҳҳо | Сатҳи даромад | Мамлакатҳо |
|---|---|---|
| **Гуруҳи I** | Кишварҳое, ки даромади солонаи бештар аз 29 ҳазор доллари ИМА аз рӯйи паритети қобилияти харидорӣ ба ҳар сари аҳолӣ (19 кишвар) | Норвегия, ИМА, Ирландия, Швейтсария, Канада, Нидерланд, Австрия, Исландия, Дания, Шветсия, Британияи Кабир, Белгия, Австралия, Олмон, Финляндия, Ҷопон, Фаронса, Испания, Италия |
| **Гуруҳи II** | Кишварҳое, ки сатҳи даромади солонаи 11-29 ҳазор доллари ИМА ба ҳар сари аҳолӣ (20 кишвар) | Юнон, Зеландияи Нав, Словения, Исроил, Корея, Чехия, Португалия, Эстония, Маҷористон, Словакия, Литва, Латвия, Лаҳистон, Хорватия, Мексика, Федератсияи Русия, Чили, Малайзия, Туркия, Аргентина |
| **Гуруҳи III** | Кишварҳое, ки даромади солонаи камтар аз 11 ҳазор доллари ИМА ба ҳар сари аҳолӣ (16 кишвар) | Руминия, Булғористон, Уругвай, Бразилия, Таиланд, Перу, Тунис, Албания, Ямайка, Миср, Чин, Урдун, Парагвай, Индонезия, Филиппин, Ҳиндустон |

***Сарчашма:** Российское образование в контексте международных индикаторов, 2009: Аналитический доклад / М. Л. Агранович, Г. С. Ковалева, К. Н. Поливанова, А. В. Фатеева. – М.: ИФ «Сентябрь», 2009 [130].

Нишондиҳандаҳои зикршуда ба имкониятҳои иқтисодии рушди низоми маориф таъсир мерасонанд. «Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои демографӣ дар арзёбии самаранокии механизмҳои иқтисодии рушди низоми маориф нақши асосиро мебозанд: ҳиссаи кӯдакон ва ҷавонон дар шумораи умумии аҳолӣ ҳар қадар зиёд бошад, сарбории буҷет дар ҳаҷми хароҷоти маориф ҳамон қадар зиёдтар аст» [122].

Аммо, бояд қайд кард, ки бисёр кишварҳо нисбат ба дигар давлатҳо афзалияти рақобатӣ доранд. Ин афзалиятҳои рақобатӣ дар сарватҳои табиӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, саноати пешрафта, сатҳи баланди индекси рушди инсон ва ғайра ифода меёбанд. Табиист, ки дар чунин кишварҳо низоми нафақа дар сатҳи баланд қарор дорад, зеро давлат имкониятҳои маблағгузории онро дорад.

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои низоми маориф рушди неруи инсонӣ, саводнокии аҳолӣ, сатҳи баланди саводи аҳолӣ мебошад. Тибқи маълумоти СММ, Тоҷикистон дар соли 2021 аз лиҳози рушди инсонӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон дар ҷойи 119-ум қарор гирифтааст [29].

Рушди инсонӣ ин яке аз нишондиҳандаҳои асосиест, ки аз некуаҳволии аҳолии давлатҳо ҳамасола мунтазам хабар медиҳад, яъне дар ин ҷо чанд намуд меъёр санҷида мешавад: сатҳи зиндагӣ, сабати истеъмолӣ, сатҳи саводи аҳолӣ, маърифати иқтисодиву ҳуқуқӣ, инчунин дарозумрӣ низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми ҳисоб кардани индекси неруи инсонӣ се намуди нишондиҳандаҳо ба назар гирифта мешаванд: давомнокии умр (дарозумрро баҳо медиҳад); сатҳи саводнокии аҳолии кишвар (шумораи миёнаи солҳои таҳсил дар таҳсилот) ва давомнокии пешбинишудаи таҳсил; сатҳи зиндагӣ аз рӯи ММД ба ҳар сари аҳолӣ бо доллари ИМА чен карда мешавад [60].

Дар даҳсолаҳои охир дар ин нишондод тамоюли мусбат мушоҳида мешавад. Тоҷикистон ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ мансуб аст. Тоҷикистон бахше аз минтақаи Осиё буда, яке аз панҷ давлати Осиёи Марказӣ аст. Дар рейтинги

иқтисоди ҷаҳон барои солҳои 2023 – 2024, тибқи маълумоти СММ Тоҷикистон, он дар ҷойи 148-ум қарор дорад [34].

Индекси рушди инсон низ ба маориф таъсири хос дорад. Бояд гуфт, ки «…дар минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ 31 кишвар мавҷуд аст, ки пешсафи гурӯҳ Ҷумҳурии Чехия бо шохиси рушди инсонӣ 0,841 (ҷойи 28-ум дар ҷаҳон) аст, Тоҷикистон дар гурӯҳ зинаи охиронро ишғол мекунад» [99].

Дар мавриди кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бошад, Эстония аз ҳама пештар аст - 0,812 (ҷойи 5-ум дар гурӯҳ, 34-ум дар ҷаҳон), Литва – 0,783 (мутаносибан ҷойҳои 9 ва 44), Латвия – 0,769 (ҷойҳои 10 ва 48) ва Белоруссия 0,732 (ҷойҳои 16 ва 61). Ин асосан бо сатҳи нисбатан пасти дастрасӣ ба таҳсилот ва сатҳи тандурустӣ вобаста аст. Аз Русия каме пасттар: Қазоқистон - 0,714 (ҷойҳои 19 ва 66), Озарбойҷон - 0,713 (ҷойҳои 20 ва 67), Украина - 0,710 (ҷойҳои 22 ва 69), Гурҷистон - 0,698 (ҷойҳои 24 ва 74) ва кишварҳои дорои сатҳи рушди миёна - Ӯзбекистон - 0,617 (ҷойҳои 29 ва 102), Қирғизистон – 0,598 (ҷойҳои 30 ва 109) ва Тоҷикистон – 0,580 (ҷойҳои 31 ва 112) [84].

Хароҷоти давлат дар ин соҳа низ барои мустаҳкам намудан ва тараққӣ додани соҳаи маориф аҳамияти кам надорад. Ба фикри мо, давлат субъекти асосии танзимкунандаи соҳаи маориф буда, ба ин васила аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намуда, рушди босуръатро таъмин менамояд.

Аз ин лиҳоз, хароҷоти давлат барои маорифро дар баъзе мамлакатҳои ҷаҳон дар ҷадвали 1.3 дида мебароем.

**Ҷадвали 1.3 – Нишондиҳандаҳои сатҳи хароҷоти таҳсилоти кишварҳои ҷаҳон дар соли 2024***

| Мамлакат | Ҳиссаи хароҷоти ММД ба таҳсил, % | Рейтинг дар ҷаҳон |
|---|---|---|
| **Аврупо** | | |
| Исландия | 7,1 | 15 |
| Дания | 5,3 | 47 |
| Норвегия | 4,0 | 109 |
| Молдова | 6,3 | 25 |
| Украина | 5,9 | 34 |
| Латвия | 4,6 | 80 |
| Финляндия | 6,5 | 21 |
| Британияи Кабир | 5,0 | 62 |

*идомаи ҷадвали 1.3*

| | | |
|---|---|---|
| Фаронса | 5,4 | 43 |
| Швейтсария | 4,9 | 65 |
| Испания | 4,3 | 89 |
| Олмон | 4,5 | 82 |
| Булғористон | 4,7 | 74 |
| Италия | 4,2 | 95 |
| Туркия | 2,6 | 167 |
| **Осиё** | | |
| Исроил | 6,5 | 22 |
| Қирғизистон | 6,8 | 17 |
| Тоҷикистон | 5,8 | 36 |
| Ӯзбекистон | 5,5 | 40 |
| Ҳиндустон | 4,1 | 100 |
| Қазоқистон | 4,5 | 84 |
| Озарбойҷон | 3,6 | 130 |
| Гурҷистон | 3,7 | 121 |
| Ҷопон | 3,2 | 144 |
| Чин | 4,0 | 108 |
| Индонезия | 1,3 | 198 |
| Таиланд | 2,5 | 171 |
| Арманистон | 0,2 | 203 |
| Покистон | 1,9 | 190 |
| **Амрикои Шимолӣ** | | |
| Коста Рика | 6,2 | 26 |
| Белиз | 4,3 | 90 |
| Гондурас | 4,0 | 105 |
| Ямайка | 5,7 | 37 |
| Доминикан | 4,7 | 79 |
| Барбодос | 4,0 | 106 |
| Канада | 4,1 | 98 |
| Гренада | 3,9 | 112 |
| Никарагуа | 3,8 | 118 |
| Антигуа ва Барбуда | 3,6 | 126 |
| Ҷумҳурии Доминикан | 3,9 | 111 |
| Ҷазираҳои Багам | 2,8 | 161 |
| Салвадор | 3,2 | 147 |
| Панама | 3,4 | 138 |
| Гватемала | 3,2 | 146 |
| Тринидад ва Тобаго | 2,9 | 159 |
| Бермуд | 1,9 | 188 |
| Гаити | 1,3 | 199 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Институти Омори ЮНЕСКО: Харочоти ҷаҳонӣ барои маориф дар соли 2024. https://gtmarket.ru/ratings/global-education [24].

Аз гуфтаҳои мазкур метавон хулоса намуд, ки тафовут байни маблағгузории низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он низ дар сарчашмаҳои маблағгузорӣ қарор дорад.

Дар хотима бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи низоми нафақа, инчунин низоми маорифи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта метавонад як тадбири басо муосир барои ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагӣ гардад.

Зикр бояд намуд, ки таҷрибаи хориҷиро барои пурра нусха бардоштан ва дар таҷрибаи Тоҷикистон ба тавре васеъ истифода бурдан ғайриимкон мебошад, зеро ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли аксари давлатҳои ҷаҳон хусусиятҳои миллии худро дорост, ки асосан масъалаҳои сиёсӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, минталитети миллӣ ва ҳамаи хусусиятҳои дигаре, ки танҳо дар як кишвар вуҷуд доранд, аз ин рӯ, мо ҳангоми такмили механизми дохилии фаъолияти низоми иҷтимоӣ, ба назар гирифтани таҷрибаи дахлдори хориҷиро барои мутобиқсозии фаъолияти фонди ғайрибуҷетии давлатӣ зарур мешуморем.

Амалияи кишварҳои пешрафта метавонад дар бораи таҷриба ва ислоҳоти соҳаи иҷтимоӣ бисёр чизҳоро диҳад. Албатта, на ҳама амалҳои онҳо барои Тоҷикистон қобили қабуланд, зеро ҳар як кишвар хусусиятҳои фарққунандаи иқтисодии худро дорад, ки барои рушди самтҳои асосии соҳаи иҷтимоии кишвар, аз қабили низоми нафақа, низоми маориф ва низоми тандурустӣ заруранд. Чунин хусусиятҳои фарққунанда дар имкониятҳои буҷети давлатӣ, хусусан қисми даромади он, ки аз механизми ҳамоҳангшуда ва динамикии дастгирии давлатии ҳамаи самтҳои соҳаи иҷтимоӣ дар кишвар, бидуни истисно, вобаста аст.

Яъне, агар дар кишвар маҳсулнокӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар сатҳи баланд қарор дошта бошад, пас, бо дастгирии давлат, ба рушди бахши хусусӣ, ки фаъолияти худро дар соҳаи иҷтимоӣ амалӣ менамояд, имконият пайдо мешавад. Нуктаи мусбат дар ин ҳолат дар он аст, ки тавре ки таҷрибаи кишварҳои Аврупоӣ нишон медиҳад, рушди бахши хусусӣ сармоягузориҳои бештари хориҷиро ҷалб мекунад, ки воситаи кафолатноки зидди бекорӣ мебошанд.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ ИНКИШОФИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили асосҳои институтсионалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ

Инфрасохтори самтҳои мухталифи соҳаи иҷтимоӣ бо худ низоми алоҳидаеро ифода менамояд, ки дар ҳолати ҳамаҷониба аз тарафи инсон бознигарии шуури худ, ҳангоми қонеъ намудани талаботи иҷтимоии шахсӣ бо мақсади васеъ гардидани доираи хизматрасонии гуногун мусоидат менамояд.

Инкишофи самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ҳадафҳои гуногуни сиёсиро ба инобат мегирад, ки барои таъмин намудани сатҳи мӯътадили зиндагии аҳолӣ, ҳамзамон баланд намудани индекси рушди инсонӣ, дарозумрии аҳолии давлат, дар сатҳи баланд нигоҳ доштани саломатии насли наврас ва ғайраҳо равона карда шудааст.

Аз ин рӯ, якчанд муаммоҳое, ки ба соҳаи иҷтимоӣ хос мебошанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

- дастрасии ҳар як узви ҷомеа ба манзили истиқоматии шахсӣ (аз байн бурдани низоми хобгоҳҳои оилавӣ);
- баланд бардоштани шуурнокии мардуми кишвар тавассути рушди қобилияти зеҳнӣ:
- паст намудани зарарҳои экологӣ ба саломатии аҳолӣ;
- мунтазам такмил додани сатҳи донишу малакаи аҳолӣ оид ба соҳаи иқтисодӣ;
- дастрасии хизматрасонии соҳаҳои иҷтимоӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ новобаста аз синну сол, собиқаи корӣ, намуди фаъолияти меҳнатӣ ва дар баробари ин баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва пардохтпазирии аҳолии кишвар.

Низоми иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки манбаи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва аз он ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон

таҳия карда мешаванд, амал мекунад. Илова бар ин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад, ки ҳар як шахс дар синни пирӣ ва агар бемор ё маъюб бошад, ё қобилияти кориро аз даст дода бошад, ё саробон ё парасторро аз даст дода бошад, ҳуқуқ дорад аз ҷониби давлат ҳимоя карда шавад. Дар айни замон, масъулияти нигоҳубини чунин категорияҳои шахсон низ ба дӯши фарзандони онҳо (агар дошта бошанд) вогузор карда шудааст.

Ҳамин тариқ, дар баробари кафолатҳои давлатӣ, масъулият ва аз ин рӯ, уҳдадории фарзандон дар таъмин ва нигоҳубини волидони пиронсолашон дар Конститутсия муқаррар карда шудааст [125].

«Дар самти таҷдиди институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ:

– ташаккул ва рушди механизмҳои таҳкими кумаки унвонӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии оилаҳои камбизоат;

– ташкили махзани ягонаи электронии маълумот оид ба қабулкунандагони кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ;

– бунёд ва ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» дар раванди бақайдгирӣ ва бурдани шаклҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои оптималии маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

– таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои минималии иҷтимоӣ, аз ҷумла бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ;

– рушди механизмҳои ҳавасмандгардонии самтгирии низоми трансфертҳои пулӣ ба сармоягузорӣ дар неруи инсонӣ;

– таҳияи низоми ҷалби дороиҳои ғайридавлатӣ (ҳам ташкилотӣ ва ҳам молиявӣ) дар раванди ҳифзи иҷтимоӣ;

– ташкил ва ҷорӣ намудани низоми устувори машваратҳои равонӣ, тиббӣ ва педагогӣ» [14].

Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст, ки дар он ҳамаи ҷабҳаҳои иҷтимоиёти иқтисоди миллӣ инъикос ёфтаанд.Чунки низоми мутаносиби ҳифзи иҷтимоӣ унсури муҳими рушди иқтисодӣ, устувории иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ

мебошад. Марҳалаи муосири рушди ҷомеаи мо бо дарназардошти афзоиши бекории пинҳонӣ, тафовути вазъи иҷтимоӣ ва имкониятҳои маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи куллии ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мегузорад [13].

Дар ин ибора боз чанд ҳуҷҷатҳое, ки ба соҳаи иҷтимоӣ тааллуқ доранд зикр намудан ба маврид аст:

- «Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [13];

- «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»» [8];

- «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» [18];

- «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»» [9];

- «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» [2];

- «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумаки иҷтимоии суроғавӣ»» [10];

- «Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2025» [17].

Дар ин замина мехоҳем ба «Барномаи давлатӣ оид ба расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020» таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намоем» [1], ки бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, диққат диҳем. Дар айни замон яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат иҷрои маҷмуи чорабиниҳо оид ба дастгирии табақаҳои иҷтимоии оилаҳои камбизоат ва қишри осебпазири аҳолӣ мебошад. Ҳар як барномаи давлатӣ, новобаста аз самти худ ва ба соҳаи иҷтимоӣ дахлдошта, бояд ба таҳлили

доимии ҳамаи нишондиҳандаҳои самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ мусоидат намуда, инчунин барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ чораҳо андешад. Илова бар ин, чунин барномаҳо бояд дар тамоми марҳилаҳои рафъи камбизоатӣ дар кишвар асосӣ бошанд.

Мувофиқи «Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 29 декабри соли 2006, №783 тасдиқ шудааст» кӯмаки давлатии иҷтимоӣ бояд суроғавӣ бошад ва дар асоси арзёбии воқеии некӯаҳволии муроҷиаткунандагон таъин карда шавад [16].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи иҷтимоӣ омӯзиши инфрасохтори самтҳои асосии он мебошад. Аз ин рӯ, барои таҳияи тасвири пурраи инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ, онро тавассути призмаи се ҷузъи таркибӣ баррасӣ кардан зарур мебошад (расми 2.1).




**Расми 2.1 – Инфрасохтори соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Инфрасохтори иҷтимоӣ дар асоси рушди марҳилавии соҳаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ки дар он асосан принсипҳои ваҳдати ҷамъиятӣ ва ҳамоҳангсозии шахс бартарӣ доранд.

Вазифаҳои муҳимтарини инфрасохтори иҷтимоӣ инҳоянд:

1. Мусоидат ба рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити тағйирёбии афкори ҷамъиятӣ;

2. Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ дар шароти муосир;

3. Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои мавҷудияти муқаррарии кормандони соҳаҳои гуногун;

4. Дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути ташкили ҷойҳои нави корӣ ва музди баланд;

5. Тарғиб ва ташкили тарзи ҳаёти солим;

6. Истифодаи оқилонаи вақти холии одамон.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки соҳаи иҷтимоӣ, махсусан, аз давлат ва созмонҳои байналмилалӣ маблағгузориро интизоранд, ки хусусияти онҳоро ошкор месозад.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳқиқот ва омӯзиши вазъи мавҷуда маълум гардид, ки омилҳои мухталиф ба рушди соҳаи алоҳида таъсир мерасонанд ва онҳоро ба инобат гирифта, таъсири бевоситаи омилҳоро ба тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ муайян кардан мумкин аст. Ҳангоми муайян намудани сохтори таркибии рушди соҳаи иҷтимоӣ ва арзёбии соҳаҳои асосии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман ба инобат гирифта шаванд (расми 2.2).

Дар навбати худ, низоми мукаммали ҳифзи иҷтимоӣ бо иқтисоди гузариш унсури муҳими рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ мебошад. Марҳалаи муосири рушди ҷомеаи мо бо назардошти афзоиши бекории пинҳонӣ, тафриқаи вазъи иҷтимоӣ ва то андозае маҳдуд будани имкониятҳои иқтисодии қисми асосии аҳолӣ вазифаи асосии ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён мегузорад [13].

Дар ин бора қобили зикр аст, ки рушди соҳаи иҷтимоӣ аз зерсохтори таркибиаш вобастагӣ дорад (расми 2.2).




**Расми 2.2 – Гуруҳбандии таркибии рушди соҳаи иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Ин омилҳо бо ҳамдигар дар баъзе мавридҳо мутақобила мекунанд. Инфрасохтори иҷтимоӣ бошад ҳама гуна омилҳоро фаро мегирад. Ин омилҳо ба рушди ҷомеа мустақим ва ғайримустақим таъсир мерасонанд.

Масъалан, хусусияти маблағгузории объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз фарқияти он ба ду намуд ҷудо шудаанд:

- соҳаи саноат, бо мақсади гирифтани фоида аз ҳисоби захираҳои худ кор ва рушд меёбанд. Ба инҳо нуқтаҳои савдо, муассисаҳои хӯроки умумӣ, соҳаи хизматрасонии маишӣ дохил мешаванд;

- соҳаи саноат, ки аз ҳисоби фондҳои истеъмолии мутамарказӣ, қаламравӣ ва коллективии ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд. Ин соҳаҳо пурра ё қисман ба маблағҳои буҷет нигаронида шудаанд.

Дар солҳои охир, соҳаи хизматрасонии маишӣ фазои васеътарро ба даст овард, зеро хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ пурра пешниҳод карда намешавад, ки ин ба принсипҳои соҳаи иҷтимоӣ мухолиф аст. Сабаби ин дар он аст, ки хизматҳои ройгони маишӣ тадриҷан аз майдони бозор нопадид мешаванд ва

барои ба даст овардани онҳо ягон имтиёз дода намешавад. Ҳамин тариқ, корхонаҳое, ки ба аҳолӣ хизматрасониҳои маиширо мерасонанд, онҳоро дар шакли ғайри ройгон пешниҳод менамоянд. Ин ҳолат ба муассисаҳои давлатии хизматрасонии маишӣ низ дахл дорад, ки бо сабаби маҳдуд будани буҷети давлатӣ маҷбур мешаванд, ки ба ҳисоби хоҷагидорӣ гузаранд.

Шакли истифодаи маблағҳои молиявии буҷет аз ҷониби муассисаҳо ва ташкилоти соҳаи иҷтимоии худмаблағгузорӣ ва даромади мустақилона ин ба онҳо додани субсидияҳои буҷетӣ бо мақсади ҷуброни даромади норасида барои мувозинати даромад ва хароҷот мебошад.

Низоми маблағгузории инфрасохтори иҷтимоӣ аз рӯйи анъана ба ду самт ҷудо мешавад: соҳавӣ ва қаламравӣ. Рушд ва фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ аз он вобаста аст, ки бахши он барои расидан ба ҳадафҳои худ то чӣ андоза худро бо захираҳои молиявӣ таъмин карда метавонад. Чунки, принсипи кори соҳавӣ камбудиҳо низ дорад: ба таври маҷмуӣ, яъне комплексӣ истифода набурдани объектҳои инфрасохтори иҷтимоии идоравӣ боиси пароканда шудани захираҳои молиявӣ мегардад. Ин аз он сабаб рух медиҳад, ки инфрасохтори иҷтимоӣ аз ҷиҳати таъинот якхела нест ва ҳар як унсури сохтор ба идорае, ки ба он дохил мешавад, тобеъ аст. Дар натиҷаи ин, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ тағйирот ба амал меояд. Инчунин, инфрасохтори иҷтимоӣ қисман аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешавад, аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ инфрасохтори деҳотӣ ё ноҳиявӣ маблағгузорӣ карда мешавад, гарчанде ки буҷетҳои маҳаллӣ хеле маҳдуд мебошанд.

Аз ин бармеояд, дар асоси мушкилоти мубрами дар соҳаи иҷтимоӣ мавҷудбуда, барои таҳлили ҳолати муосири самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ равиши илмӣ муҳим аст. Инчунин муайян кардани роҳҳои асосие, ки метавонанд рушди босуръати соҳаи иҷтимоиро кафолат диҳанд, зарур аст.

Ба ҳама маълум аст, ки имкониятҳои буҷети давлатӣ дар ҳама давру замон маҳдуд боқӣ мемонанд, ки дар натиҷа давлат наметавонад тамоми самтҳои соҳаи иҷтимоиро ба қадри кофӣ маблағгузорӣ кунад. Аз ин рӯ, пеш аз

ҳама самтҳои муҳимтарин ва афзалиятноки соҳаи иҷтимоӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, зеро давлат вазифадор аст, ки эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, хусусан эҳтиёҷоти табақаҳои осебпазири аҳолӣ, инчунин объектҳои инфрасохтори иҷтимоиро, ки имконияти гузаштан ба ҳисоби хоҷагидорӣ надоранд, қонеъ гардонад.

«Тибқи Тавсияи № 202 СБМ, кафолатҳои асосии иҷтимоӣ бояд ҳадди ақал дастрасии эҳтиёҷмандонро дар тӯли ҳаёт ба ҳифзи саломатӣ, ба кафолати базавии гирифтани даромаде, ки дар якҷоягӣ дастрасии муосир ба молҳо ва хизматрасониҳои дар сатҳи миллӣ муҳим ва зарур мебошанд, таъмин намояд» [25].

Аз ин рӯ, барои он ки ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии буҷети давлатӣ бори гарон набошад, таъсиси фондҳои мақсадноки хусусӣ дуруст хоҳад буд. Инчунин, мумкин аст, ки бори молиявии буҷети давлатиро ба баъзе корхонаҳое, ки имконияти бештари маблағгузории иҷтимоиро ба буҷети давлат доранд, интиқол диҳем.

Дар шароити муосир захираҳои молиявӣ аз якчанд манбаъҳо барои нигоҳдорӣ ва рушди объектҳои иҷтимоии давлатӣ ва коммуналӣ: буҷет, фондҳои ғайрибуҷетӣ, маблағҳои корхонаҳо ва аҳолӣ равона карда мешаванд.

Маблағҳое, ки объектҳои иҷтимоӣ аз аҳолӣ барои хизматрасонии худ мегиранд, ҳанӯз ҳиссаи камро ишғол мекунанд. Ин, аввалан аз он вобаста аст, ки тибқи Конститутсия ва қонунгузории ҷорӣ пешниҳоди бисёр хизматрасониҳои иҷтимоӣ ройгон аст ва дар мавриди хизматҳои пулакӣ, гуфтан мумкин аст, ки аксари табақаҳои аҳолӣ барои истифодаи хизматҳои гаронбаҳое, ки корхонаҳои хусусӣ пешниҳод мекунанд, имконияти молиявӣ надоранд. Аз ин рӯ, истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷетӣ зарур аст, зеро манбаи асосии маблағгузории самтҳои соҳаи иҷтимоӣ буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Барои рушди босуръати ҷомеаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии мамлакат бунёди фондҳои истеъмолии ҷамъиятӣ зарур аст, ки дар навбати худ аз фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ иборат мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки ба

аҳолӣ дар асоси ройгон ё имтиёзнок тамоми хизматрасониҳои зарурии иҷтимоӣ, ки пеш аз ҳама бо соҳаи маориф ва тандурустӣ алоқамананд, инчунин имконияти таъмини манзил ба табақаҳои осебпазири аҳолии кишвар пешниҳод карда шаванд.

Аз ин рӯ, то таҳияи модели дурусти рушди иҷтимоӣ дар кишвар, пеш аз ҳама манбаъҳои молиявие, ки метавонанд хароҷоти рушди инфрасохтори иҷтимоиро пӯшонанд, бояд ба назар гирифта шаванд. Ин манбаъҳо, тавре ки дар боло зикр гардид, буҷетҳои сатҳҳои гуногун, инчунин дигар фондҳои мақсаднок ва ғайримақсаднок мебошанд, зеро маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ то ҳол мушкилоти муҳимест, ки ҳалли худро талаб мекунад.

Барои таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи маблағҳои буҷетӣ инчунин низоми стандартҳои ҳадди ақали давлатӣ, ки унсури асосӣ мебошанд, ҳангоми муайян намудани имкониятҳои молиявии буҷетҳои сатҳҳои гуногун барои маблағгузории ҳамаи самтҳои соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд.

Мутобиқи моддаи 9 «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои давлатии иҷтимоӣ» низоми стандартҳои давлатӣ соҳаҳои асосии зерини муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад:

- музд ва муносибатҳои меҳнатӣ;
- таъмини шуғли аҳолӣ ва дастгирии бекорон;
- нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ;
- бо молҳои истеъмоли халқ таъмин кардан;
- бо манзил, хизмати коммуналӣ ва маишӣ таъмин намудани аҳолӣ;
- маориф;
- илм;
- нигоҳдории тандурустӣ;
- тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- фарҳанг;
- кумаки иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ;

- таъмини амнияти экологӣ;

- ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон;

- истифодаи механизми андозбандӣ ва нархгузорӣ» [11].

Стандарти иҷтимоӣ сохтори ягона дорад, зеро дар саросари ҷаҳон ниёзҳои иҷтимоӣ ба ҳам монанданд. Аз ин рӯ, стандарти иҷтимоиро метавон ҳамчун механизми таъмини талаботи иҷтимоӣ мувофиқи меъёрҳои иҷтимоӣ тавсиф карда шавад.

Меъёрҳои иҷтимоӣ, дар навбати худ, вобаста ба сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ва рушди иқтисодии минтақаҳои он, чунин чораҳоеро дар бар мегиранд, ки татбиқи онҳо метавонад амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолиро ба шароити муқаррарии манзил, доштани маблағҳои кофии молиявӣ барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ таъмин намояд ва берун аз вақти корӣ ба чорабиниҳои фарҳангӣ, аз ҷумла имконияти истироҳати пурра ва барқарорсозии саломатӣ ширкат варзад.

Стандартҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ барои банақшагирии солонаи хароҷоти буҷети давлатӣ, ки бо маблағгузории самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ алоқаманданд, заминаи асосӣ мегузоранд. Банақшагирии буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти ин ё он минтақаи кишварро барои маблағгузории минбаъдаи соҳаи иҷтимоӣ дақиқ ба ҳисоб гирифта шавад.

Инчунин, бо ёрии стандартҳои иҷтимоӣ, маълумотҳои соҳаи иҷтимоӣ барои саривақт ҳисоб кардани эҳтиёҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ таҳлил карда мешаванд. Талаботи соҳаи иҷтимоӣ, дар буҷети давлатӣ, ба монанди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, дар асоси меъёри ҳадди аксар, яъне аз сақф ба поён ҳисоб карда мешавад. Саравввал, сатҳи маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ вобаста ба даромади буҷети давлатӣ, сипас шумораи муассисаҳои маблағгузоришаванда муайян карда мешавад ва танҳо баъд шумораи кормандони соҳаи иҷтимоӣ ҳисоб карда мешавад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди иҷтимоии кишвар таъмини аҳолӣ бо манзили дастрас мебошад. Дар ин ҳолат, манзили дастрас низ бояд

стандартҳои худро дошта бошад, ки ба ҳама талаботи зарурии хоҷагии манзилию коммуналӣ ҷавобгӯй бошанд. Барномаҳои давлатӣ, ки барои ин мақсадҳо таҳия шудаанд, бояд хусусияти ҳар як минтақаи кишварро, хоҳ шаҳр бошад, хоҳ деҳот, ба назар гиранд. Барои ин шароити манзилии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифтан зарур аст. Шароитҳои манзилии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023 дар ҷадвали 2.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1 – Шароитҳои манзилии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023 (млн. $м^2$)***

| | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 (+/-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Фонди манзили шаҳрӣ** | | | | | | | | |
| Фондҳои давлатӣ ва ҷамъиятии манзил, фонди кооперативҳои сохтмони манзил | 1,7 | 1,8 | 1,7 | 1,0 | 1,1 | 1,8 | 1,1 | - 0,6 |
| Моликияти шахсии шаҳрвандон | 30,2 | 31,1 | 32,1 | 35,2 | 37,2 | 39,3 | 41,4 | 11,2 |
| Ҳамагӣ: | 31,9 | 32,9 | 33,8 | 36,2 | 38,3 | 41,1 | 42,5 | 10,6 |
| **Фонди манзили деҳот** | | | | | | | | |
| Фонди давлатӣ ва ҷамъиятии манзил, фонди кооперативҳои сохтмони манзил | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | - | - | -0,2 |
| Моликияти шахсии шаҳрвандон | 64,1 | 65,5 | 67,4 | 68,5 | 67,5 | 67,5 | 68,1 | 4,0 |
| Ҳамагӣ: | 64,3 | 65,6 | 67,5 | 68,6 | 67,6 | 67,5 | 68,1 | 3,8 |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ: | 96,2 | 98,5 | 101,3 | 104,8 | 105,9 | 108,6 | 110,6 | 14,4 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. - С.191-192 [20].

Аз ҷадвали мазкур дида мешавад, ки дар масъалаҳои фонди манзил фонде, ки дар моликияти шахсии шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад, асосан бартарӣ дорад. Масалан, фонди манзили давлатии шаҳрӣ дар соли 2023 1,1 млн. $м^2$ ташкил дод, дар ҳоле ки фонди манзили моликияти шахсии шаҳрвандон 41,4 млн. $м^2$ ташкил медиҳад, ки нисбат ба фонди манзили давлатӣ 40,3 млн. $м^2$ зиёд аст. Ин нишондиҳандаҳо дараҷаи баланди саҳми маблағҳои молиявиро дар бахши хусусӣ нишон медиҳанд. Чунин тамоюл на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар бисёр кишварҳое, ки иқтисодиёти онҳо дар марҳилаи рушд қарор дорад, мушоҳида мешавад.

Дар навбати худ дар байни нишондиҳандаҳои фонди манзили шаҳру деҳот тафовути муайян мушоҳида карда мешавад. Нишондиҳандаҳои ҷадвал исбот мекунанд, ки фонди манзили давлатии деҳот дар соли 2023 -0,2 млн. $м^2$ ташкил

дод, дар деҳот ин рақам ба сифр баробар аст. Аммо, деҳот аз сабаби васеъ шуданаш нисбат ба фонди манзили шаҳрӣ бартарӣ дорад. Дар як худи соли 2023 моликияти шахсии манзил дар деҳот 68,1 млн. $м^2$ мебошад, ки нисбат ба манзилҳои хусусии шаҳрӣ 26,7 млн. $м^2$ зиёд аст.

Инчунин, барои муқоисаи муфассалтари тафовути фонди манзилии шаҳр ва деҳот бояд ба фонди манзили миёна ба як нафар аҳолӣ (диаграммаи 2.1) дар солҳои 2017-2023 бояд таваҷҷуҳ дод.

**Диаграммаи 2.1 – Фонди манзили миёна ба як нафар аҳолии деҳот ва шаҳр дар солҳои 2017-2023, $м^2$**




***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – С.191-192 [20].

Аз ин диаграмма маълум мешавад, ки дар таъмини манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи хеле баланд ба деҳот рост меояд, гарчанде ки дар кишвар то ҳол дараҷаи баланди шаҳрсозӣ нигоҳ дошта мешавад.

Маълум аст, ки динамикаи тараққиёти соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ сол то сол меафзояд ва дар баробари ин муаммоҳои наве ба миён меоянд, ки ба ин тараққиёт монеъ мешаванд ва бояд ҳал карда шаванд.

Бояд гуфт, ки вақтҳои охир истилоҳи «соҳаи ғайриистеҳсолӣ» фаъолона истифода мешавад. Ба соҳаи ғайриистеҳсолӣ соҳаҳои зерини хоҷагии халқ ва намудҳои фаъолият дохил мешаванд: хоҷагии манзилию коммуналӣ, намудҳои ғайриистеҳсолии хизмати маишӣ; ёрии тиббӣ, гирифтани маълумоти миёнаи

умумӣ ва олӣ, рушди соҳаи илм ва таҳқиқот ва ғайраҳо. Ҳамин тавр, соҳаи ғайриистеҳсолӣ маҷмуи соҳаҳоест, ки ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ алоқаманд нестанд (ё қариб алоқаманд нестанд). Дар бораи соҳаи ғайриистеҳсолӣ ҳамчун ба вуҷуд овардани объектҳои инфрасохтори иҷтомоӣ сухан рондан мумкин аст.

Аммо, ба андешаи аксари олимон мафҳумҳои «соҳаи ғайриистеҳсолӣ» ва «соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ» якхела нестанд.

Дар робита ба ин, корхонаҳо ва муассисаҳое, ки асосан бо маблағгузории давлатӣ фаъолият мекунанд ва ҳамзамон дар ҳама марҳилаҳои ҳаёти молу хизматрасониҳо – аз истеҳсол то расонидани маҳсулоти меҳнати худ ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ, ки аҳолии кишвар ба шумор меравад, ширкат меварзанд. Чунин молу хизматрасониҳо ба самти иҷтимоӣ-фарҳангии соҳаи иҷтимоӣ тааллуқ доранд ва барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва огоҳии аҳолии кишвар равона шудаанд.

Соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ бисёрҷабҳа буда, аз чунин зербахшҳо иборат аст (расми 2.3).




**Расми 2.3 – Зерсоҳаҳои асосии соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ

Аз расми 2.3 дида мешавад, ки ҳамаи зерсохторҳои соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ба тарзҳои гуногун, бо муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар ҷомеаи иҷтимоӣ зуҳур мекунанд, пайванд доранд. Системаи онҳо ҳангоми ташаккули

неъматҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд ва ба аҳолӣ ҳамчун маҳсулоти истеҳсолӣ ва ҳамчунин дар шакли хизматрасониҳои иҷтимоӣ пешниҳод мегардад.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳамчун яке аз унсурҳои асосии низоми иҷтимоӣ, барои ҳалли мушкилоти иқтисодии ҳамаи зерсохторҳои худ равона шудааст. Соҳаи иҷтимоӣ дар ҷараёни рушди худ ба ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди кишвар табдил ёфта, дар натиҷа уҳдадориҳои беҳтарсозии вазъи хоҷагии манзилию коммуналӣ ва инчунин пешниҳоди хизматрасониҳои марбут ба чорабиниҳои фарҳангию маърифатиро ба зимма гирифтааст.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои илмие, ки дар раванди пешниҳод намудани хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ, мушкилоти рушди муносибатҳои моликият дар соҳаҳои мушаххас ва хусусиятҳои ташаккули онҳо дар давраи муосир аҳамияти муҳим доранд. Дар давраи рушди муносибатҳои бозорӣ дар кишвар соҳаҳое, ки дар иқтисодиёти нақшавӣ қариб пурра ба моликияти давлатӣ таъаллуқ доштанд, консепсияи тақсимоти маҷмуи моддию амволӣ ва илмӣ – зеҳнии онҳоро ба моликияти давлатӣ (дар шакли моликияти давлатӣ ва маҳаллӣ), моликияти коллективӣ – саҳҳомӣ, хусусӣ ва омезиши ин шаклҳоро фаъолона истифода мебаранд, ки иқтидори меҳнатии кормандро талаб менамояд.

Иқтидори меҳнатии корманд, ин қобилияти шахс барои кор кардан на танҳо барои ғизо ва воситаҳои зиндагӣ, балки қобилияти кор кардан ба манфиати ҷомеа мебошад. Агар ба иқтидори меҳнатии ҳар як фард тавассути призмаи соҳаи иҷтимоӣ назар афканем, пас гуфтан мумкин аст, ки хоҳиши меҳнат дар инсон танҳо дар сурате ташаккул меёбад, ки ӯ асосҳои ахлоқӣ дошта бошад. Барои ин ба ӯ мунтазам таҳсил, дастрасии тиб ва вақти истироҳат лозим мебошад.

Қобилияти кории шахс ҳангоми мавҷудияти хоҳиши кор дар ин ё он соҳа муайян карда мешавад. Як категорияи одамоне ҳастанд, ки дар истеҳсолот самаранок кор мекунанд ва инчунин одамоне ҳастанд, ки дар соҳаи зеҳнӣ фаъолият доранд. Локин, бо вуҷуди гуногунҷанбаи иқтидори меҳнатӣ, барои

ҳар як фард шароити иҷтимоии аз ҷониби давлат таъсисдодашуда ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии кишвар муҳим аст.

Хизматрасонии иҷтимоӣ хусусияти гуногун дорад. Инҳо моддӣ ва ғайримоддӣ мебошанд. Хизматрасониҳои моддии иҷтимоӣ хизматҳои ҷисмонӣ мебошанд, яъне ин хизматҳоро дидан мумкин аст. Масалан, ба шахси ниёзманд манзили ройгон ё пардохти пулӣ дар шакли кӯмакпулӣ ва имтиёзҳои иҷтимоӣ дода мешавад. Агар ба шахс ҳуқуқи истироҳат дар осоишгоҳ ё ҷойҳои истироҳатӣ дода шавад, пас ин ба хизматҳои ғайримоддӣ дахл дорад, зеро он шахсро ба истироҳати маънавӣ даъват мекунад.

Аммо, баъзе намудҳои хизматҳои иҷтимоӣ дар сарҳади хизматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ қарор доранд. Ба онҳо хизматҳое ба монанди кӯмак дар таъсис ва рушди тиҷорат тавассути додани маблағгузории сармоягузорӣ ба шахс дохил мешаванд. Яъне, аъзои табақаи осебпазири аҳолӣ пас аз гирифтани сармоягузорӣ имконият пайдо мекунад, ки фаъолияти соҳибкориро оғоз намояд. Ин амал ба ӯ имкон медиҳад, ки аз имтиёзҳои иҷтимоӣ камтар истифода барад ва ба ин восита бори буҷети давлатиро сабук кунад.

Аксари вақт таҷриба ба мо нишон медиҳад, ки раванди пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ на ҳамеша бо тартиби зарурӣ сурат мегирад. Дар ин роҳ мушкилоти ғайричашмдошт бо пешниҳоди хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддии иҷтимоӣ ба миён омада метавонанд. Масалан, муассисаи истеҳсолии давлатӣ ба таҷҳизоти нав ниёз дорад, ки барои истеҳсоли молҳои моддӣ заруранд. Аммо, аз буҷети ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ имконияти маблағгузории ин амал вуҷуд надорад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар айни замон раванди рақамикунонӣ қариб дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо суръати баланд идома дорад ва соҳаи иҷтимоӣ бо тамоми самтҳои асосии он аз ин қафо намемонад. Илова бар ин раванди рақамикунонӣ мавҷудияти техника ва технологияҳоро дар назар дорад, ки қодир ба иҷрои вазифаҳои бисёрфунксионалӣ дар истеҳсолот ва инчунин ҳангоми пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ мебошанд.

Барои ин дар Марказҳои шуғли аҳолӣ курсҳои ройгони компютерӣ ташкил карда мешаванд, ки асосан табақаҳои осебпазири аҳолии кишварро таълим медиҳанд ва ба ин васила малакаҳои заруриро барои кори минбаъда ба даст меоранд. Тадриҷан дар раванди рақамисозӣ, соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба дигар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, ба монанди соҳаҳои хизматрасониҳои молиявӣ, таблиғотӣ, машваратӣ, меҳмонхонаҳо ва сайёҳӣ паҳн карда мешавад.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи хизматҳои номбаршударо бидуни истифодаи унсурҳои соҳаи иҷтимоӣ самаранок пешниҳод кардан мумкин нест. Дар навбати худ, соҳаи иҷтимоӣ наметавонад вазифаҳои ба зиммаи худ гузошташударо бидуни соҳаҳои дигар ба таври муқаррарӣ иҷро намояд.

Дар айни замон дар кишвар шумораи шаҳрвандоне, ки дар соҳаи иҷтимоӣ, аз қабили маориф ва фарҳанг ҷалб шудаанд, нисбат ба одамоне, ки дар дигар соҳаи серталаби иқтисоди миллӣ кор мекунанд, камтар аст. Вазъи кунунии корҳо оид ба сатҳи шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.2 ба таври равшан нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.2 – Тақсимоти шумораи аҳолӣ дар соҳаи шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2017-2023 (ҳазор нафар)***

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 (+/-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Савдо, таъмири мошинҳо, мотосиклҳо, молҳои маишӣ ва ашёи шахсӣ | 170,6 | 157,9 | 153,5 | 157,2 | 158,7 | 114,9 | 159,8 | -10,8 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 15,6 | 15,4 | 16,4 | 16,4 | 17,1 | 17,0 | 19,6 | 4,0 |
| Нақлиёт, анбор ва алоқа | 43,6 | 62,1 | 61,3 | 61,3 | 58,6 | 51,0 | 58,3 | 14,7 |
| Миёнаравии молиявӣ | 21,3 | 20,0 | 23,4 | 24,9 | 21,2 | 21,2 | 22,1 | 0,8 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 44,8 | 47,3 | 44,5 | 45,1 | 50,5 | 49,8 | 49,6 | 4,8 |
| Маориф | 231,5 | 235,0 | 242,1 | 247,1 | 256,0 | 252,2 | 251,7 | 20,2 |
| Тандурустӣ ва хадамоти иҷтимоӣ | 114,3 | 114,9 | 115,4 | 116,7 | 120,9 | 119,9 | 120,0 | 5,7 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. - С. 85-86 [20].

Маълумоти дар ҷадвалбуда нишон медиҳад, ки шумораи зиёди аҳолии фаъоли иқтисодии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ кор

мекунанд. Дар мавриди дигар соҳаҳое, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, рақобат ба соҳаи тандурустӣ метавонад самтҳои бахши воқеии иқтисодиёт, аз қабили савдо ва хизматрасонии таъмириро ташкил диҳад, ки нишондиҳандаҳои онҳо дар тӯли чанд соли охир ба таври назаррас коҳиш ёфтаанд.

Масалан, соли 2017 дар ин соҳа 70,6 ҳазор нафар кор мекарданд ва дар соли 2022 ин нишондиҳанда то 14,9 ҳазор нафар коҳиш ёфта, дар соли 2023 ба 59,8 ҳазор нафар расид. Дар айни замон, шумораи кормандони соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ба таври назаррас афзудааст, ки ин тамоюли беҳтаршавандаро дар ин соҳаҳо нишон медиҳад. Масалан, шумораи кормандони соҳаи маориф дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 0,08% афзудааст ва дар баробари ин шумораи кормандони соҳаи тандурустӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 низ 0,04% афзудааст. Дар мавриди кам шудани шумораи кормандони соҳаи савдо қайд кардан мумкин аст, ки дар солҳои охир сатҳи тиҷорати электронӣ (тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳо ва ширкатҳое, ки бо тиҷорати онлайнӣ машғуланд) ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Дар замони муосир самти фарҳангии соҳаи иҷтимоӣ ба якчанд гуна муаммоҳо дучор гардидааст. Вале аз ҷадвали 2.2 дидан мумкин аст, ки дар ҳамаи соҳаҳои нишон дода шуда нишондиҳандаҳо самти мусбӣ доранд, яъне беҳбудӣ мушоҳида карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳар сол сатҳи даромади буҷети давлатӣ сол аз сол меафзояд, ки ин имкон медиҳад, ки хароҷот барои тамоми самтҳои соҳаи иҷтимоии кишвар бештар ба нақша гирифта шавад.

Ҳалли муаммоҳои дар боло зикршуда оид ба маблағгузории соҳаҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ба кам кардани қисми даромади буҷети маҳаллӣ вобаста аст.

Вале ногуфта намонад, ки чанд барномаҳое, ки дар сатҳи маҳаллӣ қабул карда шуда буданд, мутаассифона амалӣ нагардидаанд. Аз он ҷумла, қобили зикр аст, ки барои таъмини рушди соҳаи самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ омили инсониро низ ба инобат гирифтан лозим меояд, зеро талаботи аҳолиро бо пуррагӣ ва ҳамаҷониба қонеъ гардонидан ғайриимкон мебошад.

Муаммоҳои замонавии тараққӣ намудани самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ, ки хусусияти фарҳангӣ доранд дар бисёр мавридҳо аз такмили низоми идоракунӣ вобастагӣ дорад, зеро сатҳи баланди идоракунӣ аҳамияти на танҳо хоҷагидорӣ, балки аҳамияти стратегиро низ дорад. Дар натиҷа, бисёр муассисаҳое, ки барои рушди арзишҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва ахлоқии инсон пешбинӣ шудаанд ва ба соҳаи маориф ва фарҳанг тааллуқ доранд, пас аз ислоҳоте, ки дар иқтисодиёти миллӣ дар маҷмуъ ва дар соҳаи иҷтимоӣ гузаронида мешаванд, ба роҳи худтаъминкунӣ қадам ниҳодан ва ба ин васила бори буҷети давлатиро сабук намуданд. Ҳар қадаре ки соҳаи иҷтимоӣ дар кишвар рушд кунад, мероси фарҳангии халқҳои Тоҷикистон дар оянда ҳамон қадар боқӣ хоҳад монд.

## 2.2. Баҳодиҳии механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ

Тараққиёти самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ дар кам кардани сатҳи бекорӣ ва афзун намудани даромаднокии шаҳрвандон, рушди худи низоми соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла дар сатҳи муайян нигоҳ доштани саломатии аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар сиёсати кишвар ва чорабиниҳои давлатӣ, ки ба дастрасии аҳолӣ ба манзил оварда мерасонанд, такмил ва азнавкунии зерсохторҳои роҳу нақлиёт, роҳҳои кӯҳна, ки монеаи ҳаракати муқаррарии нақлиёт мешаванд ва ба ҳамин тариқ монеаҳоро дар рушди маориф, фарҳанг, илм, адабиёт, санъат ва варзишро ба вуҷуд меоранд.

Соҳаи иҷтимоӣ аз нигоҳи сохти худ ҳамчун як самти алоҳидаи илм, ки унсурҳои иқтисодро дар бар мегирад, дар робитаҳои наздик бо дигар самтҳои муҳими илмӣ қарор дорад. Системаҳои монанди маориф, тандурустӣ, суғурта ва фарҳанги иҷтимоӣ дар маҷмуъ, як низоми ягонае мебошанд, ки ба манфиати аҳолии кишвар амал мекунанд. Табиист, ки агар ягон унсури ин низом ё механизм ба тағйироти муҳити дохилӣ ва беруна саривақт вокуниш нишон дода натавонад, ин бешубҳа ба тамоми низоми ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба ин масъала аҳамияти соҳаи иҷтимоӣ бо қабули «Стратегияи

миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» оғоз гардидаст, ки дар нуктаҳои он ҳадафҳои ноил шудан ба баробарии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ мушаххас муайян карда шудаанд. Масалан, ба соҳаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон боби 4 «Рушди сармояи инсонӣ» дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 мебошад. Дар он самтҳои асосии иҷтимоии зерин баррасӣ шудаанд:

1. Маориф ва илм;
2. Саломатӣ ва дарозумрӣ;
3. Ҳифзи иҷтимоӣ;
4. Фарҳанг;
5. Муҳити зист;
6. Коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ.

«Сармояи инсонӣ омили муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт буда, сифати он бо рушди тамоми соҳаҳо зич алоқаманд аст. Он дар байни омилҳои дарозмуддати рушди иқтисодиёти оянда (дар муқоиса бо сармояи табиӣ, воқеӣ ва молиявӣ) дар ҷойи аввал аст. Дар робита ба ин, рушди сармояи инсонӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст» [14].

Тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки агар як соҳаи иҷтимоӣ рушд кунад, дар замоне, ки нишондиҳандаҳои соҳаи дигар пайваста коҳиш меёбанд. Ин тавре ки дар боло гуфта шуд, вайрон шудани тамоми низомро нишон медиҳад.

«Дар айни замон, соҳаи иҷтимоиро муассисаҳо ва корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Бо рушди қувваҳои истеҳсолӣ ҳам сохтори ниёзҳои иҷтимоӣ ва ҳам тарзи қонеъ кардани онҳо тағйир меёбад, талабот ба хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ, талабот ба сифати онҳо меафзояд. Фаъолияти корхонаҳо ва муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ бояд ба талаботи муайян, стандартҳо ва қоидаҳои муқарраршуда ба таври пурра ҷавобгӯ бошад» [111].

Гарчанде ки, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ аҳамияти хеле калон доранд, аммо дар ҳолати мо, пеш аз ҳама соҳаи фарҳангро таҳлил кардан зарур аст, зеро

ба андешаи мо, маҳз фарҳанг ба инсон неъматҳои ғайримоддӣ медиҳад ва ба рушди маънавии ӯ ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Ин гуна амал ба ҳар як шаҳрванд имконият медиҳад, ки дар ҷомеа мавқеи худро пайдо намояд, шаъну шарафи онро ҳеҷ кас паст назанад, озодии ҳуқуқии ҳаракатро дошта бошад ва бо ихтиёри худ дар интихоби манзили шахсӣ ширкат варзад.

Ин ҳолат натиҷаи истифодаи васеи қариб ҳамаи табақаҳои аҳолии кишвар аз шабакаи интернет, инчунин истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки хизматҳои онҳо ба аҳолӣ ба микдори номаҳдуд пешниҳод карда мешаванд. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар айни замон қисми ҷудонашавандаи ҳаёти одамон гардидаанд. Ин маънои онро дорад, ки аксари вақти истироҳат ва холии худро одамон дар ин шабакаҳо мегузаронанд.

Яке аз роҳҳои вақтгузаронӣ, инчунин ташриф овардан ба осорхонаҳо аз ҷониби аҳолии кишвар ҳисобида мешавад. Хусусияти осорхонаҳо дар он аст, ки ба як осорхона якчанд маротиба ташриф овардан мумкин аст. Ҳар дафъа, шахс чизи нав ва ҷолиброн барои худ кашф мекунад. Аз ҳама зиёраткунандагон сарзаминшиносӣ ва санъатшиносӣ мебошанд, ки ба намудҳои зерин тақсим карда мешаванд: фарҳангӣ, табиатшиносӣ, бостоншиносӣ, сиккашиносӣ, мардумшиносӣ, ҳуҷҷатҳо, силоҳ, ашёи рӯзгор ва ғайра.

Дар ин маврид, баъзе омилҳоро дида метавон, ки мунтазам ба фаъолияти созмонҳои фарҳангӣ таъсири манфӣ мерасонанд ва дар натиҷа умуман соҳаи иҷтимоӣ зарар мебинад (расми 2.4).

Вобаста ба самтҳои зикршудаи фарҳанг ва фароғат дар соҳаи иҷтимоӣ чораҳои зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дастгирии давлатии муассисаҳои ин самтҳо андешида мешаванд. Дар ин замина, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи фарҳанг ва фароғат низ ба як амри зарурӣ табдил ёфтааст.




**Расми 2.4 – Омилҳое, ки ба муассисаҳои фарҳангии фаъол таъсири манфӣ мерасонанд**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Ҳоло он қисми аҳолие, ки дар муассисаҳои соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ фаъолият менамоянд кӯшиш карда истодаанд, ки усулҳои навини замонавии педагогика ва психологияро ҷорӣ намоянд ва дар фаъолияти ҳаррӯзаашон аз онҳо ба таври васеъ истифода баранд, то ин ки натиҷаи фаъолият самарабахш бошанд. Аз ин лиҳоз, барои муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, тадбирҳои махсус амалӣ карда мешаванд, ки кормандонро барои иштирок дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ берун аз рӯзи корӣ ҳавасманд мекунанд. Чунин фаъолият барои баргузории чорабиниҳои дорои аҳамияти давлатӣ, ки дар он шаҳрвандони ҷумҳурӣ фаъолона иштирок мекунанд, зарур мебошад.

Вобаста ба самтҳои зикршудаи фарҳанг ва фароғат дар соҳаи иҷтимоӣ чораҳои зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дастгирии давлатии муассисаҳои ин самтҳо андешида мешаванд. Дар ин замина, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи фарҳанг ва фароғат низ ба як амри зарурӣ табдил ёфтааст.

Агар тарафи баҳсбарангези масъаларо гирем, на ҳама иштирокчиёни

чорабинӣ омода ҳастанд онҳоро бо хоҳиши худ интихоб намоянд, ки аз ҷониби муассисаҳои фарҳангӣ ба онҳо пешниҳод карда мешаванд. Аммо, ҳолатҳое низ ҳастанд, ки клубҳо ва иттиҳодияҳои ҳаваскорон наметавонанд талаботи аҳолӣ ва хусусан ҷавононро пурра қонеъ гардонанд, то ки шаклҳо ва намудҳои истироҳати фарҳангиро интихоб кунанд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама бояд нишондиҳандаҳои китобхонаҳои оммавиро дар кишвар таҳлил кард. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ дар ҷадвали 2.3 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.3 – Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ барои солҳои 2017-2023***

| Солҳо | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Шумораи китобхонаҳо | 1370 | 1353 | 1358 | 1363 | 1361 | 1366 | 1367 | 99,7 |
| Дар маҷмуъ китобҳо ва маҷаллаҳо (ҳазор нусха) | 11809,0 | 11644,6 | 11627,0 | 11636,7 | 11684,0 | 11684,8 | 11793,0 | 99,8 |
| Ҳамагӣ хонандагон (ҳазор нафар) | 1484,4 | 1520,8 | 1499,7 | 1109,9 | 1367,5 | 1331,4 | 906,1 | 61,04 |
| Китобҳо ва маҷаллаҳо (ҳазор нусха) дода шудаанд | 6375,0 | 7106,3 | 6151,9 | 6216,9 | 6409,6 | 6349,1 | 6374,7 | 99,99 |
| Шумораи китобҳо ва маҷаллаҳо ба ҳисоби миёна дар як китобхона (ҳазор нусха) | 8,6 | 8,6 | 8,6 | 8,3 | 8,6 | 8,6 | 8,6 | 100,0 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. - С. 177 [20].

Аз ҷадвал маълум мешавад, ки шумораи китобхонаҳо дар ҷумҳурӣ дар давраи баррасишаванда ба миқдори кам коҳиш ёфтааст. Агар дар соли 2017 1370 китобхона мавҷуд бошад, дар соли 2023 шумораи онҳо 1367 китобхонаро ташкил дод, яъне 99,7% мебошад, ки 0,3% камтар аз соли 2017. Қариб ҳамин ҳолат дар шумораи китобҳо ва маҷаллаҳои дар ихтиёри китобхонаҳо мавҷудбуда мушоҳида кард мешавад.

Агар нишондиҳандаҳои соли 2023-ро бо нишондиҳандаи соли 2017 муқоиса кунем, дар он ҳол дида мешавад, ки шумораи китобҳо низ 0,2% камтар мебошад. Аммо, бадтарин нишондиҳанда шумораи хонандагонест, ки

дар давраи мавриди назар ба китобхона ташриф овардаанд. Дар соли 2023, дар муқоиса бо соли 2017, китобхонаҳои кишвар 578,3 ҳазор нафар камтар ташриф оварданд, ки ин табиатан вазъи бадшавии фаъолияти китобхонаҳои кишварро нишон медиҳад.

Аммо, дар маҷмуъ, гуфтани он, ки шумораи хонандагон камтар шудааст, ба назари мо комилан дуруст нест. Зеро дар айни замон, бо пешрафти технологияи рақамӣ, бисёр китобҳо дар форматҳои электронӣ ба миқдори дилхоҳ дастрас шудаанд. Қариб дар ҳар як китобхона пойгоҳи китобҳои электронӣ дар форматҳои PDF мавҷуд аст. Дар шабакаҳои интернетӣ мо метавонем китобҳои онлайнро комилан озодона хонем ва инчунин метавонем истинодҳои зеркашии китобҳои электрониро истифода барем (library.tj, compass.tj, megamag.tj/books, kitobz.info ва сайтҳои китобхонаи Миллӣ kmt.tj, mmk.tj ва nlt.tj).

Инчунин, ба вазъи маънавии инсон ва воситаҳои ғанисозии маънавӣ ва танҳо гузаронидани вақтхушӣ муассисаҳои клубӣ, ки асосан дар деҳот ҷойгиранд, таъсири судманд мерасонанд.

Худи муассисаҳои фарҳангӣ – маърифатӣ дар фазои Шуравӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи меҳнатӣ, ватандӯстӣ, байналмилалии аҳолии ҶШС Тоҷикистон нақши муҳим бозидаанд. Он вақт дар Тоҷикистони Шуравӣ ба баргузории чорабиниҳо диққати зиёд дода мешуд, ки мавзӯъҳои асосии онҳо сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ ва нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ буданд. Илова бар ин, таблиғи арзишҳои фарҳангии халқҳои Тоҷикистон фаъолона идома дошт. «Аммо, буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар ҷумҳурӣ дар замони пасошуравӣ ба амал омад, ба муқовимати шаҳрвандӣ оварда расонд, ки ба фаъолияти ҳамаи муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонд. Дар ин солҳо вазъи муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ ба таври назаррас тағйир ёфт. Бад шудани маблағгузорӣ, хароб шудани биноҳо, набудани кадрҳои соҳибтахассус боиси қатъи пурраи фаъолияти аксар муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ дар ҳудуди

Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид» [149].

Барои тасаввур намудани холати муосири соҳаи иҷтимоии ҷумҳурӣ ва баҳо додан ба тамоюлҳои ташаккул ва тарраққиёти он бояд таҳлили маҷмуавии ҳамаи самтҳои асосии соҳаи иҷтимоиро гузаронид ва тарафҳои махсус хатарноки онҳоро ошкор намуд, то ки саривақт чораҳои превентивӣ амалӣ карда шаванд.

Барои ҳамин барои таҳлил аввал соҳаи тандурустиро чун мисол дида мебароем, зеро танҳо аз тандурустӣ саломатии аҳолии кишвар, махсус қабатҳои осебпазири он вобастагии калон дорад. Тавре, ки пештар қайд гардида буд, дар ҷумҳурии мо низоми ихтиёрии суғуртаи тиббӣ амалӣ шуда истодааст, ки ба соҳаи тандурустӣ имконият медиҳад, ки дар натиҷаи дарёфти маблағи иловагӣ аксари самтҳои он маблағгузорӣ карда шаванд ва ба аҳолӣ хизматрасониҳои тиббӣ бештар дастрас шаванд. Ба ҳамин хотир корфармоён шаҳрвандони соҳибкор буда, барои ҳиссаи худро ба суғуртаи ихтиёрии тиббӣ гузоштан чораҳои зарурӣ андешида истодаанд. Дар мавриди банақшагирии буҷетҳои корхонаҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ барои суғурта намудани қисми корношоями аҳолӣ пардохҳои иловагӣ ба инобат гирифта шаванд.

Тағйирот дар соҳаи тандурустие, ки дар аввали солҳои соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуда буд, то ҳол бо пуррагӣ анҷом наёфтааст. Омилҳои зерин метавонанд ба системаи тандурустӣ таъсир расонанд:

- хизматрасониҳои тиббии ройгон, на ҳамеша ба талабот ҷавобгӯ мебошанд;

- маблағгузории системаи тандурустӣ бо суръати суст сурат мегирад;

- дар сатҳи маҳаллӣ нокифоя будани буҷети барои соҳаи тандурустӣ пешбинӣ шуда;

- кам будани миқдори кормандони малакаи баланд дошта дар аксари минтақаҳо, махсусан минтақаҳои дурдаст аз ҳисоби ихроҷи мутахассисон ба дигар давлатҳо;

- сатҳи пасти афзоиши фаъолияти беморхонаҳо дар минтақаҳои дурдаст;

- куҳна шудани базаи моддиву техникии ташкилотҳои тиббӣ.

То ибтидои солҳои 2000-ум барои нигоҳдории соҳаи тандурустӣ ва махсус ба таври ройгон аз тарафи буҷети давлатӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳои тиббӣ маблағгузорӣ кам дида мешуд, ки дар натиҷа ниҳоят ба рушди соҳаи тандурустӣ халал расонид ва нишондиҳандаҳоро паст намуд. Тибқи гузоришҳо, сатҳи маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тақрибан се як коҳиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии тандурустии аҳолии кишвар дар ҷадвали 2.4 дида мешавад.

**Ҷадвали 2.4 – Нишондиҳандаҳои асосии тандурустии кишвар барои солҳои 2017-2023***

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Шумораи беморхонаҳо, (воҳид) | 484 | 490 | 494 | 525 | 523 | 535 | 536 | 110,7 |
| Шумораи катҳои беморхона (адад) | 40,1 | 40,4 | 40,7 | 41,6 | 42,1 | 43,0 | 42,8 | 106,7 |
| Шумораи муассисаҳои тиббии ёрии Маркази саломатӣ | 2833 | 2848 | 2860 | 2891 | 2908 | 2918 | 2946 | 104,0 |
| Шумораи таҷҳизоти корношоями тиббӣ | 1719 | 1711 | 1703 | 1731 | 1709 | 1715 | 1751 | 101,8 |
| Шумораи табибони ҳамаи ихтисосҳо (ҳазорҳо нафар) | 18,7 | 19,1 | 19,3 | 20,2 | 20,1 | 20,5 | 20,6 | 110,1 |
| Шумораи ташрифҳо дар як баст (ҳазор нафар) | 67,3 | 68,9 | 62,9 | 39,1 | 70,1 | 69,4 | 68,2 | 101,3 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. - С. 154 [20].

Маълумоти ҷадвали 2.4 аз он шаҳодат медиҳад, ки шумораи муассисаҳои беморхона дар давраи баррасишаванда ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ҳамин тавр, агар дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 484 беморхона фаъолият мекард, пас дар соли 2023 шумораи онҳо ба 536 беморхона расид ё 10,7% зиёдтар шудааст. Шумораи катҳои беморхона низ афзуда, аз 40,1 ҳазор то 42,8 ҳазор, яъне 6,7% зиёд шудааст. Шумораи муассисаҳои тиббӣ, ки ба аҳолӣ ёрии Маркази саломатӣ мерасонанд, 4% афзоиш ёфтааст ва агар дар соли 2017 онҳо

2833 нафар буданд, пас дар соли 2023 шумораи онҳо 2946 нафарро ташкил дод.

Дар баробари ин, боиси хурсандиовар аст, ки дар давраи таҳлилшаванда теъдоди табибон аз 18,7 ҳазор ба 20,6 ҳазор нафар расид, ки ин табиатан тамоюли мусбати соҳаи тандурустиро нишон медиҳад. Аммо, дар баробари ин шумораи беморон каме афзуд. Масалан, агар дар соли 2017 дар як баст 67,3 ҳазор нафар ба беморхона ташриф меоварданд, пас дар соли 2023 онҳо 68,2 ҳазор нафар ё дар як баст 0,9 ҳазор нафар бештар бемор шуданд. Ин шаҳодат аз он аст, ки сатҳи бемори̅ дар ҷумҳури̅ коҳиш наёфтааст, балки баръакс меафзояд.

Ин ба мо имкон медиҳад, ки муассисаҳои системаи тандурусти̅ мувофиқи самтҳои гуногуни соҳаи тандурусти̅ фаъолият мекунанд, ки дар навбати худ ба масъалаҳои демографи̅, ба монанди таваллуд, фавт, афзоиш ё коҳиши табиии аҳолии кишвар, аз он ҷумла афзоиш ва камшавии миқдори бемориҳо ва касалиҳои музмин ва ҳолати ҷисмонии хурдсолон ва насли наврас таъсир мерасонад. Бояд қайд намуд, ки дарозумри̅ дар соҳаи тандурусти̅ нишондиҳандаи калиди̅ ба ҳисоб меравад. Ислоҳоте, ки бояд дар системаи тандурустии кишвар ба таври доими̅ гузаронида шаванд, бояд ба хизматҳои дастрас ва босифати муассисаҳои тиббии системаи тандурусти̅ мусоидат кунанд.

«Барои ноил шудан ба афзалиятҳои миллии рушд дар соҳаи тандурусти̅, сатҳи хароҷоти маҷмуи̅ барои ин соҳа бояд то соли 2030 аз ММД 2 – 2,5 банди фоизи̅ зиёд карда шавад. Дар ин ҳолат вазифаи баланд бардоштани сифати ташхис ва ҳама намудҳои кӯмаки тибби̅, инчунин ба тибби пешгирикунанда равона кардани соҳа гузошта мешавад. Таъмини саломатии аҳоли̅ як масъалаи байнисоҳави̅ мебошад, ки ҳалли он аз саломатии таваллуд, сатҳи саводнокии аҳоли̅, тарзи зиндаги̅, вазъи беҳдошти муҳити зист, шароити меҳнат, пуррагии ғизо, сатҳи некӯаҳволи̅ ва самаранокии низоми тандурусти̅ вобаста аст, аз ин рӯ маҷмуи равишҳо ва қарорҳо муҳим аст» [14].

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати милли̅ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали̅ Раҳмон дар Паёми

навбатии худ ба Парлумони мамлакат зимнан зикр намуда буданд, ки: «...дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии мамлакат 2 баробар зиёд шуда, аз 5,3 миллион нафар дар соли 1991 то ба 10,2 миллион нафар дар соли 2023 расид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши табиии аҳолӣ аз ҳисоби зиёд шудани таваллуд ва паст гардидани фавт дар замони соҳибистиқлолӣ хар сол ба ҳисоби миёна 2,1 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ин давра шумораи фавт ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ аз 6 нафар дар соли 1991 то 3 нафар дар соли 2023 паст гардидааст. Яъне дар ин давра фавт 2 баробар коҳиш ёфтааст. Аз ҷониби дигар, дар ин давра дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 сол ба 76,3 сол расидааст. Яъне умри миёнаи аҳолии мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 6 сол афзоиш пайдо кардааст. Нишондиҳандаҳо мазкур далели равшану возеҳи беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошанд» [22].

Дар радифи соҳаи тандурустӣ дар кори диссертатсионӣ барои омӯзиш ва таҳлил намудан  соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди интихоб қарор гирифтааст, зеро соҳаи маориф ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва сатҳи баланди соҳаи маориф пуриқтидории зеҳнии давлатро нишон медиҳад. Якҷоя бо тараққӣ ёфтани ҷамъияти иҷтимоӣ талабот нисбат ба гирифтани дониши хуб торафт зиёд шуда истодааст ва таваҷҷуҳи аҳолӣ барои таҳсилоти сатҳи олӣ торафт баланд гардида истодааст, чунки аз низоми маориф рушди ояндаи ҳамаи самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ вобастагии калон дорад.

«Зарурати ташаккули салоҳиятҳо ва навовариҳои устувор шарти муҳими таъмини пешрафти воқеӣ ва дарозмуддат мегардад. Гуфта мешавад, ки сухан на танҳо дар бораи баланд бардоштани дастрасӣ ба маориф ва навоварӣ, балки дар бораи сифати таълим ва самаранокии илм низ меравад» [14].

Соҳаи маориф бо мавҷудияти худ кафолатнокии саводнокии миллатро ифода менамояд. Бинобар ин, сатҳи дастрасии аҳолии кишвар барои таҳсил намудан дар муассисаҳои ин соҳа мавқеи баланди ҷамъияти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад.

«Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои омода намудани кадрҳои коргарӣ нақши басо назаррас доранд, зеро пешрафти соҳаҳои иқтисоди миллӣ, таъмин намудани корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ бо мутахассисон дар назди онҳо вазифаҳои нав мегузорад.

Шумораи муассисаҳои ин зинаҳои таҳсилот, махсусан, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст ва мустаҳкам намудани пояҳои моддиву техникии онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб ба шумор меравад» [26].

Айни замон, дастрасии соҳаи маориф сол аз сол меафзояд. Дар баробари ин дастрасӣ ба гирифтани маълумот сатҳи даромаднокии волидонро нишон медиҳад. Барои аксарияти аҳолии кишвар имкониятҳои таҳсил ҳар сол бештар мешаванд (ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5 – Шумораи муассисаҳои таълимӣ дар солҳои 2017-2023, воҳид***

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | 615 | 636 | 662 | 678 | 696 | 707 | 717 | 116,5 |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 3879 | 3877 | 3893 | 3920 | 3949 | 3972 | 3995 | 102,9 |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (аз он ҷумла, филиалҳо) | 67 | 70 | 74 | 78 | 79 | 84 | 84 | 125,3 |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (аз он ҷумла филиалҳо) | 39 | 39 | 40 | 41 | 41 | 46 | 46 | 118,0 |
| Шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 61 | 61 | 62 | 62 | 62 | 60 | 60 | 98,3 |
| **Ҳамагӣ:** | **4661** | **4683** | **4731** | **4779** | **4827** | **4869** | **4902** | **105,1** |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. - С. 45-61 [20].

Маълумоти ҷадвали 2.5 шумораи муассисаҳои таълимии кишварро нишон медиҳад, ки дар байни онҳо пеш аз ҳама муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бартарӣ доранд. Агар соли 2023-ро нисбат ба соли 2017 муқоиса намоем, мо мебинем, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 2,9 фоиз афзудааст, ки ин вазъро дар мактабҳои миёна каме сабук мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки бо назардошти сатҳи баланди шаҳрсозӣ асосан дар пойтахти мамлакат дар шаҳри

Душанбе муассисаҳои таҳсилоти умумӣ то ҳол намерасанд ва дар баъзе мактабҳо дар як синф то 40 нафар хонанда нишастааст. Инчунин шумораи муассисаҳои зерин зиёд шудаанд: таҳсилоти томактабӣ 16,5%, таҳсилоти миёнаи касбӣ 25,3%, таҳсилоти олии касбӣ 18% ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ 0,2% кам гардидааст. Дар маҷмуъ, агар мо низоми маорифро баррасӣ намоем, шумораи муассисаҳои таълимӣ дар давраи баррасишаванда 241 муассиса ё 5,1% афзудааст.

Дар ҳоле, ки дар таҳқиқоти мо сухан дар бораи хонандагон ва норасоии ҷойҳои таълимӣ, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ рафт, нишондиҳандаҳои миқдории хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ саривақт баррасӣ карда мешаванд.

**Ҷадвали 2.6 – Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ барои солҳои 2017-2023 (ҳазор нафар)***

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | 93,1 | 96,6 | 102,2 | 97,2 | 101,2 | 102,5 | 104,9 | 112,6 |
| Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 1907,7 | 1970,9 | 2035,2 | 2110,2 | 2196,8 | 2233,0 | 2279,3 | 119,4 |
| Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 95,5 | 87,2 | 89,6 | 108,7 |
| Шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | 218,1 | 214,4 | 109,5 |
| Шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 23936 | 22903 | 22336 | 22491 | 20757 | 19898 | 18449 | 77 |
| **Ҳамагӣ:** | **26214,9** | **25266,8** | **24793,4** | **25042** | **23390** | **22538,8** | **21140,2** | **80,64** |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. - С. 45-61 [20].

Дар ин ҷо, инчунин дида мешавад, ки шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нисбат ба дигар муассисаҳои таълимӣ бартарӣ доранд (ҷадвали 2.6).

Агар мо солҳои 2017 – 2023-ро муқоиса кунем, пас метавонем афзоиши

назарраси шумораи донишҷӯёнро мушоҳида намоем. Яъне, дар ин давра шумораи хонандагон дар давоми ин шаш сол 19,4 фоиз афзудааст. Тавре ки дар боло зикр гардид, он бо афзоиши аҳолии ҷумҳурӣ ва инчунин сатҳи баланди шаҳрсозӣ алоқамандӣ дорад. Агар ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ назар кунем, он гоҳ дида мешавад, ки шумораи хонандагони онҳо аз соли 2017 то 2023 каме коҳиш ёфтааст ва ин нишондиҳанда ба 77,07% баробар шудааст.

Илова ба гуфтаҳои дар боло оварда шуда, ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии муассисаҳо ва корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликиятро, ки хизмати иҷтимоию фарҳангӣ мерасонанд, ба назар гирифтан зарур аст, ки ин музди миёнаи якмоҳаи онҳоро нишон медиҳад (диаграммаи 2.2).

**Диаграммаи 2.2 – Музди меҳнати моҳонаи соҳаи иҷтимоӣ барои солҳои 2019-2023 (бо сомонӣ)***




| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Маориф | 1058,55 | 1117,6 | 1247,46 | 1386,36 | 1645,79 |
| Тандурустӣ | 900 | 977,22 | 1023,12 | 1141,48 | 1344,74 |
| Фарҳанг | 1086,42 | 1158,55 | 1259,21 | 1473,02 | 1678,11 |
| Суғурта | 3333,05 | 3580,17 | 4296,47 | 5051,87 | 5679,65 |

***Сарчашма***: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. - С.134 [20].

Аз диаграммаи 2.2 маълум мешавад, ки аз ин чор самти соҳаи иҷтимоӣ, ки баррасӣ шудаанд, сатҳи баландтарини музди меҳнати кормандони соҳаи аввал суғурта ва баъдан фарҳанг мебошад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки музди меҳнати кормандони соҳаи суғурта дар байни дигар соҳаи иҷтимоӣ баландтарин мебошад, зеро ки аксарияти ширкатҳои суғуртавӣ ба бахши хусусӣ вобастагӣ доранд. Соҳаи тандурустӣ бошад, аз рӯйи сатҳи музди меҳнат

дар қатори охирин қарор дорад. Бояд қайд кард, ки музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодӣ, ки дар кор баррасӣ нашудааст низ камтар аст. Низоми маориф низ истисно нест. Агар сухан дар бораи ҳамаи соҳаи иҷтимоӣ равад, дар ин маврид низоми ташаккулёфта баъзан ҳалли пурраи мушкилотро дар шароити муосир таъмин карда наметавонад.

Агар худи соҳаи суғуртаро гирем, он гоҳ гуфтан ба маврид аст, ки дар нақши соҳаи суғурта дар рушди иқтисодиёти миллӣ бениҳоят зарур мебошад. Бинобар ин, суғуртаи ҳаёт як соҳаи дарозмуддати суғурта мебошад ва дар ташаккули механизми идоракунии сармоягузорӣ ва молиявӣ ҳамчун як қисми сиёсати сармоягузории давлат нақши калон дорад. Мутаассифона, бинобар вазъи ноустувори иқтисодӣ дар кишвар, ноустувории ширкатҳои суғуртаи ватанӣ, фарҳанги пасти суғуртаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин соҳаи суғурта манфиатдор нест [145].

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 адад ширкатҳои суғуртавӣ тибқи иҷозатномаи Бонки Миллии Тоҷикистон фаъолият менамоянд. Ба инҳо дохил мешаванд: КВД «Тоҷиксуғурта», ҶДММ «Муин», ҶДММ «Меҳнат», ҶДММ «Эсхата Суғурта», ҶДММ «Спитамен Иншуренс», ҶДММ «Итминон», ҶДММ «Бима», ҶДММ «Бима Ҳаёт», ҶДММ «Суғуртаи Тоҷик ва Чин», ҶСП «Суғуртаи аввалини миллӣ», ҶДММ «Суғуртаи асри 21», ҶДММ «Сипаҳр», ҶДММ «Такаффул», ҶДММ «Суғурта», ҶСП «Паймон Иншуренс», ҶДММ «Бохтар Иншуренс» [32].

Қабули зикр ҳаст, ки идораи марказии ташкилотҳои суғуртавии ҷумҳурӣ 14 адад дар пойтахти Тоҷикистон ҷойгир шудааст ва идораи марказии 2 адад ташкилот ба монанди ҶСП «Паймон Иншуренс» дар вилояти Суғд ва ҶДММ «Бохтар Иншуренс» дар шаҳри Бохтар мавқеъ гирифтаанд. Дигар минтақаҳои Тоҷикистон то ҳол ташкилотҳои суғуртавии худ пайдо накардаанд, ки ин ҳолат гарчанде, ки музди меҳнати кормандони соҳаи суғурта баланд бошад ҳам пешравии ҷиддиро нишон намедиҳад. Аз ин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки таваҷҷуҳи мардуми Тоҷикистон ба соҳаи суғурта то ҳол баланд

нагардидааст. Акнун ба соҳаи суғурта наздик соҳаи тандурустиро баррасӣ менамоем, ки дар он ҷо нишондиҳандаҳои молиявӣ дар сатҳи на он қадар баланд қарор доранд.

Бояд қайд кард, ки музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ аз ҳамаи категорияҳои иқтисодие, ки дар ин кор баррасӣ нашудаанд низ камтар аст. Низоми маориф низ истисно нест. Агар сухан дар бораи ҳамаи соҳаи иҷтимоӣ равад, дар ин маврид низоми ташаккулёфта баъзан ҳалли пурраи мушкилотро дар шароити муосир таъмин карда наметавонад.

Яке аз омилҳои муҳимтарини буҳрони соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории буҷетии соҳаҳои таҳлилшаванда мебошад. Ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ то ҳол нисбати соҳаи иҷтимоӣ принсипи боқимонда амал мекунад.

Муаммоҳои дигаре, ки ба самтҳои асосии соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ дохил мешаванд ин таҳдиди зеҳнӣ мебошад, зеро мутахассисони дорои донишу малакаи баланд аз сабаби нокифоя будани сатҳи музди меҳнат аз ҷумҳурӣ мунтазам хуруҷ гардида истодаанд, аз он ҷумла дар сатҳи паст қарор доштани дониши мутахассисони ҷавоне, ки аз муассисаҳои таълимӣ нав ба кор қабул шуруъ намудаанд. Дар натиҷа, аз сабаби паст будани сатҳи базаи моддиву техникии муассисаҳои самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ сифати хизматрасониҳо дар ин самт на он қадар самарабахш мебошанд.

### 2.3. Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои маблағгузории давлатии соҳаи иҷтимоӣ

Бояд тазаккур дод, ки соҳаи иҷтимоӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба малағгузории давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо эҷтиёҷи бештар дорад. Дар ин раванд нақш ва мавқеи давлат дар самти таблиғи идиологияи миллӣ ва рушди фарҳангу маънавиёти аҳолӣ бояд мақсаднок роҳандозӣ гардад. Ҳамоҳангсозии соҳаи фарҳанг ва татбиқи идеологияи сиёсии давлат аз аҳамият холӣ нест, зеро масъалаи мазкур дар ташаккули маънавиёту мафкураи миллӣ нақши босазо дорад. Фарҳанги миллӣ ва ташаккулу такмили он дар таъмини арзишмандии

ҳаёти ҷомеа яке аз самҳои сиёсати иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад. Малағгузории соҳаи мазкур барои беҳдошти тарзи ҳаёти солим ва рушду малакаи шахсӣ, инчунин зеҳнияту маънавиёт хеле муҳим мебошад.

Барои самаранок тақсим намудани захираҳо вуҷуд надоштани шакли ягонаи иттилоотӣ ҳамучун монеа фаҳмида мешавад. Дар ҳолате, ки дар байн масъалаҳои хизматрасонии соҳаҳои маориф, тандурустӣ, суғурта ва фарҳанг пайдо мегарданд бо пуррагӣ дастрас будани иттилоот аҳамияти на он қадар баланд дорад дар ҳоле, ки хариду фурӯши махсулоти саноатии сифатнок бештар ба назар гирифта мешаванд. Дар айни замон, иқтисоди бозорӣ афзалиятҳои худро дорад, зеро иштирокчиёни бозор саривақт тамоми маълумоти заруриро дар бораи молҳои истеҳсолшуда ва хизматҳои пешниҳодшаванда, инчунин маълумот дар бораи бозори фурӯш ва бозори истеъмолӣ мегиранд. Мураккабии объекти мубодила ба сифати хусусиятии он таъсир мерасонад, ки дар натиҷа самараи он ба назар мерасад.

Бо васеъ гардидани соъхтори соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ сатҳи мураккабии он ҳам баланд мешавад ва дар баробари ин таъсири омилҳои баррасишаванда низ зиёд мегарданд, ки зарурияти дахолати давлат ба рушди ин соҳа ба вуҷуд меояд. Ин амалро бевосита ҳам ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ дар бахши давлатӣ ва ҳам дар ташаккули сиёсати фарҳангӣ дидан мумкин аст.

Ногуфта намонад, ки як қатор муассисаҳои соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ дар ҳолати монополӣ қарор доранд ва аз ин лиҳоз дар минтақаҳои дурдаст таъсис додани ҳар гуна осорхонаҳои санъати олӣ, оркестрҳои симфонии касбӣ, театрҳои опера ва балет аз имконияти молиявию иқтисодӣ асоснок карда намешавад.

Дар ин маврид дар сатҳи баланд муайян намудани нархи маҳсулоти истеҳсолшаванда на танҳо бо гирифтани даромади зиёд вобастагӣ дорад, балки ки хароҷоти миёна дар ин ҷо аз ҳадди ниҳоӣ нисбатан бештар баланд мебошад.

Вале барои аксари ташкилотҳои самтҳои асосии соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ кам намудани хароҷот дар самти хизматрасониҳои иловагӣ имконият надорад.

Барои мисол дар осорхонаҳое, ки дар он ҷой намоишгоҳҳои расмҳо ё дигар асарҳои бадеӣ нишон дода мешаванд, шумораи меҳмонон ба хароҷоти аслӣ таъсир намерасонад. Вале ҳангоме, ки хароҷоти миёна барои як нафар меҳмон бо зиёд гардидани ташрифҳо кам мешавад, онҳо то ҳол аз ҳадди ниҳоӣ баландтар мебошанд.

Аз ин лиҳоз, агар ҳадди ақали нархи чипта ва миқдори хароҷоти миёна муайян гардад, маълум мешавад, ки хароҷоти воқеӣ ҷуброн карда намешавад. Имрӯз аксарияти истеъмолкунандагони соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ имкони қобилияти пардохти хароҷоти воқеиро надоранд. Ин гуна камбудӣ ба воситаи фаъолияти шакли ғайритиҷоратии муассисаҳо ва ҳам тавассути иштироки давлат аз байн бурда мешаванд ва амали зерин имконият медиҳад, ки нархҳо дар сатҳи мувофиқ ба интизориҳо ва имкониятҳои истеъмолкунандагон қарор гиранд.

Аҳамияти дастгирии давлатии истеҳсол ва истеъмоли неъматҳо ва хизматҳои фарҳангиро дар доираи Консепсияи умумии «неъматҳои мериторӣ» шарҳ додан мумкин аст. Муаллифи он, Ричард А. Масгрейв он неъматҳоро мериторӣ номид, ки арзиши аслии онҳо ба истеъмолкунандагон маълум нест ва талабот ба онҳо аз ҷониби шахсони хусусӣ аз «он чизе, ки ҷомеа мехоҳад» қафо мондааст. «Аз ин рӯ, давлат ин неъматҳои барои ҷомеа муфидро тавассути дотатсияҳои буҷетӣ ба истеҳсолкунандагон нигоҳубин мекунад, шахсонро ба афзоиши истеъмоли онҳо ташвиқ мекунад, яъне фаъолияти фарҳангӣ пурра ба «парастории меритории давлат» дохил мешавад» [80].

Таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи танзими давлатии соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ нишон медиҳад, ки чаҳор нақши асосии давлат нисбат ба фарҳанг ва санъат имконпазир аст «(типологияи Х. Чартранда ва С. Мак – Кафи (1985 г.); меъёр нақши давлат, ки бо анъанаҳои сиёсӣ вобаста аст) расми 2.5» [144].




**Расми 2.5 – Нақшҳои асосии давлат нисбат ба фарҳанг ва санъат**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Албатта, ҳар як давлат ба андозае, ҳар яке аз ин нақшҳоро мебозад. Аммо, дар ҳар як кишвар, бо сабаби анъанаҳои ҳаёти фарҳангӣ ва сиёсӣ, хусусият ва услуби муайяни танзими давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки ба ин ҷомеа хос аст, ташаккул меёбад. Ин метавонад дар бораи таъкид ба маҷмуи мушаххаси механизмҳо ва тартибҳо бошад, ки бо дараҷаи одилонаи шартӣ ва онро «нақш» номидан мумкин аст. Гузашта аз ин, ин таъкидҳо метавонанд вобаста ба вазъи иқтисодӣ, вазъи сиёсӣ (беруна ва дохила) тағйир ёбанд.

Дар ин маврид саривақт Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро қайд намудан, ки: «...Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст» [21].

Аз ин рӯ, бо итминон метавон гуфт, ки соҳаи иҷтимоӣ ҳамеша таҳти назорати давлат қарор дорад ва рушди иҷтимоӣ ва таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мебошад.

Барои ин, мо дар кори худ ба чор ҷузъи сохтори иҷтимоии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи махсуси худро зоҳир намудем:

1. Маориф;

2. Тандурустӣ;

3. Суғурта;

4. Фарҳанг ва варзиш.

Мо, дар таҳқиқоти худ бештар ба масоили маориф ва тандурустӣ таваҷҷӯҳ намуда, саҳми онҳоро дар рушди соҳаи иҷтимоӣ баррасӣ намудаем. Масоили суғурта, фарҳанг ва варзиш низ муҳим аст ва онҳо раванди таҳқиқи алоҳидаро тақозо менамоянд.

Бояд қайд кард, ки аз буҷети давлатӣ, маҳз ин соҳаҳои дар боло зикршуда аз ҳама бештар маблағгузорӣ мешаванд, гарчанде ки байни сатҳи маблағгузории онҳо дар нишондиҳандаҳо фарқиятҳои муайяне вуҷуд доранд.

Аз буҷети давлатӣ ин соҳаҳо тибқи таснифи буҷети давлатӣ, ки аз самтҳои зерин иборат аст, маблағгузорӣ карда мешаванд:

«01. Бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ;

02. Мудофиа;

03. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ;

04. Маориф;

05. Тандурустӣ;

06. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;

07. Хоҷагии манзилию коммуналӣ, экология ва хоҷагии ҷангал;

08. Фарҳанг ва варзиш;

09. Маҷмуаи сӯзишворӣ - энергетикӣ;

10. Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор;

11. Саноат ва сохтмон;

12. Нақлиёт ва коммуникатсия;

13. Дигар фаъолият ва хизматрасониҳои иқтисодӣ;

14. Хароҷоти ба категорияҳои дигар дохилнашуда» [137].

Пеш аз ҳама, соҳаи маорифро таҳлил кардан зарур аст, зеро ба назари мо, ин самти муҳимтарини соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Таҳсилот дар мамлакати мо ба таҳсилоти олӣ, касбӣ – техникӣ, иловагӣ ва касбӣ тақсим карда мешавад, ин имкон медиҳад, ҳуқуқ ба таҳсилот дар тӯли ҳаёт амалӣ карда шавад. Дар ин ҳолат, омӯзиши инсон дар тӯли ҳаёти ӯ идома меёбад. Ҳар дафъа дар ҷустуҷӯи муваффақият, шахс малака ва дониши омӯхтаашро истифода мебарад. Кӯмаки давлат ба соҳаи маориф тавассути буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад. Маблағгузории соҳаи маориф аз буҷети давлатӣ дар ҷадвали 2.7 баррасӣ карда шудааст.

**Ҷадвали 2.7 – Маблағгузории соҳаи маориф аз буҷети давлатӣ барои солҳои 2017-2023 (млн. сомонӣ) ***

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Таълими томактабӣ | 58,2 | 66,7 | 79,1 | 47,2 | 79,3 | 90,1 | 98,6 | 169,4 |
| Таҳсилоти умумӣ | 222,6 | 262,3 | 297,5 | 302,0 | 302,4 | 397,1 | 422,9 | 190,0 |
| Таҳсилоти ибтидоӣ | 169,6 | 214,2 | 224,4 | 223,7 | 208,0 | 272,8 | 283,2 | 167,0 |
| Таҳсилоти умумии асосӣ | 0,1 | 0,15 | 0,2 | 0,3 | 0,20 | 0,17 | 0,21 | 2,1 мар |
| Таҳсилоти миёнаи умумӣ | 52,9 | 47,9 | 72,9 | 78,0 | 94,2 | 124,1 | 139,4 | 2,6 мар |
| Муассисаҳои хусусияти умумӣ | 0,04 | 0,031 | 0,0056 | 0,003 | 0,007 | 0,01 | 0,01 | 25,0 |
| Таҳсилоти касбӣ | 851,5 | 935,4 | 1089,5 | 1116,7 | 1322,7 | 1449,6 | 1491,3 | 175,1 |
| Таҳсилоти олии касбӣ | 711,1 | 771,6 | 888,9 | 906,4 | 1077,1 | 1191,9 | 1209,2 | 170,0 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 89,1 | 107,8 | 136,7 | 143,7 | 170,5 | 177,8 | 184,8 | 2,07 мар |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 51,3 | 56,0 | 63,9 | 66,7 | 75,2 | 80,0 | 97,3 | 189,6 |
| Маориф ба сатҳҳо тақсим карда намешавад. | 29,5 | 31,2 | 35,4 | 34,5 | 43,8 | 52,4 | 51,8 | 175,6 |
| Курсҳои омӯзишӣ ва марказҳо | 8,7 | 10,2 | 12,6 | 11,6 | 13,7 | 21,4 | 15,6 | 179,3 |
| Институтҳои рушди касбӣ | 20,5 | 20,5 | 21,9 | 22,0 | 26,7 | 27,2 | 32,3 | 157,6 |
| Муассисаҳое, ки ба дигар муассисаҳо дохил карда нашудаанд | 0,3 | 0,47 | 1,00 | 0,87 | 3,51 | 3,73 | 3,86 | 12,86 мар |
| Фаъолияти дигар дар соҳаи маориф | 78,1 | 86,2 | 95,8 | 82,6 | 130,4 | 208,1 | 247,2 | 3,16 мар |
| Идоракунӣ ва назорат дар соҳаи маориф | 10,0 | 11,3 | 12,2 | 11,8 | 17,3 | 24,7 | 26,0 | 2,6 мар |
| Дастгирии фаъолият дар соҳаи маориф | 28,8 | 30,5 | 31,5 | 25,6 | 37,4 | 40,9 | 44,8 | 6,78 мар |
| Корҳои илмӣ ва таҷрибавӣ дар соҳаи маориф | 6,6 | 7,1 | 8,2 | 8,5 | 10,1 | 11,8 | 14,2 | 2,15 мар |

| идомаи ҷадвали 2.7 | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Фаъолият дар соҳаи маориф, ки ба гурӯҳҳои дигар дохил карда нашудааст | 32,7 | 37,3 | 43,9 | 36,7 | 65,6 | 130,7 | 162,2 | 4,96 мар |
| Буҷетҳои маҳаллӣ | 2142,2 | 2337,8 | 2584,9 | 2619,1 | 3260,2 | 3694,5 | 4273,3 | 199,5 |
| Лоиҳаҳои сармоягузорӣ | 190,5 | 107,1 | 236,9 | 227,6 | 246,5 | 488,0 | 525,8 | 2,76 мар |
| **Дар маҷмуъ:** | **3572,7** | **3826,6** | **4419,2** | **4429,7** | **5385,3** | **6379,8** | **9323,9** | **2,6 мар** |

***Сарчашма:** https://moliya.tj Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иҷроиши буҷет барои солҳои 2017-2023 [30].

Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки сарфи назар аз мушкилоти муайяни маблағгузории маориф, Роҳбарияти давлати мо ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо рушд намояд ва бозори меҳнати дохилӣ аз шумораи кадрҳои баландихтисос бой гардад. Дар робита ба ин, маълумоти ҷадвали 2.8 ба мо нишон медиҳад, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳар сол барои таъмини ин соҳа маблағҳои бештар ҷудо карда мешаванд. Агар ба динамикаи афзоиши маблағгузории маориф назар афканем, пас маълум мешавад, ки талошҳои Ҳукумати кишвар натиҷаҳои мусбат медиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар давраи баррасишаванда маблағгузории таҳсилоти томактабӣ 69,4%, таҳсилоти умумӣ 90%, таҳсилоти миёнаи касбӣ 2,07 маротиба, таҳсилоти ибтидоии касбӣ 89,6%, курсҳои омӯзишӣ ва марказҳои такмили ихтисос 79,3% афзудааст.

Бо вуҷуди ин, дар баъзе соҳаи низоми маориф ҳанӯз ҳам мушкилоти маблағгузории давлатӣ вуҷуд дорад. Масалан, таҳсилоти умумии ибтидоӣ ҳамагӣ 67,0%, муассисаҳои дорои хусусияти умумӣ 25,0% ва институтҳои рушди касбӣ 57,6% афзудааст.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дастгирии давлатии низоми маориф, ки аз буҷети давлатӣ ва аниқтараш қисми хароҷоти он амалӣ карда мешавад, чунки ҳангоми ба нақшагирии буҷети давлатӣ таҳлили муфассалро тақозо менамояд. Агар тамоми низоми маорифро гирем, маблағгузории он аз буҷети давлатӣ ба ҳисоби миёна тақрибан даҳ баробар афзудааст, ки онро дар давраи таҳлилшуда вазъияти муқаррарӣ номидан мумкин аст.

Дар навбати худ соҳаи тандурустиро мавриди омӯзиш қарор гирифтан лозим меояд, ки соҳаи мазкур ба монанди соҳаи маориф ё яке аз соҳаҳои

афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни омӯзиш, мо инчунин соҳаи зеринро дида мебароем. Маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз буҷети давлатӣ дар ҷадвали 2.8 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.8 – Маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои солҳои 2017 - 2023 (млн.сомонӣ)***

| Номгӯйи хароҷот | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Беморхонаҳо** | **239,1** | **258,6** | **272,2** | **237,6** | **276,7** | **396,8** | **499,5** | **2,08 мар** |
| Беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ | 108,5 | 120,0 | 131,0 | 108,4 | 125,9 | 150,7 | 172,6 | 159,0 |
| Беморхонаҳо ва марказҳои махсус гардонидашуда | 116,6 | 122,0 | 124,0 | 113,0 | 130,0 | 220,9 | 297,1 | 2,54 мар |
| Таваллудхонаҳо ва марказҳои барқарорсозӣ | 12,9 | 15,4 | 15,8 | 15,6 | 19,4 | 22,2 | 21,8 | 169,0 |
| Беморхонаҳое, ки ба категорияҳои дигар дохил карда нашудаанд | 1,1 | 1,3 | 1,4 | 0,6 | 1,4 | 3,1 | 3,2 | 2,9 мар |
| **Марказҳои саломатӣ (клиникаҳо)** | **32,6** | **42,6** | **46,1** | **46,3** | **54,2** | **55,2** | **26,9** | **82,5** |
| Марказҳои тиббии бисёрсоҳавӣ (беморхонаҳо). | 22,2 | 29,9 | 33,1 | 33,5 | 38,1 | 36,1 | 3,0 | 13,51 |
| Марказҳои махсуси тиббӣ ва бунгоҳҳои саломатӣ (клиникаҳо) | 2,3 | 2,8 | 3,8 | 4,9 | 4,7 | 4,6 | 5,2 | 2,26 мар |
| Маркази дандонпизишкӣ ва истгоҳҳои ёрии таъҷилӣ | 4 | 5 | 5,5 | 4,76 | 5,6 | 6,7 | 6,8 | 170,0 |
| Маркази тибби оилавӣ ва хизматрасонии марказҳои тиббӣ | 4 | 4,78 | 4,1 | 3,126 | 5,57 | 7,56 | 11,69 | 2,92 мар |
| **Маркази ҳифзи саломатӣ** | **44,3** | **59,3** | **73,5** | **81,1** | **100,8** | **94,4** | **128,4** | **2,89 мар** |
| Маркази хун | 15,0 | 18,9 | 24,2 | 22,4 | 27,8 | 29,3 | 36,9 | 2,46 мар |
| Маркази дезинфексияи пешгирикунанда | 0,3 | 0,5 | 0,8 | 1,1 | 1,0 | 1,2 | 1,1 | 3,66 мар |
| Марказҳои эмкунӣ ва маркази санитарӣ -эпидемиологӣ | 20,2 | 24,1 | 28,4 | 36,6 | 47,4 | 42,8 | 65,5 | 3,24 мар |
| Марказҳои пешгирӣ ва назорати ВНМБ / Спид | 3,7 | 4,8 | 6,4 | 7,4 | 7,7 | 4,1 | 5,9 | 159,4 |
| Марказҳои назорат ва пешгирии бемориҳо | 0,5 | 0,8 | 1,1 | 1,1 | 0,9 | 1,0 | 1,1 | 2,2 мар |
| Марказҳои ташхис ва пешбурди саломатӣ | 1,0 | 0,84 | 1,6 | 1,1 | 1,4 | 1,48 | 2,84 | 2,84 мар |
| Марказҳои солимии репродуктивӣ | 1,1 | 1,2 | 1,8 | 1,9 | 2,1 | 2,8 | 2,5 | 2,27 мар |
| Муассисаҳое, ки ба категорияҳои дигар дохил нашудаанд | 2,5 | 8,1 | 9,3 | 9,4 | 12,5 | 11,8 | 12,6 | 5,04 мар |
| **Фаъолияти дигар дар соҳаи тандурустӣ** | **74,4** | **80,7** | **103,2** | **683,8** | **314,6** | **120,4** | **156,4** | **2,1 мар** |
| Идоракунӣ ва назорат дар соҳаи тандурустӣ | 36,6 | 38,4 | 57,1 | 55,4 | 62,5 | 61,7 | 71,5 | 195,3 |
| Таҳқиқоти амалӣ ва таҷрибавӣ дар соҳаи тандурустӣ | 7,1 | 7,7 | 8,6 | 8,3 | 9,6 | 9,8 | 11,4 | 160,5 |
| Маводи дорусозӣ ва дигар маводи дорусозӣ | 30,3 | 34 | 36,7 | 619 | 238,6 | 44 | 61,90 | 2,04 мар |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | *идомаи ҷадвали 2.8* |
| Фаъолият дар соҳаи тандурустӣ, ки дигар дохил карда намешавад | 0,4 | 0,5 | 0,8 | 1,0 | 4,0 | 4,88 | 11,70 | 29,25 мар |
| Буҷетҳои маҳаллӣ | 932,8 | 1044,0 | 1152,4 | 1296,8 | 1425,8 | 1580,0 | 1878,3 | 2,01 мар |
| Лоиҳаҳои сармоягузорӣ | 61,9 | 66,3 | 156,1 | 246,9 | 690,9 | 386,0 | 556,0 | 8,98 мар |
| **Дар маҷмуъ:** | **1385,1** | **1551,5** | **1803,5** | **2592,4** | **2863,0** | **2632,8** | **3245,5** | **2,34 мар** |

***Сарчашма:** https://moliya.tj Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иҷроиши буҷет барои солҳои 2017 – 2023 [30].

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳанд, ки соли 2023 дар соҳаи тандурустӣ аз ҷониби давлат дар ҳаҷми 3245,5 млн. сомонӣ маблағгузорӣ шудааст, ҳол он ки соли 2017 ба соҳаи тандурустӣ ҳамагӣ 1385,1 млн. сомонӣ ҷудо шуда буд. Агар соли 2023-ро нисбат ба соли 2017 муқоиса кунем, пас бо нишондиҳандаи 1860,4 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, 2,34 маротиб зиёд шудааст. Ин аз дастгирии афзояндаи давлат дар соҳаи тандурустӣ шаҳодат медиҳад.

Дар мавриди таҳлили дигар самтҳои соҳаи тандурустӣ, метавон гуфт, ки дар 7 соли охир аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ қариб 8-9 маротиб афзудааст. Масалан, ҳаҷми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи тандурустӣ дар соли 2017 ба 61,9 млн. сомонӣ баробар буд, аммо дар соли 2023 ин нишондиҳанда 556 млн. сомониро ташкил дода, тамоюли афзоиши маблағгузории соҳаи тандурустиро нишон медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки маблағгузории самтҳои соҳаи тандурустӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Масалан, Маркази маблағгузории дезинфексияи пешгирикунанда дар соли 2017 – 0,3 млн. сомонӣ ва дар соли 2023 – 1,1 млн. сомонӣ ё 3,66 маротиба зиёд мебошад.

«Бахши суғурта инчунин барои иқтисодиёти мамлакати мо аҳамияти калон дорад, ки онро «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти суғурта» танзим мекунад» [12]. Ин қонун асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаро муқаррар мекунад ва ба таъмини ҳимояи манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона шудааст.

Соҳаи суғуртае, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ вуҷуд дорад на танҳо барои паст намудани сатҳи бекорӣ дар давлат, балки барои шаҳрвандоне, ки ҷойи корашонро аз даст додаанд ё ба нафақа баромадаанд кӯмаки моддӣ расонидан зарур мебошад.

Инчунин, сатҳи бекориро на танҳо бо дастгирии моддӣ, ки аз ҷониби Маркази шуғли аҳолӣ кӯмакпулиҳои пулӣ дода мешавад, балки бо дигар намудҳои кӯмаке, ки дар ҷустуҷӯи ҷойҳои корӣ бо маоши муносиб барои шаҳрвандони бекор ифода меёбад, коҳиш додан мумкин аст. Суғуртаи бекорӣ аз ҳисоби фондҳои махсуси суғурта амалӣ карда мешавад, ки аз ҷониби давлат ба таври доимӣ пур карда мешаванд.

Агар дар бораи тадбирҳо оид ба кам кардани шумораи бекорон дар кишвар сухан равад, пас бояд сатҳи системаи суғурта баланд бардошта шавад, ки ба тақсимоти қувваи корӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад ва дар он ҷо онҳо метавонанд мувофиқи касбҳои интихобкардаашон фаъолият кунанд. Бисёр кишварҳо системаҳои суғуртаи меҳнатии худро, ки саривақт натиҷа медиҳанд, дар шакли рушди соҳибкорӣ ва давлат такмил медиҳанд.

Моҳияти иқтисодии суғурта аз маҷмуи муносибатҳои пӯшидаи тақсимоти байни иштирокчиёни суғурта дар бораи ташкили фондҳои махсуси пулӣ аз ҳисоби мукофоти суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунандагон пардохтшаванда ва истифодаи онҳо барои ҳимояи манфиатҳои амволии суғуртакунандагон иборат мебошад.

Моҳияти суғурта дар он аст, ки ин соҳа ҳамчун механизми қодир ба вокуниши саривақтӣ ба оқибатҳои садамаҳо амал мекунад, ки дар натиҷа шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ барои гирифтани ҷуброн ҳуқуқ дорад. Манбаъҳои чунин ҷубронпулӣ фондҳои суғурта мебошанд, ки аз ҳисоби саҳми суғуртакунандагон ба суратҳисобҳои ширкатҳои суғурта пур карда мешаванд.

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон ягон фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бе кафолати суғурта амалӣ карда намешавад, чунки соҳаи мазур ҳамеша барои дастгирии шаҳрвандон ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳар гуна нохушиҳо хизмати бениҳоят азимро мерасонад, ки асосаш ин ҷуброн намудани зарари молиявӣ мебошад.

Дар робита ба ин, мо таҳлили маълумоти дастгирии давлатии низоми суғуртаро анҷом медиҳем.

**Ҷадвали 2.9 – Маблағгузории соҳаи суғурта аз буҷети давлатӣ барои солҳои 2017-2023 (млн.сомонӣ)***

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | 2023 / 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Суғуртаи иҷтимоӣ** | **218,5** | **235,2** | **258,2** | **488,5** | **416,8** | **556,5** | **477,5** | **2,04 мар** |
| Барномаҳои давлатии нафақа | 162,1 | 169,7 | 186,0 | 314,9 | 223,5 | 256,0 | 289,0 | 178,2 |
| Субсидияҳо барои шуғли давлатӣ | 27,7 | 26,9 | 32,8 | 29,7 | 12,0 | 14,5 | 23,5 | 84,8 |
| Кӯмакпулӣ барои оилаҳои серфарзанд ва кӯмакпулӣ барои кӯдакон | 28,4 | 38,6 | 39,2 | 142,3 | 180,9 | 283,4 | 160 | 5,63 мар |
| Манфиатҳои дигар барои аҳолӣ | 0,2 | 0,003 | 0,162 | 1,174 | 0,3 | 2,453 | 4,928 | 24,64 мар |
| **Агентии амнияти иҷтимоӣ ва нафақа** | **2456,8** | **2554,8** | **2857,2** | **2937,8** | **3383,3** | **3273,1** | **3671,1** | **149,4** |
| **Амнияти иҷтимоӣ** | **40,7** | **45,9** | **52,8** | **56,0** | **61,9** | **69,3** | **79,6** | **195,5** |
| Муассисаҳо барои кӯдакон | 13,6 | 16,9 | 18,0 | 18,6 | 21,9 | 25,9 | 31,1 | 2,28 мар |
| Муассисаҳои калонсолон | 12,1 | 13,0 | 15,6 | 16,6 | 18,0 | 19,7 | 21,6 | 178,5 |
| Муассисаҳо барои пиронсолон | 6,4 | 6,45 | 7,5 | 7,8 | 9,3 | 9,5 | 9,6 | 150,0 |
| Курортҳо ва профилакторияҳо | 3,6 | 4,0 | 5,7 | 5,6 | 5,5 | 6,2 | 7,7 | 2,13 мар |
| Дигар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ | 3,3 | 3,76 | 4,0 | 4,9 | 4,4 | 4,9 | 5,6 | 169,6 |
| Дигар муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ, ки ба категорияҳои дигар дохил карда нашудаан | 1,7 | 1,8 | 2,1 | 2,4 | 2,9 | 3,3 | 3,9 | 2,29 мар |
| **Фаъолияти дигар дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ** | **303,0** | **231,4** | **279,1** | **322,9** | **254,5** | **430,6** | **303,3** | **100,0** |
| Идоракунӣ ва назорат дар суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 27,0 | 27,9 | 30,9 | 26,9 | 32,7 | 53,2 | 62,6 | 2,31 мар |
| Таҳқиқоти амалӣ ва корҳои таҷрибавӣ - саноатӣ дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 0,51 | 0,54 | 0,60 | 0,59 | 0,64 | 0,66 | 0,83 | 162 мар |
| Ташкили фаъолиятҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба гурӯҳҳои дигар дохил карда нашудаанд | 275,5 | 202,9 | 247,6 | 295,5 | 221,1 | 376,7 | 239,9 | 87,07 |
| Буҷетҳои маҳаллӣ | 37,2 | 41,1 | 53,5 | 49,1 | 53,0 | 60,9 | 67,1 | 180,3 |
| Лоиҳаҳои сармоягузорӣ | 1,3 | 3,3 | 9,7 | 4,7 | - | - | - | - |
| **Дар маҷмуъ** | **3057,6** | **3111,6** | **3510,6** | **3859,1** | **4169,5** | **4390,3** | **4198,2** | **137,3** |

***Сарчашма:** https://moliya.tj Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иҷроиши буҷет барои солҳои 2017 – 2023 [30].

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳанд, ки аз буҷети давлатӣ ба соҳаи суғурта соли 2017 дар маҷмуъ 3057,6 млн. сомонӣ, дар соли 2018 – 3111,6 млн.сомонӣ, дар соли 2019 – 3510,6 млн. сомонӣ, дар соли 2020 – 3859,1 млн. сомонӣ, дар соли 2021 – 4169,5 млн. сомонӣ, дар соли 2022 – 4390,3 млн. сомонӣ ва дар соли 2023 – 4198,2 млн. сомонӣ ҷудо карда шудааст. Ин нишон медиҳад, ки маблағгузории соҳаи суғурта дар давраи баррасишаванда 37,3% афзудааст.

Инчунин, агар дар системаи суғуртаи кишвар баъзе тағйиротҳо ба амал оянд, ки маънои онҳо васеъ кардани соҳаи суғурта дар давлат ва тақвияти нақши он дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Барои ин, роҳҳои гирифтани мукофоти суғурта, яъне дарёфти манбаъҳои дигари маблағгузорӣ бояд диверсификатсия карда шаванд. Тадқиқоти нишондиҳандаҳои ташаккули системаи суғурта метавонад дар ҳама гуна шакл амалӣ карда шавад, ки яке аз онҳо ин маблағгузории низоми суғуртавӣ аз ҳисоби саҳм гузоштани коргарони кироя, корфармоён ё трансферт аз буҷети давлатӣ мебошад.

Бо такя ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта, самтҳои нави сиёсати суғуртаи давлатро муайян кардан мумкин аст, ки метавонанд даромади шаҳрвандони бекорро дастгирӣ кунанд, инҳо мебошанд: амнияти иҷтимоӣ ва суғурта.

Аз мисолҳову нишондиҳандаҳое, ки дар боло зикр гардида гуфтан мумкин аст, ки аксари давлатҳои тараққикарда ба таъсиси низоми ҳифзи бозори дохилӣ аз сатҳи баланди бекорӣ бо ворид намудани низоми нави дастгирии моддии шаҳрвандон бекор оғоз намуданд. Ин ба он оварда мерасонад, ки системаи мавҷуда доимо такмил дода мешавад ва қобилияти ба даст овардани даромади шаҳрвандони бекорро дар сатҳи муайян дастгирӣ мекунад ё онҳоро барои ҷустуҷӯи кори баландтар ҳавасманд мекунад.

Дар айни замон, бисёр кишварҳо қоидаҳои зерини системаи суғуртаи меҳнатро риоя мекунанд:

- додани кӯмакпулӣ барои бекорӣ бояд ҳатмӣ бошад;
- сарчашмаи суғуртаи бекорӣ аз ҳисоби коргарон ва корфармоён;

- иштироки фаъолонаи давлат дар маблағгузории барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ;

- мунтазам аз нав дида баромадани рӯйхати гирандагони қӯмакпулии суғуртавӣ;

- нигоҳ доштан ё баланд бардоштани микдори маблағи кӯмакпулии суғуртавӣ.

Дар натиҷаи муқоисаи нишондиҳандаҳои гуногуни системаи суғурта, роҳҳои асосии коҳиши бекорӣ дар кишвар муайян карда мешаванд. Инчунин дар ин ҳолат усулҳои дигари таҳлили нишондиҳандаҳои системаи суғуртаро истифода бурдан мумкин аст.

Агар системаи суғуртаи меҳнатро тавассути призмаи соҳаи иҷтимоӣ ҳамаҷониба баррасӣ кунем, пас мо метавонем дар бораи бисёрҷонибаи ин система сухан ронем. Равишҳои гуногун ба омӯзиши системаи суғурта имкон медиҳанд, ки сатҳи даромаднокии аҳолии кишвар, сатҳи шуғли аҳолӣ дар кишвар, муайян кардани индекси рушди инсон, вазъи камбизоатии аҳолӣ, аз ҷумла табақаҳои осебпазири он ошкор карда шаванд.

Гуногуншаклии таҳлили нишондиҳандаҳо имконият медиҳад, ки он нишондиҳандаҳое, ки барои давлатҳои гуногун бештар зарур мебошанд мавриди омӯзиш қарор гиранд.

Системаи суғурта аслан як навъ воситаест, ки ба манфиати табақаҳои бекори аҳолӣ, ҳатто дар сурати набудани ҷойҳои корӣ бо маоши муносиб истифода мешавад. Чунин фоида кӯмакпулӣ барои бекорӣ мебошад, ки сатҳи он дар ҳар як кишвар мувофиқи иқтидори иқтисодии иқтисодиёти кишвар ва инчунин имконияти буҷети давлатӣ муқаррар карда мешавад. Самаранокии амали зерин дар он мебошад, ки барои гирифтани кӯмакпулӣ бекорон бояд аз тафтиши мақомоти дахлдоре, ки набудани ҷойи корро тасдиқ менамоянд гузаранд.

Миқдори кӯмакпулиҳои пардохтшаванда дар бисёр маврид бо сатҳи музди меҳнате, ки коргар аз ҷойи кори қаблиаш мегирифт баробар мебошад.

Аз ин рӯ, мо пешниҳод менамоем, ки соҳаи суғурта аз ҷониби давлат боз ҳам бештар маблағгузорӣ карда шавад, зеро бахши суғурта мақоми давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ хеле баланд мебардорад.

Ҳангоми таҳлили дастгирии соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва суғурта дар кори дисертатсионӣ сухан оид ба соҳаи фарҳанг ва варзиш низ қайд гардида буд. Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳи давлат доир ба соҳаи фарҳанг ва варзиш дар солҳои охир афзоиш ёфта истодааст, ки ин амал дар диаграммаи 2.3 нишон дода шудааст.

**Диаграммаи 2.3 – Маблағгузории соҳаи фарҳанг ва варзиш аз буҷети давлатӣ барои солҳои 2017-2023 (млн.сомонӣ)***




***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [30].

Дар қатори дигар соҳаҳо ба соҳаи фарҳанг ва варзиш маблағгузорӣ зарур аст. Тавре ки, аз диаграммаи 2.3 бар меояд, маблағгузорӣ ба соҳаи фарҳанг ва варзиш таносубан тамоюли рушд дорад. Агар дар соли 2017 ба соҳаи мазкур 753,5 млн. сомони маблағгузорӣ шуда бошад, пас дар соли 2023 ба миқдори 1471,68 млн. сомонӣ, яъне 95,3% афзудааст. Умедворем, ки дастгирии соҳаи иҷтимоӣ дар идома низ давом ёфта, саҳми он дар татбиқи стратегияи рушди миллӣ назаррас хоҳад буд.

Илова бар ин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон тавассути вазоратҳои соҳавӣ, яъне «Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

чорабиниҳои гуногуни сиёсӣ, ки ба ҳифзи мероси фарҳангии халқҳои Тоҷикистон, рушди саломатии аҳолӣ, тарбияи ватандӯстӣ дар байни ҷавонон, инчунин ҳифзи анъанаҳо ва муаррифии дастовардҳои Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ дар арсаи ҷаҳонӣ равона шудаанд. Масалан, дар самти соҳаи фарҳанг мунтазам озмунҳо ба монанди, «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», « Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Парасту», «Андалеб», «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат» ҳамавақта гузаронида мешаванд, ки ғолибони ин озмунҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди қадрдонӣ қарор мегиранд» [33]. Дар самти варзиш бошад ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар асоси узвият таъсис ёфтааст ва ҳадафҳои он рушди як ё якчанд намуди варзиш, таблиғи онҳо, ташкил, инчунин баргузории чорабиниҳои варзишӣ ва тайёр кардани варзишгарони аъзои дастаҳои мунтахаби варзишӣ мебошанд, фаъолият менамоянд. Ба онҳо Федератсияҳои варзишҳои гуногун дохил мешаванд, ки дар Тоҷикистон шумораи онҳо имрӯз ба 22 адад расидааст [31].

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки ба туфайли варзиш аҳолӣ имконият пайдо мекунанд, ки саломатии маънавӣ ва ҷисмонии худро мустаҳкам кунанд ва барои ба даст овардани қобилияти самараноки корӣ ҳавасманд шаванд. Дар мавриди соҳаи фарҳанг бошад, ба воситаи он дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба низоъҳо роҳ дода намешавад ё ки онҳо бартараф карда мешаванд ва ахлоқи халқҳои Тоҷикистон мунтазам баланд мегардад.

# БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАНЗИМИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Ташаккули асосҳои консептуалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соҳаи иҷтимоӣ дар ҳамаи низомҳои давлатии мавҷуда нақше мебозад, ки арзёбӣ кардан хеле мураккаб мебошад. Дар аксари давлатҳо низоми сиёсати иҷтимоӣ мавриди татбиқ қарор гирифтааст. Сиёсати иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми самаранок татбиқ намудани ин сиёсат нобаробарии хусусӣ ва иҷтимоиро аз байн мебарад, аз он ҷумла оқибатҳои такони иқтисодиро дар ҷамъияти имрӯза бартараф менамояд. Танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун кафолати рушди иқтисоди миллӣ ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани индекси рушди инсонӣ баромад менамояд.

Амалигардонии вазифаҳои иҷтимоӣ дар давлат ба зиммаи ҳукумат вогузор карда шудааст, ки ба воситаи мақомоти қонунгузорӣ ва ҳокимияти иҷроия ба анҷом мерасад.

Бинобар ин қобили қайд аст, ки иқтисодиёти бозоргонии самти иҷтимоӣ дошта ҳамчун як навъи низоми хоҷагидорӣ бо худ сатҳи баланди некӯаҳволии аҳолиро ифода менамояд. Он аз маҷмуи олотҳои иҷтимоиву иқтисодӣ иборат буда, ҳамаи қисмҳои ин низомро ба самти ноил гаштан ба мақсадҳои адолати иҷтимоӣ, бехатарӣ, сатҳи олии зиндагии аҳолӣ равона менамояд.

Сиёсати давлатӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ва самтҳо таҳия карда мешавад. Қисми муҳими он сиёсати иҷтимоӣ мебошад. Такмилдиҳии танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ дар расми 3.1 нишон дода шудааст.




**Расми 3.1 – Такмилдиҳии танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ

Агар ба принсипҳои низоми қаблии сиёсати иҷтимоӣ назар намоем, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки дар мадди аввал принсипи адолати иҷтимоиро барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ таҷассум менамуд. Ҳангоми тағйиротҳои соҳаи иҷтимоӣ дар шароити бухрони иқтисодӣ кӯмаки иҷтимоӣ барои ҳар як шаҳрванд дар алоҳидагӣ кафолат дода намешуд. Барои ин, пеш аз ҳама дар ҷойи принсипи адолати иҷтимоӣ принсипи имкониятҳои баробарӣ ба вуҷуд омад, ки миқдори шаклҳои давлатии қонеъ гардонидани ниёзҳои иҷтимоӣ ба фоидаи ғайридавлатӣ кам гардид. Натиҷаи ин амал ба афзоиши сатҳи бекорӣ оварда расонид ва сатҳи даромади шаҳрвандонро паст гардонид.

Давлат сиёсати иҷтимоии худро тавассути ба назар гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ татбиқ менамояд ва барои ҳамаи шаҳрвандони худ новобаста аз маҳалли зист шароити мӯътадилро муҳайё менамояд. Махсусан барои ин, сиёсати иҷтимоии давлат тадбирҳоро оид ба рафъи фарқиятҳои байни минтақаҳои кишвар, ки аз рӯйи сатҳи даромаднокӣ, шуғл, ҷойгиркунии иншооти иҷтимоӣ, инчунин алоқаи нақлиётӣ байни шаҳру деҳот аз ҳамдигар фарқ мекунанд, пешбинӣ менамояд.

Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ барои давраи миёнамуҳлат аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ муайян гардидаанд. (расми 3.2).




**Расми 3.2 – Самтҳои асосии ташаккули соҳаи иҷтимоӣ**
**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ

Аз ин сабаб маълум мегардад, ки амалҳои зерин бояд татбиқ карда шаванд:

- ҳуқуқи ҳар як узви ҷомеа барои дастрасӣ ба таҳсилот бо пуррагӣ бояд таъмин карда шавад, то ки он ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ расонида тавонад;

- ба воситаи расонидани кӯмаки тиббии дастрас ба ҳамаи табақаҳои аҳолии ҷумҳурӣ, ҳолати соҳаи тандурустии давлат беҳтар мешавад, ки ба баландшавии сифати хизматрасониҳо оварда мерасонад;

- афзоиши нишондиҳандаҳои соҳаи фарҳангиву фароғатӣ ва ба ин восита ба ҳамаи табақаҳои аҳолии ҷумҳурӣ дастрас будани арзишҳои фарҳангӣ;

- ташаккули бозори самараноки меҳнат бо мақсади кам намудани сатҳи камбизоатӣ дар давлат;

- дар як сатҳи баланд қарор додани системаи нафақа дар ҷумҳурӣ, инчунин баланд бардоштани динамикаи пардохтҳои нафақавӣ;

- ташаккули низоми таъмини ҳуқуқии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ бо манзили зарурӣ мутобиқи сиёсати иҷтимоӣ.

Дар ин маврид аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаи иҷтимоӣ барои баланд намудани сатҳи хароҷот барои нигаҳдории соҳаи маориф ва ҳамзамон барои ҷалб намудани маблағҳои иловагӣ аз сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Илова бар ин, бояд зикр кард, ки барои рушди соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инфрасохтори иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кардан зарур аст, зеро он бе дастгирии давлат рушд карда наметавонад.

Дар самти системаи маориф дар ҷумҳурӣ оид ба банақшагирии шумораи мутахассисони оянда, мутобиқи меъёрҳои бозори меҳнат ва дигар самтҳои соҳаи иҷтимоӣ чораҳо андешида шаванд.

Ҳамаи ин амалиёт бо дарназардошти самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани соҳаи маориф барои ҳалли чунин масъалаҳо пешбинӣ карда мешаванд:

- мукаммалгардонии ба нақшагирии буҷети давлатӣ дар самти маблағгузории соҳаи маориф;

- ташаккули механизми муайяни сарфаи маблағҳои буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф;

- дар сатҳи буҷети давлатӣ ташаккул додани даромадҳои ғайрибуҷетӣ барои соҳаи маориф;

- назорати доимӣ аз болои маблағҳое, ки барои нигоҳдории эҳтиёҷоти соҳаи маориф пешбинӣ гардидаанд.

Дар соҳаи тандурустӣ бошад «Қонун дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад:

- «беҳтар намудани дастрасии шахсони суғурташуда ба хизматрасонии тиббию санитарӣ дар доираи барномаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ;

- таъмини маблағгузории мақсаднок ва самараноки хизматрасонии тиббию санитарӣ, таъминот бо доруворӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии тиббӣ;

- идоракунии сифатноки хизматрасонии тиббию санитарӣ ва таъминот бо доруворӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии тиббӣ;

- ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони суғурташуда ҳангоми хизматрасонии тиббию санитарӣ ва дигар хизматрасониҳо дар соҳаи ҳифзи саломатӣ тибқи барномаҳои суғуртаи ҳатмии тиббӣ» [4].

Барои ҳамин коркарди Консепсияи нав, ки барои муҳофизат намудани саломатии аҳолии давлат зарур аст ва дар айни замон бо маврид мебошад.

Барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи фарҳанг яке аз ҳадафҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Барои ин ҳамасола аз тарафи давлат ва махсус аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алалхусус аз маблағҳои маҳаллӣ барои дастгирии соҳаи фарҳанг дар сатҳи буҷети давлатӣ як қатор тағйиротҳо амалӣ шуда истодаанд, ки соҳаи фарҳангро дар баробари дигар соҳаҳои барои ҷумҳурии мо зарур бударо ҳадди аксар то сатҳи баланд расонанд.

Барои ҳамин дар самти соҳаи иҷтимоӣ ва махсусан соҳаи фарҳанг гузаронидани як қатор чорабиниҳо лоиқи қабул мебошанд ва инҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

- санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки ба соҳаи фарҳанг дахл доранд ба таври ҳатмӣ онҳоро такмил намудан лозим меояд;

- ташаккули низоми доимии назорати сарватҳои давлатие, ки дар нигоҳдории сарватҳои таърихиву маънавӣ зарур мебошанд ва дар миқёси ҷаҳонӣ Тоҷикистонро аз тарафи мусбӣ муаррифӣ менамоянд;

- коркарди сохтори (схемаи) сармоягузории муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ ва дастгирии молиявии кормандони соҳаи иҷтимоиву фарҳангие, ки дар асоси шартнома фаъолият менамоянд.

Амалҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ба таҳияи афзалиятҳои возеҳи иҷтимоӣ равона карда шудаанд. Ин гуна иқдомҳо фарогир аст, ба:

1. Тағйир додани нақшаи маблағгузорӣ.

2. Татбиқи низоми суроғавии дастгирии иҷтимоии аҳолӣ.

3. Пардохти қарзи музди меҳнат. Имконияти буҷети давлатӣ оид ба музди

меҳнати кормандони соҳаи буҷет ва зарурати воқеии маблағ барои пардохти меҳнати онҳо бояд мутобиқ карда шавад.

4. Тавсеаи манбаъҳои маблағгузории хадамоти иҷтимоӣ.

Аз нуқтаи назари афзалияти мутлақ мақсади асосии сиёсати иҷтимоӣ ин сармоягузорӣ ба инсон мебошад. Бинобар ин, бо дарназардошти дигар самтҳои хароҷоти давлатӣ, ки бевосита аз моделҳои сиёсати иҷтимоӣ вобастаанд, афзоиши пешакии маблағҳо барои ин мақсадҳо аз буҷетҳои ҳама сатҳҳо пешбинӣ карда мешавад.

Механизми тақсимоти бозор на имкониятҳо ва на хусусиятҳои истеъмолкунандаро ба истиснои қобилияти пардохтпазирии онҳо ба назар намегирад. Дар робита ба ин, зарурати дахолати давлат ба соҳаи тақсимоти даромад ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз камбизоатӣ, бекорӣ, таваррум ба миён меояд.

Воситаи муҳимтарини мубориза бо камбизоатӣ ҳифзи иҷтимоӣ мебошад. Гурӯҳбандии чорабиниҳое, ки дар самти ҳифзи иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд, дар асоси омилҳои зерин баррасӣ карда мешаванд:

- дар асоси васеъ гардидани доираи кӯмаки иҷтимоӣ;
- дар асоси муҳлатнокӣ;
- дар асоси моддаҳои хароҷоти буҷети давлатӣ;
- дар асоси дастрас будан ба пардохтҳои иҷтимоӣ, ки аз буҷети давлатӣ пешбинӣ гардидаанд.

Дар навбати худ объектҳои кафолати иҷтимоӣ аз табақаҳои зерини аҳолӣ иборат ҳастанд: нафақахӯрон аз рӯи синну сол ва маъюбӣ, оилаҳои серфарзанд, ки расман ҳамчун оилаҳои камбизоат ба қайд гирифта шудаанд, ятимон ва шаҳрвандони кишвар, ки имконияти дастрасӣ ба манзилро надоранд.

Барои ҳамин гуфтан ба маврид аст, ки ин табақаи номбаршудаи аҳолӣ мутобиқи чанд гуна категория маблағгузорӣ карда мешаванд, яъне барои ҳар объекти ҳифзи иҷтимоӣ шакли алоҳидаи маблағгузорӣ таъин карда шавад, ки аз сарчашмаҳои гуногун иборат бошанд.

Вобаста ба ин индексатсияи даромади аҳолиро аз назар мегузаронем. «Даромаде, ки шаҳрвандон онро бо асъори миллӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегиранд ва он хусусияти якдафъагӣ надорад: нафақаи давлатӣ, ёрдампулии иҷтимоӣ (ба оилаҳои кӯдакдор, бинобар бекорӣ, корношоямии муваққатӣ ва ғайраҳо), стипендия, музди меҳнат (маош, моҳона), маблағи ҷуброни зиёне, ки бинобар маъюбӣ ё дигар хел иллатманд шудани вазъи саломатӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ сурат гирифтааст» [3].

Илова бар ин, ба вазъи иҷтимоии кишвар бӯҳронҳое, ки баъзан дар ҳама гуна соҳаи иқтисодиёт ба вуҷуд меояд ва ба номутавозунӣ дар ҳаёти иҷтимоии аҳолии кишвар оварда мерасонанд, таъсир мерасонанд. Дар натиҷа, ташаннуҷи иҷтимоӣ дар ҷомеа ба вуҷуд меояд, ки метавонад ба устувории тартиботи ҷамъиятӣ ва аҳволи табақаҳои осёбпазири аҳолӣ низ таъсири манфӣ расонад. Онҳо пеш аз ҳама объекти дастгирии иҷтимоӣ дар шакли кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳо шуда метавонанд.

Оила ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ дар марҳалаи охирин амал мекунад ва ба аъзоёни худ амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмониро таъмин мекунад.

Ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ ба мушкилоти ташаккули оилаҳои нав, инчунин ба насли нав, ки дар натиҷаи ташкили чунин оилаҳо ба вуҷуд меоянд, диққати калон медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин масъала аз дигар кишварҳо қафо намондааст. Аз ин рӯ, сиёсати иҷтимоӣ дар кишвар ба такрористеҳсоли аҳолӣ ва инчунин дастгирии оилаҳои навтаъсис равона шудааст. Зеро ҳар як ҷомеаи дунявӣ бояд донад, ки ҳеҷ чиз барои давлат аз насли наврас гаронтар нест.

Инчунин барои давлат ташаккули оилаҳои комил, ки ба шумораи онҳо омилҳои зерин таъсир мерасонанд, муҳим аст:

1. синни навхонадорон хеле ҷавон аст, ки дар натиҷа онҳо таҷрибаи зарурии ҳаётӣ надоранд;

2. афзоиши шумораи мурофиаҳои талоқ;

3. қобилияти мустақилона зиндагӣ карда натавонистан аз волидайн ё баръакс хоҳиши бе волидайн зист намудан;

4. афзоиши модарон ё падарони муҷаррад.

Дар робита ба ин, дастгирии давлатии чунин оилаҳо, вобаста ба имкониятҳои буҷети давлатӣ, бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад:

- пардохти имтиёзҳои муқарраршуда ҳангоми таваллуди кӯдак;

- кӯмакпулиҳои иловагӣ ба оилаҳои серфарзанд, бо ҳадди ақали зиндагӣ;

- таъмини имтиёзҳо барои занони ҳомила ва кӯдакон дар муассисаҳои тиббӣ.

- машварати ҳуқуқии ройгон ба оилаҳои камбизоат.

Низоми ҳифзи кӯдакӣ аз ҳифзи оила, модар ва кӯдак оғоз меёбад. Таъмини ҳуқуқии ин соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои гуногун мебошад. Муассисаҳои тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ барои ҳифзи иҷтимоии кӯдакон ва кӯдакони синни томактабӣ сафарбар карда шудаанд. Дар баробари ин, муассисаҳои ҳифзи оила, модар ва кӯдак ба таври кофӣ маблағгузорӣ карда намешаванд, ки ин боиси ҷустуҷӯйи маблағ барои гузаронидани чораҳои ҳифзи иҷтимоии кудакон мегардад.

Кӯмаки равонӣ ба кӯдакон ва ҷавонон васеъ мешавад. Аз ҷумла, чорабиниҳое гузаронида мешаванд, ки ба таблиғи ҷинсӣ, маводи мухаддир, зӯроварӣ, рафтори хашмгин муқовимат мекунанд. Натиҷаи кор ташаккули амнияти иҷтимоии кӯдакон ва наврасон мебошад.

Заминаи муосири моддию иқтисодии ҳифзи иҷтимоии кӯдакон хеле суст шудааст. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки сатҳи некӯаҳволии бисёр оилаҳо ба ларза омадааст. Пайванди волидон суст шуд. Сифати ғизои кӯдакон низ паст гардид. Сол аз сол камтар шудани филмҳои кӯдакона ва бадеии наврасон, филмҳои тасвирӣ, мушкилоти зиёд бо китобҳои дарсӣ ҳис карда мешаванд. Ҳамаи ин ба ҳеҷ ваҷҳ ба таҳкими амнияти иҷтимоии кӯдакон мусоидат карда натавонист.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мустаҳками ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии наслҳои наврас мавҷуд аст.

Пардохти нигоҳубини кӯдакон дар кӯдакистонҳо ва боғчаҳои бачагона

вобаста ба сатҳи иҷтимоӣ ва инчунин некӯаҳволии волидон фарқ мекунад ва шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизатнашуда, аз он комилан озод карда мешаванд. Вақти будубоши кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ вобаста ба эҳтиёҷот ва имкониятҳои оила фарқ мекунад. Ҳифзи иҷтимоии кӯдакони томактабӣ дар ҳамкорӣ бо тиб, педагогика, ҳукумат амалӣ карда мешавад. Мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои истиқомати кӯдакони томактабӣ дар шифохонаҳо, истироҳатгоҳҳои тобистона, лагерҳо шароити имтиёзнок фароҳам меоранд.

Сиёсати давлатӣ, ки дар соҳаи иҷтимоӣ татбиқ карда мешавад асосан барои баробар намудани ҳуқуқ ва имконияти маъюбон бо дигар шаҳрвандони ҷумҳурӣ равона мегардад, аз он ҷумла мақсадҳои сиёсӣ ва дигар ҳуқуқҳо тибқи принсипҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Дар сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин принсипҳои гуманизм нисбати маъюбон ва шаҳрвандони пир, ки ба фаъолияти фаъоли иқтисодӣ қодир нестанд, пешбинӣ шудаанд. Дар ин ҳолат давлат кафили хизматрасонии иҷтимоии маъюбон ва шаҳрвандони калонсол мебошад. Барои ин ба онҳо ҳуқуқҳои баробар барои истифодаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дода мешаванд, ки ба талаботи инфиродии ҳар як маъюб ё пирони нотавон ҷавобгӯ мебошанд. Риояи раванди додани кӯмак ба чунин шаҳрвандони кишвар ба мақомоти ҳокимияти иҷроия, ба монанди шаҳрҳо ва деҳот, инчунин дар минтақаҳои дурдасти кишвар вогузор шудааст.

Аз ин рӯ, кӯмаки иҷтимоӣ ба маъюбон ва пиронсолон шаклҳо ва хислатҳои гуногун дорад. Ба онҳо амалҳои зеринро дохил кардан мумкин аст:

- расонидани нафақа ба маъюбон ва пирони нотавон ба хона;
- хизматрасонии тиббии ройгон барои шахсони аз 80-сола боло;
- расонидани кӯмаки башардӯстона ба хона;
- таъмини манзили муваққатӣ, дар сурати набудани майдони истиқоматии худ;
- дар ҳолати зарурӣ хизматрасонии машваратӣ.

Ҳамаи хизматрасониҳои иҷтимоии номбаршуда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор тасдиқ карда шудаанд ва ба маъюбон ва пиронсолон дар асоси ройгон пешниҳод карда мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки имконияти кӯмаки ройгон вуҷуд надорад. Ҳифзи иҷтимоии ҷавонон низ дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ, ҷойгоҳи муҳим дорад.

Ҷавонон гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ - демографӣ мебошанд, ки давраи ташаккули камолоти иҷтимоиро аз сар мегузаронанд, ки вазъи он аз ҳолати иҷтимоию иқтисодии ҷомеа муайян карда шудааст. Ҳудуди синни ҷавонон ҳаракаткунанда аст. Онҳо аз рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, сатҳи некӯаҳволӣ ва фарҳанг, шароити зиндагии мардум вобастаанд. Таъсири ин омилҳо воқеан дар давомнокии умри одамон, тавсеаи ҳудуди ҷавонони аз 14 то 30-сола зоҳир мешавад. Ба тамоюлҳои махсусан ташвишовар дар муҳити ҷавонон инҳо дохил мешаванд: ақибмонии сатҳи таҳсилот аз сатҳи ба даст овардашудаи кишварҳои пешрафта; суръат бахшидан ба паст шудани нуфузи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ - техникӣ; афзоиши шумораи ҷавононе, ки фаъолияти меҳнатиро бо сатҳи пасти таҳсилот оғоз мекунанд ва хоҳиши идомаи таҳсилро надоранд ва як қатор дигарон. Таъсиси муносибатҳо мушкилоти амнияти иҷтимоиро дар соҳаи меҳнат шадидтар кард. Коргарони ҷавон аввалин шуда ба камшавӣ дучор мешаванд ва сафи бекоронро аз ин ҳисоб пур мекунанд.

Омӯзиши эҳтиёҷоти воқеии ҷавонон ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ унсури калидӣ дар ташаккули низоми хизматрасонии иҷтимоии онҳо мебошад. Тибқи таҳқиқот, ҷавонон пеш аз ҳама ба биржаи меҳнат, нуқтаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва машварати ҳуқуқӣ, кори телефони боварӣ, маркази кӯмак ба оилаи ҷавон, хобгоҳ – паноҳгоҳ барои наврасоне, ки дар вазъияти низоъ дар хона қарор доранд, ниёз доранд.

Соҳаи иҷтимоиро муассисаҳо ва корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Фаъолияти корхонаҳо ва муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ бояд ба талаботи муайян, стандартҳо ва қоидаҳои муқарраршуда пурра ҷавобгӯ бошад.

Соҳаи иҷтимоӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои фарҳангӣ, таълимӣ, тиббӣ, маънавӣ, инчунин ба анҷом расонидани раванди эҷоди неъматҳои моддӣ ва ба истеъмолкунанда расонидани онҳо пешбинӣ шудаанд. Онҳо ба қувваи корӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти гуногун, мавод, захираҳои молиявӣ талаботи зиёд доранд ва ин робитаи онҳоро бо истеҳсолоти моддӣ нишон медиҳад. Дар навбати худ, сатҳи баланди рушди соҳаи иҷтимоӣ ба ташаккули инсон – корманд бо мавқеи фаъоли ҳаётӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ таъсири калон мерасонад.

Фарҳанг, санъат ва тандурустӣ бо зарурати маҳдуд кардани фаъолияти соҳибкории хусусӣ алоқаманд аст. Дар ин ҷо бахши ғайрибозорӣ, ки таъмини молиявии он аз манбаъҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад, дар миқёси калон нигоҳ дошта мешавад.

Соҳаи иҷтимоӣ як маҷмааи мураккаби бисёрсоҳавӣ мебошад. Дар таҳқиқоти мо, мо муҳимтаринҳоро қайд кардем, ки имрӯзҳо ба рушди динамикӣ майл доранд.

- Чакана ва хӯрокворӣ;
- Хоҷагии манзилию коммуналӣ;
- Тандурустӣ;
- Маориф;
- Фарҳанг.

Дар робита ба ин, масъалаҳои рушди иҷтимоӣ афзалиятнок мебошанд. Аз ин рӯ, дар назди давлат бояд ҳалли вазифаҳои зерин гузошта шавад:

1. Назорати риояи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи саломатии шаҳрвандон;

2. Гузаронидани сиёсати ягонаи фаъолияти тандурустии давлатӣ.

3. Ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои низомҳои тандурустии давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаи ҳифзи саломатии шаҳрвандон.

4. Назорати риояи стандартҳои сифати хизматрасонии тиббӣ ба муассисаҳои давлатӣ ва хусусии тандурустӣ.

5. Таъмини рушди тамоми намудҳои ёрии тиббӣ ва доруворӣ ба аҳолӣ.

6. Иҷрои ҷанбаҳои тиббии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи оила, модарӣ, падарӣ, кӯдакӣ, инчунин пешгирии маъюбӣ ва барқарорсозии тиббии маъюбон.

7. Гузаронидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъминоти доруворӣи аҳолӣ ва муассисаҳои табобатӣ - профилактикӣ.

8. Ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дорусозӣ, новобаста аз шакли моликият.

9. Иштирок дар муайян кардани ҳиссаи хароҷот барои маблағгузории тандурустии давлатӣ дар ташаккули буҷет.

10. Дар доираи маблағҳо ва моддаҳои сметаи тасдиқшудаи ноҳиявӣ оид ба тандурустӣ, маблағгузории муассисаҳои тобеи тандурустӣ, инчунин назорати фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо.

11. Мусоидат ба таъминоти моддию техникии муассисаҳои давлатии тандурустӣ.

12. Дар якҷоягӣ бо Маркази назорати давлатии санитарӣ – эпидемиологӣ, андешидани чорабиниҳо оид ба пешгирии бемориҳо ва таъмини некӯаҳволии санитарӣ - эпидемиологии аҳолӣ амалӣ карда шаванд.

13. Мусоидат ба таълими санитарӣ ва гигиении аҳолӣ.

14. Иттилооти муосир ба аҳолӣ, аз ҷумла тавассути васоити ахбори омма, дар бораи паҳншавии бемориҳо ва бемориҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ки барои атрофиён хатар доранд.

15. Иштирок дар якҷоягӣ бо Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон дар омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо барои муассисаҳои табобатию пешгирикунанда, рушд ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави тиббӣ.

Дар робита ба ин, зарур аст, ки механизми возеҳи дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад, зеро ба андешаи мо танҳо татбиқи саривақтии сиёсати давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ба баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Дар ин ҳолат илова кардан мумкин аст, ки инфрасохтори иҷтимоӣ, ки дар

рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дорад, пайваста ба дастгирии давлатӣ низ ниёз дорад. Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки таркиби таъсири соҳаҳо ва дастгирии давлатии инфрасохтории онро нишон диҳем (ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1 – Дастгирии давлатӣ ва танзими инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ***

| Соҳаҳо | |
|---|---|
| Тандурустӣ | Имтиёзҳои коммуналӣ барои кормандони соҳаи тандурустӣ |
| | Тадбирҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи тахассуси мутахассисони соҳаи тиб ҳамаҷониба мусоидат менамоянд |
| | Таъсиси нуқтаҳои тиббӣ дар маҳалҳои дурдаст |
| | Қисман ё пурра маблағгузорӣ кардани беморони саратон ё баробар ба онҳо |
| | Дастрасӣ ба доруҳои камёфт |
| | Воридоти таҷҳизоти тиббии инноватсионӣ |
| Маориф | Таъсиси мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар шаҳр ва минтақаҳои дурдаст |
| | Барои кӯдакони аз 0 то 3- сола ва барои кӯдакони маъюб аз 0 то 6- сола таъсиси хадамоти кӯмаки барвақтии рушд |
| | Мусоидат ба гузариш ба истифодаи оммавии маҷмуаҳои муосири рақамии таълимӣ - методӣ. |
| | Пайваст намудани мактубҳо ба интернети баландсуръат |
| | Ба ҳар як донишҷӯ ё талаба имконияти ҳар як фанро дар сатҳи амиқ, аз ҷумла онлайн бо дастгирии донишгоҳҳои профилӣ ва барномаҳои фосилавӣ аз худ кардан |
| Санъат ва фарҳанг | Ҳифз ва рушди фарҳангии халқҳои Тоҷикистон |
| | Ба таври васеъ омӯзонидани забонҳои хориҷӣ |
| | Рушди ҳама намудҳои фаъолияти фарҳангӣ ва самтҳои ба он алоқаманд, аз ҷумла дастгирии ҳаракати кӯдакон ва ҷавонон |
| | Густариши робитаҳои байналмилалии фарҳангӣ ва гуманитарӣ |
| | Эҳёи арзишҳои анъанавии миллӣ тавассути тарбия ва таълими ватандӯстона ва гуманистӣ |
| Варзиш | Таъсис ва рушди инфрасохтори соҳаи варзиш, ки ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ аст |
| | Табдил додани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳаракати оммавӣ ва қисми муҳими ҳаёти аҳолӣ |
| Сайёҳӣ ва истироҳат | Дуруст иҷро кардани Стратегияи миллии рушди сайёҳӣ то соли 2030 |
| | Мусоидат намудан барои тамдид кардани муҳлати сайёҳии зимистона |
| | Дар маҳалҳо кушодани клубҳо ва нуқтаҳои фароғатӣ |
| | Бештар муаррифӣ намудани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон |
| | Тавсеа ва таҳкими равиши ҳамаҷониба ба рушди инфрасохтори канори роҳ (сохтани ҳоҷатхонаҳо умумӣ ва хобгоҳҳои канори роҳ) |
| Хизмати маишӣ | Рушди шабакаи корхонаҳои хизматрасонии маишӣ, ки ба хизматрасонии категорияҳои камбизоати шаҳрвандон дар самти пешниҳоди намудҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим нигаронида шудаанд |
| | Ташкили баҳисобгирии шахсии имтиёзҳои хизматрасонии маишӣ аз ҷониби корхонаҳо ба табақаҳои ниёзманду камбизоат |
| | Рушди низоми мониторинги иҷтимоӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ |
| | Ҳалли масъалаҳои шуғл, такмили ихтисос ва тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи хизматрасонии маишӣ |

| | |
|---|---|
| *идомаи ҷадвали 3.1* | |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | Фароҳам овардани шароити зист, ки ба меъёрҳои стандарти иҷтимоӣ дар соҳаи манзил ва коммуналӣ мувофиқат мекунад |
| | Гузариши тадриҷӣ аз субсидияи буҷетии хоҷагии манзилию коммуналӣ ба пардохти пурраи хизматрасониҳои коммуналӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон |
| | Таъмини ҳифзи иҷтимоии табақаҳои камбизоати аҳолӣ |
| | Ҳавасмандгардонии иқтисодии баланд бардоштани сифат ва афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои коммуналӣ ба аҳолӣ |
| Нақлиёти ҷамъиятӣ | Сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард, аз ҷумла аҳамияти байналмилалӣ, давлатӣ, маҳаллӣ ва минтақавӣ аз ҳисоби маблағҳои сармоягузорӣ |
| | Хариди воситаҳои муосири автомобилӣ: автобусҳо, таксиҳои хатсайрӣ барои ворид кардани хатсайрҳои нави байналмилалӣ, байнишаҳрӣ ва дохилиноҳиявии оптималии нақлиётӣ |
| | Ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи мониторинги амалӣ намудани ҳамлу нақли мусофирон дар ҳолати онлайн, бо ҳамгироии он бо низомҳои хадамоти фавқулодда |
| Хӯроки умумӣ | Истифодаи воситаҳои дастгирии давлатӣ (ҷудо кардани грантҳо барои кушодани нуқтаҳои нави хӯрокхӯрӣ) |
| | Таъсиси тиҷорати шабакавӣ, ки на танҳо ба баланд бардоштани огоҳии бренд дар бозор имкон медиҳад, балки ба сохтани низоми устуворе, ки дар бухронҳои мухталиф тоб оварда метавонад, имкон медиҳад |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ.

Аз гуфтаҳои фавқулззикр метавон хулоса кард, ки танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, яке аз шартҳои рушди иқтисодии ҷомеа ва шакли махсуси идоракунӣ буда, дар сиёсати давлатӣ ба сифати унсури муҳими самти иҷтимоии он баромад менамояд.

Чи тавре ки, пештар қайд намудем сиёсати иҷтимоии давлатӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва дар асоси таҳлили он ба хулосаи муайян омадан мумкин аст.

Дар ин маврид баробар набудани меъёри кафолатҳои иҷтимоӣ бо маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ ба яке аз муаммоҳои калидӣ дохил мешавад. Маҳз барои таъмин намудани кафолатҳои давлатӣ ва ҳал намудани муаммоҳои бениҳоят шадид иштироки ҳокимияти давлатӣ ҳатмист.

Масъалаҳои афзоиши нишондиҳандаҳо дар самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ба монанди маориф, тандурустӣ ва фарҳанг, аз он ҷумла дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ бояд дар сатҳи давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

## 3.2. Такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодӣ рушди соҳаи иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ

Иқтисодиёти иҷтимоӣ фаъолияти назарраси давлатро дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд. Хусусияти иқтисодиёти муосир дар он аст, ки то механизми мукаммали идораи давлатӣ набошад барои коргарон кафолати ҳуқуқи меҳнатӣ, дастрасӣ ба таҳсилот, дастгирии маъюбон, камбизоатон ва нафақахӯрон дода намешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки давлат саривақт дахолат кунад ва аниқтараш қисми хароҷоти буҷети давлатиро, ки барои маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ масъул аст, назорат кунад, илова бар ин, бисёр барномаҳои давлатӣ, ки ба рушди соҳаи иҷтимоӣ равона шудаанд, низ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асосӣ дар дастгирӣ ва рушди соҳаи иҷтимоӣ ба таври анъанавӣ ба давлат вогузор карда мешавад ва низоми иқтисодӣ тибқи талаботи бозор амал мекунад. Дар ҳар як давлат сиёсати иҷтимоӣ хусусияти худро дорад, ки он ба иқтидори буҷети давлатӣ вобаста аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин ба миқёси сиёсати иҷтимоии давлат ҳам таъсири худро мерасонад.

Татбиқи сиёсати иҷтимоӣ барои дастрас будани барномаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии иҷтимоӣ, ягонагии низоми пардохтҳои иҷтимоӣ, ки хусусияти азнавтақсимнамоии маблағҳои буҷетиро дорад мусоидат менамояд ва дар ин маврид сиёсати маҳдуд намудани иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

Давлати дорои иқтисодиёти самти иҷтимоӣ дошта дар назди худ вазифаҳои муҳими доир ба ҳифзи иҷтимоии ҳамаи табақаҳои аҳолии кишвар новобаста аз мавқеъи иҷтимоиро мегузорад, аз он ҷумла дар коркарди самараноки сиёсати иҷтимоӣ мунтазам иштирок менамояд. Намуди татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар ворид намудани амалиёти воқеъии давлатӣ ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагидории иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтааст.

Сиёсати иҷтимоӣ дар навбати худ вобаста ба хусусиятҳои худ дар ташаккули сохтори иқтисодиёти давлат ва таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқии қонунгузории давлатӣ саҳми арзандаро мегузорад. Бинобар ин, дар олами илмӣ ҳамчун объекти муҳокимаҳои илмии гуногун баромад менамояд.

Соҳаи иҷтимоӣ дар вазъияти вазнин қарор гирифт, ки ҳифзи генофонди кишвар, иқтидори зеҳнии он ва бартараф кардани тамоюли коҳиши шадиди афзоиши аҳолӣ ва коҳиши шумораи онро зери суол мебарад. «Аз ин рӯ, сармоягузории асосӣ ба соҳаи иҷтимоӣ бояд ҳамчун хароҷоти номатлуб баррасӣ карда шавад. Саломатии инсон бояд қисми муҳими сиёсати давлатӣ гардад. Сармоягузорӣ ба тиб ба барқарор кардани генофонди кишвар ва баланд бардоштани самаранокии тамоми соҳаи иқтисодиёт мусоидат мекунад» [134].

Ин маънои онро дорад, ки низоми иҷтимоии давлат таҳти таваҷҷуҳи ҷомеаи муосир қарор дорад ва қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ мебошад. Дар навбати худ сиёсати давлатӣ ҳамеша ба сиёсати иҷтимоӣ такя намуда бо шуурнокии аҳолии кишвар новобаста аз мавқеи иҷтимоии шаҳрвандон алоқамандии зич дорад.

Дар шароити муосир самтҳои асосии рушди соҳаи иҷтимоӣ, дар маҷмуъ муайян карда шудаанд. Пеш аз ҳама, миқёси хизматрасонӣ бояд васеъ карда шавад, ки ҳаҷми истеъмоли он ба ҳар сари аҳолӣ дарояндаи наздик нисбат ба имрӯз қариб ду баробар зиёд мешавад. Аммо, афзоиши миқдорӣ танҳо як ҷанбаи мушкилоти ҳалшаванда аст. «Чизи асосӣ дар рушди соҳаи хизматрасонӣ бояд ба хусусиятҳои сифатӣ, ба монанди риояи мӯҳлатҳои муқарраршудаи хизматрасонӣ, дастрасии шабакаи корхонаҳои хизматрасонӣ, сифати технологии хизматрасониҳои иҷрошаванда ва ғайраҳо оварда расонад» [104].

Ба ҳамагон маълум аст, ки сиёсати иҷтимоӣ унсури асосии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосиаш муносибатҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ марбутаи аҳолиро ба танзим медарорад.

Ҳар кадоме аз барномаҳои иҷтимоӣ ин ҳуҷҷати расмиест, ки аз лиҳози иқтисодӣ бояд ба тариқи моддӣ ҳавасманд гардонида шаванд. Дар ин маврид

нисбати иқтисодиёти миллӣ сиёсати иҷтимоӣ аҳамияти дуввумдараҷа дорад. Аммо, ин маънои онро надорад, ки вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ ба қатори дуввум гузошта шаванд, зеро ба шуурнокӣ ва рушди маданияти маънавии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ба воситаи амалигардонии барномаҳои давлатии таъмин намудани ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ иҷро карда мешавад. Унсури муҳимтарини барномаҳои иҷтимоии давлатӣ ин суғуртакунии иҷтимоӣ мебошад. Ин намуд суғурта имконият медиҳад, ки шахсоне, ки дар як муддат ҷойи кори доимӣ доштан ва аз сабаби беморӣ, бекорӣ ва ба синни нафақа расидан аз даромадҳои худ маҳрум шудан дар вақти муайян ҷубронпулӣ ба даст оранд. Ва ин ҷубронпулиҳо дар Тоҷикистон аз ҳисоби Фонди нафақа ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Андозҳои иҷтимоӣ аз даромади шахсии аҳолии фаъоли иқтисодӣ, ки ба сарчашмаи асосии сиёсати иҷтимоии давлат дохил мешаванд, иборат мебошад. Тақсимоти маблағҳои барои эҳтиёҷоти сиёсати иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба неъматҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии мо ба воситаи буҷети давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин маврид, усули тафриқавӣ оид ба барномаҳои гуногуни иҷтимоӣ барои пардохти иҷтимоӣ ба шаҳрвандоне, ки мушкилии моддӣ доранд истифода мешавад. Сиёсати иҷтимоии давлат низ барои паст намудани тафриқаи сатҳи даромад равона карда шудааст. Дар натиҷа аз навтақсимкунии даромади қисми сарватманди аҳолӣ ба фоидаи табақаҳои камбизоатои аҳолӣ гузаронида мешавад.

Агар маънои сиёсати иҷтимоиро ба таври васеъ баррасӣ намоем, он гоҳ гуфтан ба маврид аст, ки сиёсати иҷтимоӣ дар илми иқтисодӣ ҳамчун олоти танзими макроиқтисодӣ баромад менамояд, ки барои нигоҳ доштани устувории иҷтимоии давлат равона карда шудааст.

Сиёсати иҷтимоӣ ба он қисми аҳолие, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд, барои гирифтани кӯмаки моддӣ мусоидат менамояд. Тибқи моддаи 2-юми «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Хизматрасонии

иҷтимоӣ» вазъияти душвори зиндагӣ вазъиятест, ки фаъолияти муқаррарии шаҳрвандро объективӣ вайрон мекунад ё вазъияте, ки ӯ наметавонад онро мустақилона бартараф кунад, яъне:

- маъюбӣ;
- пирӣ (синну соли пирӣ);
- беморӣ;
- оқибатҳои осеби истеҳсолӣ ва бемории касбӣ;
- аз даст додани саробон, танҳоӣ, ятим будан, беназоратӣ;
- набудани ҷойи истиқомати муайян;
- вобастагии устувори равонӣ, оқибатҳои зӯроварӣ ё ҳолатҳои марбут ба хатари ҳаёт;
- дигар ҳолатҳои душвори зиндагӣ» [8].

Агар аз дигар тараф назар кунем ин ғамхории давлат дар бораи он табақаҳои аҳолие, ки ба кӯмаки давлатӣ ниёз доранд. Бештар ин ҳолат дар ҷадвали 3.2 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.2 – Сиёсати иҷтимоии давлат дар сохтори нав***

| Нишондиҳанда | Хусусиятҳои сиёсати иҷтимоӣ |
|---|---|
| **Дараҷаи инкишоф ва амалӣ гардонии сиёсати иҷтимоӣ** | 1. Сиёсати иҷтимоии давлатӣ.<br>2. Сиёсати иҷтимоӣ дар корхона, ташкилот, муассиса. |
| **Мазмуни вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ** | Ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, экологӣ, демографӣ, идеологӣ, таблиғотӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ. |
| **Давраи ба амал баровардани сиёсати иҷтимоӣ** | Дарозмуддат, миёнамуддат, кӯтоҳмуддат, ҷорӣ |
| **Самаранокӣ/Бесамарӣ** | 1. Самаранок – амаликунанда, муассир, ба андозаи зиёд амалишаванда, омма фаҳм<br>2. Бесамар – ғайривоқеӣ, то андозае татбиқ нашуда, аз ҷониби аҳолӣ рад карда шудааст. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ

Вобаста ба ин таҳти мафҳуми сиёсати иҷтимоии давлатӣ дастгирии муносибатҳо байни гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз он ҷумла дар дохили онҳо, фароҳам овардани шароит барои некуаҳволии мардум, дар баробари ташаккули ҳавасмандгардонии молиявӣ барои иштирок дар истеҳсоли ҷамъияти таъсиси кафолатҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.

Қобили зикр аст, ки ҳангоми иштирок дар чорабиниҳои давлатӣ, ки бо мақсади танзим намудани истеҳсоли ҷамъиятӣ гузаронида мешаванд, сиёсати иҷтимоӣ ба сифати қисми таркибии сиёсати давлатӣ баромад менамояд. Ҳолати иқтисодии давлат пурра аз ин равандҳо вобастагӣ дорад.

Имрӯз давлат ҳамчун низоми алоҳида аз миқдори зиёди унсурҳои бозорӣ иборат мебошад, ки дар зери мафҳуми худ хусусиятҳои мақсаднокӣ, сохторӣ, зеҳнӣ ва ғайраро қарор гирифтааст. Умуман давлатро ҳамчун маҷмуи ягонагии ҳокимият, ягонагии миллат ва ягонагии қаламрав тасаввур кардан мумкин аст. Хусусияти давлат дар он ифода меёбад, ки давлати дорои ҳокимияти қавӣ имкон дорад зиндагии халқро тавассути усулҳои ҳавасмандгардонӣ ва усулҳои назорат ва танзим ба тартиб дарорад.

Дар замони муосир соҳаи иҷтимоиро аз ҷиҳати низоми ҳарбӣ низ баррасӣ намудан мумкин аст, зеро дар давлати тамаддунӣ худи низоми ҳарбӣ дорои хусусияти иҷтимоӣ мебошад. Давлате, ки низоми ҳарбии хусусияти иҷтимоӣ дошта метавонад дар миқёси ҷаҳонӣ мавқеи устуворро пайдо намояд.

Давлати дорои сиёсати иҷтимоӣ дошта ҳамзамон давлатӣ демократӣ низ ба ҳисоб меравад, ки барои озодии инсон шароитҳои муътадил фароҳам овардааст ва арзиши олии ҳар як шаҳвандро дар мадди аввал мегузорад. Бинобар ин, ҳамаи табақаҳои аҳолии давлат ба неъматҳои моддиву маънавӣ дастрас мебошанд. Ин механизм дар давлатҳои дорои рушди иқтисодиёти устувор амалӣ карда мешавад, ки дар он ҷой ҳуқуқи озодии инсон сари вақт риоя карда мешаванд.

Механизми танзими соҳаи иҷтимоӣ дар давлати иҷтимоӣ аз роҳҳои мувофиқтарини вобаста ба пайвастшавӣ ба озодӣ ва қудрати давлат дар таъмини некӯаҳволии аҳолии кишвар ва некӯаҳволии ҳар як шаҳрванд, таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагӣ дар тақсимоти маҳсулоти меҳнатӣ мебошад, иборат аст. Дар ин ҷо масъалаи муҳим ин масъалаи адолати иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҳисоби пардохти сарватмандон барои ниёзҳои камбизоатон дастрас карда мешаванд. Боз масъалаҳое, ки дар тамоми арсаи ҷаҳони аҳамияти калонро

доранд, ин масъалаҳои гендерӣ мебошанд, ки дар баробари мардҳо ба неъматҳои иҷтимоӣ дастрас бошанд ва аз хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ истифода бурда тавонанд. Механизми идоракунии сохтори соҳаи иҷтимоӣ дар расми 3.3 нишон дода шудааст.




**Расми 3.3 – Механизми идоракунии сохтори соҳаи иҷтимоӣ**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ

Дар раванди ташкилёбӣ ва рушди соҳаи иҷтимоӣ дар ҷумҳурии мо чунин афзалиятҳои сиёсати иҷтимоии давлат бояд ҳатман ба инобат гирифта шаванд:

1. Танзими ҳолатӣ демографӣ имконият медиҳад, ки барои аҳолӣ давлат шароитҳо ба монанди кам намудани сатҳи бекорӣ, ки дар натиҷа шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба дигар кишварҳо рафта, шаҳрвандии он давлатҳоро соҳиб нашаванд. Боз масъалаҳои демографӣ, масъалаҳои дарозумрӣ ва кам намудани фавтро дар бар мегиранд.

2. Таъмин намудани сатҳи баландӣ зиндагонӣ, ки имконият медиҳад низоми одилонаи иҷтимоӣ таъмин карда шавад ва байни давлат, меҳнат ва сармоя сарватҳои моддиву маънавӣ баробар тақсим карда шаванд. Натиҷаи ин дар он аст, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад, аз ҷумла музди миёнаи моҳонаи кормандони ташкилотҳои буҷетии марбут ба соҳаи иҷтимоӣ низ ба таври назаррас афзоиш меёбад. Кафолати он, ки музди меҳнат дода мешавад, он аст, ки ин намуди пардохт ба моддаи муҳофизатшудаи хароҷоти буҷети давлатӣ дахл дорад. Барои танзим ва таъмин намудани амалҳои номбаршуда дар ҷумҳурӣ санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба соҳаи меҳнат қабул гардидаанд.

3. Шароит фароҳам овардан барои зиндагии солими аҳолӣ, ки масъалаҳои дастрасӣ ба манзили истиқоматӣ, ки ба стандартҳои зиндагии сифатнок мувофиқ мебошанд, дар ноҳияҳои дурдаст аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ таъмири роҳҳои мошингард ва дастрасӣ ба нақлиёти ҷамъиятиро дар бар мегирад.

4. Гузаронидани сиёсати иҷтимоии минтақавӣ ва арзёбии самаранокии он дар асоси ягонагии сиёсати иҷтимоии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ бо шарти ба тартиб даровардани салоҳиятҳои онҳо амалӣ карда мешавад.

Дар шароити муосир ҳукумат як қатор чораҳоро барои барқарор кардани қаламравҳои деҳот, аз ҷумла иқтисодӣ андешидааст. Усулҳои истифодашаванда ба афзоиши истеҳсолот, афзоиши сатҳи даромаднокӣ равона карда шудаанд ва инчунин ба барқарорсозии аҳолии қобили меҳнати деҳот таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. «Маълум аст, ки соҳаи кишоварзӣ бидуни кадрҳои баландихтисос фоида ба даст намеорад ва кадрҳо ба зиндагӣ ва кор дар

шароити номусоиди иҷтимоӣ ва маишӣ манфиатдор нестанд. Барномаҳои муосири рушди иҷтимоии деҳот зарур аст» [97].

Аз ин лиҳоз, давлат дар татбиқи сиёсати иҷтимоии худ тавассути амалигардонии чорабиниҳои давлатӣ дар сатҳи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ба воситаи риоя намудани талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳуқуқ ва озодии инсон муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҳамаи сатҳҳои идораи низоми иҷтимоӣ ташаккул ва танзим менамояд, ки ин аз соҳаҳои зерин иборат мебошад: маориф ва такмили ихтисос; фаъолияти саломатӣ ва барқарорсозӣ; фарҳанг ва санъат; фаъолияти илмӣ ва таҳқиқотӣ; суғуртаи иҷтимоӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои иҷтимоӣ; мусоидат ба рушди соҳибкорӣ ва ташаккули иқтисоди бозори иҷтимоӣ. Дар ҳолати риоя намудани чунин принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ барои давлат имконият пайдо мешавад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани бухронҳои иқтисодиву молиявӣ оқибатҳои зарари онҳоро бартараф намояд ва сари вақт чорабиниҳои зарурӣ доир ба барқарорнамоии иқтисоди миллӣ андешад.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз чанд соли рушди мунтазами иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ бухрони молиявӣ дар соли 2015 ба вуҷуд омад. «Рушди иқтисодӣ дар соли 2015 суст шуд ва ҳамагӣ 2,4 фоизро ташкил дод. Ин сатҳи пасттарин пас аз бухрони молиявии солҳои 2008-2009 мебошад. Дар соли 2016 суръати рушди иқтисоди ҷаҳонӣ 2,9 фоиз ва дар соли 2017 3,2 фоизро ташкил дод» [35].

Ин бухрон ба иқтисодиёти кишвари мо таъсири манфии худро расонидааст, ки дар натиҷа тағйироти сохтори иқтисодиёти миллӣ, пастшавии нишондодҳои баъзе из институтҳои молиявӣ, аз он ҷумла коҳиш ёфтани сатҳи воқъеии соҳаи иҷтимоӣ ба назар расиданд. Вале, аз сабаби вазъи душвори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибатҳои ин бухрон пайдарҳам бартараф карда шуданд.

Бинобар ин, дар назди давлат ҳангоми ба вуҷуд омадани чунин бухронҳо вазифаи асосӣ ин ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар ба ҳисоб меравад, ки ин ба

маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ба соҳаи иҷтимоӣ таъсир набояд кунад ва маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ин амал кафили таъмини сулҳу субот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Дар солҳои минбаъда дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд ҳадафҳои муҳими сиёсӣ гузошта шудаанд. Дар робита ба ин, агар ҳамаи воситаҳои мавҷудаи сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин истифодаи самараноки ин воситаҳо ба манфиати иқтисоди миллӣ ҳамаҷониба омӯхта шаванд, бо итминон метавон гуфт, ки барои пешгирии таҳдидҳо дар соҳаи иҷтимоӣ чораҳои аввалиндараҷа андешида мешаванд.

Аз ин лиҳоз, зарурият пеш омадааст, ки дар сатҳи давлатӣ барномаҳои мухталиф доир ба роҳ надодан ё пешгирӣ намудани ҳолатҳои буҳронӣ барои давраи миёнамуҳлат ва инчунин дарозмуҳлат мавриди таҳия қарор гиранд ва дар натиҷа он ҳама ухдадориҳое, ки давлат дар назди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, ба пуррагӣ иҷро мегарданд.

Дар натиҷа бархе аз табақаҳои аҳолии кишвар, ки аз оқибатҳои буҳронҳои молиявӣ бештар зарар мебинанд, мувофиқи ин барномаҳои номбурда мавриди дастгирӣ қарор мегиранд. Чунин дастгириҳои пайваста аз ҷониби роҳбарияти Ҳукумати ҷумҳурӣ масъалаҳо оид ба қавӣ гардонидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоиву тиббӣ, беҳтар намудани вазъи расонидани доруавориҳо ба бемориҳои музминро дар бар мегиранд.

Таваҷҷуҳи махсуси давлатиро пеш аз ҳама, нигоҳ доштани қобилияти меҳнатии аҳолӣ тақозо менамояд. Дар натиҷа даxолати давлат ба шуғлнокии аҳолии кишвар, паст намудани сатҳи бекорӣ дар бозорҳои меҳнат, такмил додани савияи донишу малакаи кормандоне, ки дар сатҳи аз кор хориҷшавӣ қарор доранд нисбатан зиёд мешавад. Ин гуна амал мавқеъи давлатро дар самти дигаргуниҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва алалхусус дар корхонаҳои соҳаи иҷтимоӣ баланд мегардонад.

Асоси дигаргуниҳои куллӣ дар кори корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои соҳаи хизматрасонӣ, тавре ки аллакай қайд карда шуд, бояд омилҳои зерин бошанд, ба монанди:

- «такмили таъминоти моддию техникӣ, молиявӣ, тағйироти асосии шароити хоҷагидорӣ;
- дур шудан аз идоракунии қатъии мутамаркази иншооти хизматрасонӣ;
- ба онҳо додани озодӣ дар интихоби қарорҳои оптималии иқтисодӣ;
- истифодаи бомароми ташкилии идоракунии истеҳсолот дар асоси шаклҳои гуногуни моликият» [104].

Ҳамин тариқ гуфтан ба маврид аст, ки аҳамияти барномаҳои иҷтимоӣ, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани буҳрони молиявӣ ё иқтисодӣ гузаронида мешаванд, сол то сол баланд шуда истодаанд.

Боиси қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ чорабиниҳо оид ба коркарди барномаҳои зиддибуҳронӣ то ҳол идома доранд, чунки буҳрони молиявӣ ба ҳар гуна восита ба иқтисодиёти миллӣ зарари худро мерасонад. Яъне, барномаҳои зиддибуҳроние, ки ҷиҳати бартараф намудани буҳрони ҷаҳонии иқтисодие, ки дар соли 2015 ба вуҷуд омада буд, қабул шуда буд бо барномаҳое, ки дар буҳрони иқтисодие, ки дар ҷаҳон ҳангоми Пандемияи вируси COVID-19 пайдо шуд комилан мувофиқат намекарданд.

Барномаҳои зиддибуҳронӣ танҳо дар сатҳи Ҳукумат мавриди таҳия қарор мегиранд, бояд аҳамияти қонунгузорӣ дошта бошанд, то ки аз тарафи ҳамаи муассисаҳо, ташкилотҳои соҳаи хоҷагии халқ риоя карда шаванд.

Барномаҳои зиддибуҳронӣ бояд хусусияти иҷтимоиро низ дошта бошанд. Ин дар мадди аввал барои таҳлил намудани имкониятҳо дастурҳои коркардшаванда зарур мебошад, ки оқибатҳои буҳронҳо ба иқтисодиёти миллӣ кам ҳис карда шавад. Дар ин маврид, танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун воситаи пешгирӣ намудани ҳолатҳои буҳронҳои молиявию иқтисодӣ баромад менамояд.

Ҳамин тариқ, яке аз самтҳои асосии такмили соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон фаъолсозии ҷалби сармояи хусусӣ ба ин намуди муносибатҳои молиявию иқтисодӣ мебошад.

Масалан, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ба монанди корпоратсияҳои хусусӣ, метавонанд, ки ба таври мустақилона самтҳои зерини маблағгузории соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоиро амалӣ кунанд:

- «иштирок дар лоиҳаҳои навсозии инфрасохтори иҷтимоии минтақавӣ дар асоси механизмҳои шарикии давлатӣ - хусусӣ;

- ташкил ва татбиқи барномаҳои иловагии дастгирии иҷтимоии кормандон, аз ҷумла онҳое, ки ба нафақа баромадаанд (масалан, дар қисми ҷорӣ намудани низомҳои корпоративии таъминоти иловагии нафақа;

- иштироки якҷоя бо мақомоти давлатӣ дар ташкил ва татбиқи барномаҳои ихтиёрӣ, маблағгузории ҳаракати ихтиёрӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ» [143].

Дар ин хусус таҷрибаи ИМА-ро ҳангоми ба вуҷуд омадани буҳрони молиявӣ ва «Депрессияи бузург»–ро ба ёд овардан зарур мебошад.

Ин барои баррасии имкониятҳо ва ҳудуди тавсияҳои умумӣ оид ба коҳиш додани буҳронҳо муҳим аст. Ба охирин, аз ҷумла, танзими давлатӣ дохил мешавад. Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки дар низоми «Сӯхторхомӯшкунӣ» танзими давлатӣ истифода бурда мешавад.

Аммо, бояд қайд кард, ки ислоҳоти сиёсати «Курси нав» - и Франклин Рузвелт барои эҳёи иқтисодиёти афтода кофӣ нест. Чунин сиёсат бори аввал ҷорӣ карда шуд ва шикастҳо ва нокомиҳои зиёдеро аз сар гузаронид, ки дар натиҷа чораҳо бо ҳам мухолиф буданд. Гарчанде, ки бисёр қонунҳо то ҳол эътибор доранд ва дар механизмҳои танзими соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мустаҳкам шудаанд. Масалан, имрӯз дар ИМА «деҳқонон бо субсидия зиндагӣ мекунанд ва бисёре аз сокинони шаҳр танҳо бо кӯмакпулӣ зиндагӣ мекунанд, амнияти иҷтимоӣ афзоиш меёбад ва ғайраҳо» [91].

Бинобар ин, ба ақидаи коршиносони Институти рушди муосир, ҳамаи барномаҳои давлатӣ, ки дар давраи буҳронҳо қабул карда мешаванд, аз ҷумла «курси нав» бо чунин тартиб таҳия карда мешаванд. Аммо, бояд қайд кард, ки дар ҳама барномаҳо як унсури муҳим мавҷуд аст, ки ба давлат имкон медиҳад, ки ба равандҳои дар давраи буҳронҳо рух дода таъсир расонад, то таъсири манфии буҳронҳо ба иқтисоди миллӣ пурра коҳиш ёбад.

Вазъияти дигарро низ ба инобат гирифтан лозим аст. Буҳронҳои даврии иқтисодӣ ва молиявӣ ба аксари кишварҳои ҷаҳон каму беш таъсир мерасонанд.. Дар мавриди дигар, кишварҳо ва хусусан кишварҳои фазои пасошуравӣ дар барномаҳои зиддибуҳронӣ чораҳои махсус пешбинӣ нашудаанд, ки ин номутаносибии ин соҳаро пурра нишон медиҳад.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки дар давраи буҳрони иқтисодӣ, ки дар натиҷаи пандемияи вируси COVID-19 ба вуҷуд омадааст, бисёре аз кишварҳои дорои иқтисоди устувор ва рушдёфта ба Тоҷикистон ҳамчун кӯмаки башардӯстона ба доруворӣ ёрӣ расонданд, ки ин аз марҳалаи аввали шуури ягонаи иқтисодии ҷаҳонӣ ва принсипи кӯмаки мутақобила байни кишварҳои сатҳҳои гуногуни рушд шаҳодат медиҳад. Ба ин маъно, рушди муносибатҳои иҷтимоӣ байни кишварҳо ба сатҳи нав мебарояд, ки дар он принсипҳои ахлоқӣ ва идеологӣ аз манфиатҳои иқтисодӣ бештар эҳсос карда мешаванд.

Имрӯз сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба рушди соҳаи иҷтимоии мамлакат, балки ба рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёи миллӣ, ки дар назари аввал ба соҳаи иҷтимоӣ ҳеҷ дахл надоранд, равона карда шудааст. Масалан, амнияти иҷтимоии аҳолии кишвар ё дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки тавассути тақвияти нақши савдо дар иқтисодиёти кишвар, гардиши молҳои ҷумҳурӣ бо дигар кишварҳо афзоиш ёбад. Инро рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон номидан мумкин аст. Ин дар мавриде амалӣ карда мешавад, агар ба раванди истеҳсолот технологияҳои нав ва навтарин пайваста ба иқтисоди рақамӣ ворид карда

шаванд. Ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ бояд дар технологияҳои нави ба шароити Тоҷикистон мутобиқшуда, ки воридотро иваз менамоянд, асос ёбанд.

Дар ин маврид каме бошад аз таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон мисол овардан мумкин аст. «Самти стратегии соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Қазоқистон бояд аз чунин принсипҳои риояи устувори самти муқарраршуда барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланди (зарурии) сатҳи самаранокии истифодаи захираҳо, ба монанди вокуниши фаврӣ ва андешидани тадбирҳои муфид оид ба танзими дуршавӣ аз самтҳои мақсадноки пешбинишуда, назорати доимӣ ва таҳлили раванди амалишавандаи самти стратегӣ бароянд» [101].

Вобаста ба ин масъала гуфтан ба маврид аст, ки ҷиҳати расидан ба мақсадҳои наҷиб вобаста ба рушди саноат, бехатарии молиявӣ ва афзоиши нишондиҳандаҳои соҳаи иҷтимоӣ бештар ба рушди соҳаи маориф ва мустаҳкамгардонии шуури ватанпарастӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намудан даркор аст, зеро маориф ва рушди он симои тасвири эътимоднокии кишварро дар хоҷагии ҷаҳонӣ эҷод менамояд. Аз ин рӯ, бо такя ба таҷрибаи кишварҳои Ғарбӣ Аврупо, Осиё ва Чин, муҳаққиқони ватанӣ бояд ҳамеша роҳҳои нави рушди соҳаи истеҳсолӣ ва ҳамчунин соҳаҳои ғайриистеҳсолиро, ки хизматрасониҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд, ҷустуҷӯ кунанд.

Тавре ки, дар боло зикр гардид, соҳаи иҷтимоӣ хусусияти гуногунҷанбаи худро дорад ва дар ҳар марҳалаи инкишофи худ ба усулҳои нави идоракунӣ, аз ҷумла, давлатҳо дар танзими иқтисоди миллӣ ниёзи бештаре дорад.

### 3.3. Коркарди тавсияҳои методӣ оид ба такмили механизм ва дурнамои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тағйирот дар соҳаи иҷтимоӣ бо тағйирот дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа робитаи зич дорад. Тамоюлҳои ин муносибат, вобастагии сababӣ – таъсирии онҳо на танҳо гуногун ва мураккаб, балки то андозае ба ҳамдигар вобаста ва танзимшаванда мебошанд.

Муайянкунандаи соҳаи иҷтимоӣ бо шароити иқтисодӣ тавассути низоми мураккаби вобастагии омилҳои мухталиф, ки ба ҳаёти ҷомеа таъсир

мерасонанд, зоҳир мешавад. Масалан, рушди соҳаи моддӣ аксар вақт бо рушди соҳаҳои дигар ва пеш аз ҳама сиёсӣ мухолифат мекунад. Ин робитаҳо, дар навбати худ, бо хусусиятҳои сохтори иҷтимоии ҷомеа, омилҳои табиӣ- ҷуғрофӣ ва ҳоказои дигар миёнаравӣ мекунанд.

Илова бар ин, таъсири берунии дигар давлатҳо ба ин ҷомеаро фаромӯш кардан мумкин нест. Мураккабии робитаҳои соҳаҳои моддӣ ва иҷтимоӣ дар он аст, ки рушди онҳоро ба вобастагии қатъии хаттӣ гузоштан мумкин нест ва таъсири асосҳои моддии фаъолияти ҳаётии ҷомеа ба ҷузъҳои гуногуни соҳаи иҷтимоӣ бо дараҷаҳои гуногуни шиддат ва самтҳои мухталиф зоҳир мешавад. Пас биёед, боз ду нуктаи муҳимро таъкид кунем. Омилҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ низ ба соҳаи иҷтимоӣ таъсири монанд доранд. Дар айни замон, соҳаи иҷтимоӣ, ки дар навбати худ нисбатан мустақил боқӣ мемонад, ба ҳамаи соҳаҳои дигари фаъолияти ҳаётии ҷомеа таъсир мерасонад.

Яъне, ҳар як соҳаи дигаре, ки ба системаи иҷтимоӣ дахл надорад, дар марҳилаҳои гуногуни рушди соҳаи иҷтимоӣ ҳадди ақал бавосита ба мушкилоти иҷтимоӣ дахл дорад. Дар навбати худ, мушкилоти иҷтимоӣ давра ба давра ба миён меоянд ва ба ин васила хусусияти доимӣ надоранд, тағйир меёбанд, инкишоф меёбанд, кам мешаванд ва дар ин динамика онҳо метавонанд ба қонунҳои худ итоат кунанд.

Дар ин маврид соҳаҳои тарғибкунандаи низоми иҷтимоӣ ба монанди моддиву истеҳсолӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ, сиёсӣ ва шароити иқлимро бо алоҳидагӣ ҳамчун омили мустақил дида баромада шаванд, то ки қарорҳои идоракунии мутлақ қабул карда шаванд. Дар ин муҳит, соҳаи иҷтимоӣ қувва, воситаҳои моддиро барои пур кардан ва рушди ҷузъҳои худ ва пеш аз ҳама инфрасохтор, омодагӣ ва бозомӯзии кадрҳо, такмил додани сохтор ба даст меорад ва имкониятҳои самтҳои алоҳидаи худро ба инобат гирифта, соҳаи иҷтимоӣ ба тағйирёбии онҳо мусоидат менамояд ва вобаста ба хусусияти худ ба онҳо таъсир ҳам мерасонад. Онҳо дар навбати худ ба соҳаи иҷтимоӣ таъсири

доимӣ мерасонанд, ки онро маҷбур мекунанд, ки ин таъсирҳоро аз нав сохта, безарар ё ассимилятсия кунанд.

Ҳамин тариқ, муҳити беруна заминаи зарурӣ мебошад, ки дар он ва бо иштироки ғайримустақим фаъолияти соҳаи иҷтимоӣ густариш меёбад. Хусусиятҳои соҳаи иҷтимоӣ аз он вобастагии калони худро доранд.

Агар ҷузъҳои дохилии соҳаи иҷтимоиро баррасӣ кунем, метавон гуфт, ки моҳияти он аз унсурҳои дохилии он ва шакли робитаи онҳо муайян мешавад. Дар мавриди таъсири беруна бошад, онҳо низ таҳти таъсири унсурҳои дохилии соҳаи иҷтимоӣ қарор доранд. Тавассути расми 3.4 раванди бисёрҷанбаи ташаккул ва рушди соҳаи иҷтимоиро дидан мумкин аст.




**Расми 3.4 – Ташаккул ва муайянсозии заминаи рушди соҳаи иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ

Мақсад ин аст, ки ҳар яке аз унсурҳои зикршуда заминаи муайян намудани роҳҳои асосии рушди соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам орад.

Як қатор омилҳои дигари рушди ҷомеа ҳамчун унсурҳои иловагӣ дар ҷараёни рушди соҳаи иҷтимоӣ бароmад мекунанд, ки пеш аз ҳама ба он хусусиятҳои демографӣ, равонӣ, миллӣ ва этникии соҳаи иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

Ҳамоҳангии соҳаи иҷтимоӣ бо қисмҳои таркибии он бо ду шакл, ки яке доимӣ ва дуввум тасодуфӣ амалӣ карда мешавад. Алоқамандии онҳо дар раванди муайян кардани самтҳои иҷтимоӣ ба он оварда мерасонад, ки ҳамаи равандҳои гузашта тартиби муайян надоранд.

Нишондодҳои асосии самтҳои соҳаи иҷтимоӣ пеш аз ҳама аз сатҳи тараққиёти соҳаҳои истеҳсоливу саноатӣ ва суръати истеъмолии истифодабарандагони хизматрасониҳои иҷтимоӣ вобастагӣ доранд. Ба онҳо зерсохторҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, шароитҳои иқлимӣ ва мавқеи ҷуғрофии кишвар, рушди соҳаи маориф ва саводнокии аҳолӣ, анъанаҳои миллӣ, менталитети мардум ва сатҳи истифода бурдани неъматҳои истеҳсолӣ таъсир менамоянд. Дар ин маврид, дар сатҳи гуногуни таҳлилҳои иқтисодӣ қувваҳои маънавии соҳаи иҷтимоиро баҳогузорӣ намудан мумкин аст.

Аз сабаби он, ки соҳаи иҷтимоӣ вобаста ба хусусияти худ, мунтазам ба ҳар як зерсохтори таркибии худ таъсир мерасонад, зарурияти омӯзиши механизмҳои амалкунандаи он, муайян намудани қонунҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ ва омӯзиши қувваи таъсирнокии як навъи қонунҳо ба раванди амалишавии такрористеҳсолӣ пайдо мегардад. Ба ҳаракат дар ин самт омилҳои муайянкардаи мо барои аниқ кардани худидоракунии соҳаи иҷтимоӣ ва инчунин муайян кардани ихтилофоти ин худидоракунӣ мусоидат мекунанд.

Бояд чунин ҷузъҳои соҳаи иҷтимоиро ҷудо кард, ба монанди муносибати одамон дар раванди истеъмоли неъматҳои иҷтимоӣ. Дар ин ҳолат дар соҳаи иҷтимоӣ як ё якчанд гурӯҳҳо ташкил карда мешаванд, ки аз неъматҳои истеҳсолӣ ба таври гуногун истифода мебаранд, яъне хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба ҳар як гурӯҳ алоҳида пешниҳод карда мешаванд. Дар раванди рушди соҳаи иҷтимоӣ қонуни диалектика амал мекунад, ки моҳияти на танҳо муносибати одамон ё мубориза муносибатҳо, балки моҳияти соҳаи иҷтимоиро дар маҷмуъ пурра ошкор менамояд. Дар худи соҳаи иҷтимоӣ бошад неъматҳои иҷтимоӣ ба дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи аҳолии кишвар ва гурӯҳҳои алоҳидаи он равона карда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар соҳаи иҷтимоӣ хусусиятҳои муайяне мавҷуданд, ки танҳо ба соҳаи иҷтимоӣ хос буда, камбудиҳои идоракунии соҳаи иҷтимоиро дар самти қонеъ гардонидани талаботи ҷомеаи муосири Тоҷикистон ошкор менамоянд. Камбудиҳо дар ин ҳолат ба таври зайл сурат мегиранд:

- соҳаи иҷтимоӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври кофӣ дастгирӣ карда намешавад;

- сиёсати иҷтимоӣ дар раванди ташаккули заминаи қонунгузорӣ суст ифода ёфтааст;

- банақшагирии дурусти маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ, муайян намудани манбаъҳои пур кардани буҷети давлатӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба гирифтани хизматрасониҳои иҷтимоии ройгон ё қисман пардохтшаванда, ки дар навбати худ дар аксари ҳолатҳо пурра таъмин карда намешаванд;

- нокифоя будан дар муайян кардани андозаи стандартҳои соҳаи иҷтимоӣ дар расонидани хизматрасониҳои гуногуни сатҳи иҷтимоӣ;

- бартарияти хизматрасонии иҷтимоӣ дар шаҳрҳои калон ва нуқтаҳои маъмурӣ аз сифати хизматрасонии иҷтимоӣ дар ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст.

Аз нуктаҳои дар боло зикршуда метавон гуфт, ки имрӯз сарфи назар аз рушди босуръати соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши маблағгузории давлатии самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ, сохтори он ба таҷдиди қисман ва навсозии пурзӯр бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, вазифаи пешниҳоди хизматрасониҳои босифат барои ҳамаи категорияҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар мадди аввал меистад ва дар ҷараёни тағйироти назаррас дар сохтори соҳаи иҷтимоӣ ҳалли худро тақозо менамояд.

Имрӯз, пас аз баррасии тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани ҳолати соҳаи иҷтимоӣ бо мақсади муайян кардани дурнамои он, зарурати пешгӯии вазъияти ояндаи соҳаи иҷтимоӣ бо такя ба маълумотҳои самтҳои асосӣ ба миён меояд.

Бо мақсади таҳлил ва дурнамои дастгирии соҳаи иҷтимоӣ самтҳои соҳаи иҷтимоӣ, аз қабили маориф, тандурустӣ, суғурта, фарҳанг ва варзиш интихоб карда шуданд. Нишондиҳандаҳо барои солҳои 2015-2023 аз ҳисоботи буҷети давлатӣ ҳамчун махзани маълумот гирифта шуда, усули регрессионӣ истифода шудааст.

Барои ҳар як маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ муодилаи умумии зерин интихоб гардида, нишондиҳандаи маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи экзогенӣ гузоштем:

$$\text{Маблағгузорӣ}_{\text{соҳа}} = b_1 \cdot t + b_2 \cdot \text{ММД} + \varepsilon\,, \qquad (1)$$

Дар ин ҷо: t – омили вақт (2015=1, 2016=2), $b_1$ ва $b_2$- ҳамчун коэффитсиентҳои муодила.

Аз рӯйи тағйирёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаҷми маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ алоқамандии назаррас байни онҳо мушоҳида мешаванд, ки дар ҷадвали 3.3 таҳлили коррелятсионии байни нишондиҳандаҳо оварда шудааст:

**Ҷадвали 3.3 – Таҳлили коррелятсионии ҳаҷми маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ нисбат ба ҳаҷми ММД дар солҳои 2015-2023***

| Соҳаҳо | ММД |
|---|---|
| **Маориф:** | r = 0,963023 |
| **Тандурустӣ:** | r = 0,941005 |
| **Суғурта:** | r = 0,933581 |
| **Фарҳанг ва варзиш:** | r = 0,958459 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботӣ солонаи буҷети давлатӣ ва бо истифода аз барномаи MS Excel [30].

Вобаста ба ин, барои баҳодиҳии таъсири рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳаҷми маблағгузори соҳаҳои маориф, тандурустӣ, суғурта ва фарҳанг ва варзиш аз ҳисоби буҷети давлатӣ муодилаи (1)-и дар боло овардашударо истифода бурдан мумкин аст.

Дар ҷараёни истифодаи усули таҳлили регрессионӣ, таъсири маблағгузории давлатӣ вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар дар муодилаи (2) муайян карда шуд:

$$\text{Маблағгузорӣ}_{\text{маориф}} = 125{,}6697 \cdot t + 0{,}0513057 \cdot \text{ММД} + \varepsilon\,, \qquad (2)$$

Аз натиҷаи муодилаи (2) бармеояд, ки вобаста ба давра ҳангоми 1 сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан ба ҳисоби миёна 0,05 сомонӣ ҳаҷми маблағи сармоягузорӣ дар соҳаи маориф афзоиш хоҳад ёфт. Муҳиммияти муодилаи (2)-ро санҷишҳои интиқодии зерини дар ҷадвали 3.4 овардашуда, исбот менамоянд.

**Ҷадвали 3.4 – Санҷишҳои интиқодии муодилаи (2)***

| Маблағгузорӣ$_{Маориф}$ – таъғйирёбандаи вобаста | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Коэффитсиент** | **Қиммат** | **Хатогиҳои стандартӣ** | **t-омор** | **P-қиммат** |
| **$b_1$ (ММД)** | 0,0513 | 0,014 | 3,51 | 0,009 |
| **$b_2$ (t – омили вақтӣ)** | 125,67 | 223,6 | 0,56 | 0,591 |
| **R-квадрат** | 0,986 | | | |
| **F-омор** | 253,17 (p=0,000) | | | |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботӣ солонаи буҷети давлатӣ ва бо истифода аз барномаи MS Excel [30].

Аз ҷадвали 3.4 маълум мегардад, ки муодилаи (2) аз рӯйи коэффитсиенти детерминатсионии $R^2 > 0{,}98$ байни маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ нисбат ба афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохили вобастагии зич дорад. Вале аҳамиятнокии омили вақт ночиз буда, афзоиши маблағгузорӣ бо рушди иқтисодӣ нақши хоса дорад. Зеро, қимматҳои интиқодии t-омор $b_1$ (ММД) ~3,51 аз ҷиҳати омор коэффитсиенти ММД-ро аҳамиятнок ва $b_2$ (t) ~0,56 таъсири ночизи коэффитсиенти t-ро ифода мекунанд. Аммо, дар маҷмуъ F-омор ~253,17 (p=0,000) гипотезаи сифриро рад карда, исбот менамоянд, ки натиҷаи регрессионӣ дар маҷмуъ аҳамиятнок ба ҳисоб мераванд (муфассалтар дар замимаи 1 оварда шудааст).

Тавсифи графикии динамикаи нишондиҳандаи маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2015-2023, натиҷаи муодилаи (2) ва хатогии ҳисобӣ байни онҳо дар диаграммаи 3.1 оварда шудааст.

**Диаграммаи 3.1 - Натиҷаи муодилаи (2) - маблағгузорӣ дар соҳаи маориф (бо млн.сомонӣ)***




***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси адабиёти [30].

Мутобиқи усули таҳлили регрессионии дар боло истифодашуда, ҳаҷми маблағгузории давлатии системаи тандурустӣ вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муодилаи зерин муайян карда шуд:

$$\text{Маблағгузорӣ}_{\text{тандурустӣ}} = 178{,}366 \cdot t + 0{,}0134175 \cdot \text{ММД} + \varepsilon , \qquad (3)$$

Аз натиҷаи муодилаи (3) бармеояд, ки вобаста ба давра ҳангоми 1 сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан ба ҳисоби миёна 0,013 сомонӣ ҳаҷми маблағи сармоягузорӣ дар соҳаи тандурустӣ афзоиш меёбад. Муҳимияти муодилаи (3)-ро санҷишҳои интиқодии зерини дар ҷадвали 3.5 овардашуда, нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 3.5 – Санҷишҳои интиқодии муодилаи (3)***

| **Маблағгузорӣ Тандурустӣ – таъғйирёбандаи вобаста** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Коэффитсиент** | **Қиммат** | **Хатогиҳои стандартӣ** | **t-омор** | **P-қиммат** |
| **$b_1$ (ММД)** | 0,013 | 0,005 | 2,560 | 0,038 |
| **$b_2$ (t – омили вақтӣ)** | 178,366 | 80,266 | 2,222 | 0,062 |
| **R-квадрат** | 0,99 | | | |
| **F-омор** | 347,18 (p=0,000) | | | |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботӣ солонаи буҷети давлатӣ ва бо истифода аз барномаи MS Excel [30].

Маълумоти ҷадвали 3.5 нишон медиҳанд, ки муодилаи (3) аз рӯйи коэффитсиенти детерминатсионии $R^2 > 0{,}99$ байни маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ нисбат ба афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохили вобастагии зич дорад. Инчунин омили вақт низ дар ин

муодила аҳамиятнок ба ҳисоб меравад. Зеро, қимматҳои интиқодии t-омор ($b_1$ (ММД) ~2,56) ва ($b_2$ (t) ~2,22) аз ҷиҳати омор коэффитсиентҳоро аҳамиятнок ифода мекунанд. Илова бар ин, F-омор ~347,18 (p=0,000) гипотезаи сифриро рад карда, натиҷаи регрессиониро дар маҷмуъ аҳамиятнок нишон медиҳад. (муфассалтар дар замимаи 2 оварда шудааст).

Динамикаи нишондиҳандаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2015 – 2023, натиҷаи муодилаи (3) ва хатогии ҳисобӣ байни онҳо дар диаграммаи 3.2 ҳамчун тавсифи графикӣ оварда шудааст.

**Диаграммаи 3.2 – Натиҷаи муодилаи (3) - маблағгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ (бо млн.сомонӣ)***




***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси адабиёти [30].

Барои баҳодиҳӣ намудани ишондиҳандаи дигари маблағгузорӣ ба соҳаи суғурта аз ҳисоби буҷети давлатиро вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015 – 2023 тавассути муодилаи зерин муайян гардид:

$$\text{Маблағгузорӣ}_{\text{суғурта}} = 0{,}061 \cdot \text{ММД} - 314{,}128 \cdot t + \varepsilon\,, \qquad (4)$$

Тибқи муодилаи (4) маълум мешавад, ки вобаста ба давра ҳангоми 1 сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан ба ҳисоби миёна 0,061 сомонӣ ҳаҷми маблағи сармоягузорӣ дар соҳаи суғурта афзоиш меёбад. Санҷишҳои интиқодии муодилаи (4) дар ҷадвали 3.6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.6 – Санҷишҳои интиқодии муодилаи (4)***

| **Маблағгузорӣ$_{\text{Суғурта}}$ – тағйирёбандаи вобаста** |
|---|

| Коэффитсиент | Қиммат | Хатогиҳои стандартӣ | t-омор | P-қиммат |
|---|---|---|---|---|
| **$b_1$ (ММД)** | 0,061 | 0,011 | 5,610 | 0,001 |
| **$b_2$ (t – омили вақтӣ)** | -314,129 | 166,541 | -1,886 | 0,101 |
| **R-квадрат** | 0,984 | | | |
| **F-омор** | 217,59 (p=0,000) | | | |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботӣ солонаи буҷети давлатӣ ва бо истифода аз барномаи MS Excel [30].

Натиҷаи муодилаи дар ҷадвали 3.6 овардашуда, нишон медиҳанд, ки муодилаи (4) аз рӯйи коэффитсиенти детерминатсионии $R^2 > 0,98$ байни маблағгузории соҳаи суғурта аз ҳисоби буҷети давлатӣ нисбат ба афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ вобастагии зиёд дорад. Инчунин, омили вақт низ дар муодилаи интихобгардида аҳамиятнок ба ҳисоб меравад. Ба сабабе, ки қимматҳои интиқодии t-омор ($b_1$ (ММД) ~5,61) ва ($b_2$ (t) ~|-1,88|) аз ҷиҳати омор коэффитсиентҳоро аҳамиятнок ифода мекунанд. Инчунин, F-омор ~217,59 (p=0,000) гипотезаи сифриро рад карда, натиҷаи регрессиониро дар маҷмуъ аҳамиятнок нишон медиҳад (муфассалтар дар замимаи 3 оварда шудааст).

**Диаграммаи 3.3 – Натиҷаи муодилаи (4) - маблағгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ (бо млн.сомонӣ)***




***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси адабиёти [30].

Тавсифи графикии натиҷаи муодилаи (4) ва омори нишондиҳандаи маблағгузории соҳаи суғурта аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2015-2023, инчунин фарқият байни онҳо дар диаграммаи 3.4 нишон дода шудааст.

Барои баҳодиҳӣ намудани нишондиҳандаи маблағгузорӣ ба соҳаи фарҳанг ва варзиш аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2015-2023 тавассути муодилаи (5) истифода бурда шуд:

$$\text{Маблағгузорӣ}_{\text{фарҳанг ва варзиш}} = 0,012168 \cdot \text{ММД} - 15,18124 \cdot t + \varepsilon, \quad (5)$$

Муодилаи (5) онро ифода менамояд, ки вобаста ба вақт ҳангоми 1 сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан ба ҳисоби миёна 0,012 сомонӣ ҳаҷми маблағи сармоягузорӣ дар соҳаи фарҳанг ва варзиш афзоиш меёбад. Санҷишҳои интиқодии муодилаи (5) дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.7 – Санҷишҳои интиқодии муодилаи (5)***

| **Маблағгузорӣ$_{\text{Фарҳанг ва варзиш}}$ – таъғйирёбандаи вобаста** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Коэффитсиент** | **Қиммат** | **Хатогиҳои стандартӣ** | **t-омор** | **Р-қиммат** |
| **$b_1$ (ММД)** | 0,012 | 0,002 | 5,910 | 0,001 |
| **$b_2$ (t – омили вақтӣ)** | -15,181 | 31,537 | -0,481 | 0,645 |
| **R-квадрат** | 0,992 | | | |
| **F-омор** | 452,38 (p=0,000) | | | |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботӣ солонаи буҷети давлатӣ ва бо истифода аз барномаи MS Excel [30].

Аз натиҷаи муодилаи (5) дар ҷадвали 3.7 овардашуда, маълум мешавад, ки коэффитсиенти детерминатсионии $R^2 > 0,99$ буда, байни маблағгузорӣ дар соҳаи фарҳанг ва варзиш аз ҳисоби буҷети давлатӣ вобаста ба рушди ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии зич дорад. Аммо, омили вақт дар муодила на он қадар аҳамиятнок ҳисобида мешавад. Зеро, қимматҳои интиқодии t-омор $b_1$ (ММД) ~5,91 аз ҷиҳати омор коэффитсиенти муодила аҳамиятнок буда, $b_2$ (t) ~|-0,48| аз ҷиҳати омор на он қадар таъсири баланд медиҳад. Тести F-омор ~452,38 (p=0,000) гипотезаи сифриро рад карда, натиҷаи регрессиониро аҳамиятнок ифода мекунад (муфассалтар дар замимаи 4 оварда шудааст).

Нишондиҳандаи омории маблағгузории соҳаи фарҳанг ва варзиш аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2015 – 2023, натиҷаи муодилаи (5) ва

хатогии байни онҳо пайдогардида дар тавсифи графикии расми зерин нишон дода шудааст.

**Диаграммаи 3.4 – Натиҷаи муодилаи (5) - маблағгузорӣ дар соҳаи фарҳанг ва варзиш (бо млн.сомонӣ)***




***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботӣ солонаи буҷети давлатӣ ва бо истифода аз барномаи MS Excel [37].

Дар натиҷа муодилаҳои (1)-(5)-и дар боло овардашударо барои дурнамои миёнамуҳлати маблағгузории соҳаи иҷтимоии маориф, тандурустӣ, суғурта, фарҳанг ва варзиш ба мақсадҳои банақшагирии миёнамӯҳлати буҷети давлатӣ, баҳодиҳии самаранокии хароҷоти иҷтимоӣ ва инчунин дурнамои имкониятҳои маблағгузорӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мувофиқан барои давраи солҳои 2024 – 2030 нишондиҳандаи ММД- и Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи «Стратегияи миллии рушд то давраи солҳои 2030» тақрибан ба ҳисоби миёна 11%-ро ҳамчун маълумоти воридотӣ дар амсила илова карда шудааст. Вобаста ба муодилаҳои интихобгардида нишондиҳандаҳои ҳаҷми маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ то давраи миёнамуҳлат дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, суғурта ва фарҳанг ва варзиш дурнамо карда шуд, ки дар ҷадвали 3.8 сенарияи базавии дурнамо оварда шудааст. Дар натиҷаи дурнамои ҳаҷми умумии маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ то давраи 2030 тақрибан чунин хоҳад шуд (нигаред ба ҷадвали 3.8).

**Ҷадвали 3.8 – Дурнамои маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар давраи 2025-2030 (млн. сомонӣ)***

| | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳисобӣ | | Дурнамо | | | | |
| **Нишондиҳандаи экзогенӣ** | | | | | | | |
| **Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ** | 153402,2 | 170276,4 | 189006,9 | 209797,6 | 232875,3 | 258491,6 | 286925,7 |
| **Нишондиҳандаҳои эндогенӣ** | | | | | | | |
| **Маориф** | 9127,1 | 10118,5 | 11205,2 | 12397,5 | 13707,2 | 15147,2 | 16731,7 |
| **Тандурустӣ** | 3841,9 | 4246,7 | 4676,4 | 5133,7 | 5621,7 | 6143,8 | 6703,7 |
| **Суғурта** | 6216,5 | 6931,8 | 7760,2 | 8714,4 | 9808,0 | 11056,5 | 12476,9 |
| **Фарҳанг ва варзиш** | 1714,8 | 1904,9 | 2117,7 | 2355,5 | 2621,1 | 2917,6 | 3248,4 |

***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф

Тибқи ҷадвали 3.8 аз ҳисоби афзоиши ММД афзоиши маблағгузорӣ ба ҳамаи соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ пешбинӣ карда мешавад.

Дар маҷмуъ маблағугзории соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ тақрибан ба 13,6%-и ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст, ки аз ин 5,9% ба соҳаи маориф, 2,4% ба соҳаи тандурустӣ, 4,1% ба соҳаи суғурта ва 1,1% ба соҳаи фарҳанг ва варзиш рост меояд. Маълум мегардад, ки маблағгузорӣ ба соҳаи маориф нисбатан ба дигар соҳаи иҷтимоӣ зиёдтар равона гардидааст. Агар мо ҳаҷми ҷудошудаи ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон таносубан 100% ҳисоб кунем, он гоҳ 43,38% ба соҳаи маориф, 30,14% суғурта, 17,65% тандурустӣ ва 8,08% фарҳанг ташкил медиҳад. Ҳадафи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, бинобар ин соҳаи афзалиятноку ояндасоз, маҳз соҳаи маориф мебошад.

Дар марҳалаҳои ташаккули соҳаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мақомоти идоракунии соҳавӣ ҳамеша мавқеи бартаридоштаро ишғол мекарданд. Сабаби ин метавонад дар он бошад, ки идоракунии мутамарказ, ки қариб дар ҳама кишварҳои фазои пасошуравӣ бартарӣ дорад, то ҳол аҳамияти худро гум намекунад, ки ин табиатан дар тамоми соҳаи иҷтимоӣ инъикос меёбад. Дар ин ҳолат раванди тобеияти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ба идораи директивӣ амалӣ карда мешавад.

Соҳаи иҷтимоӣ низ истисно нест, аз ин рӯ, дар соҳаи иҷтимоӣ, ки дар таҳқиқоти мо, аз ҷумла соҳаҳои маориф, тандурустӣ, суғурта ва фарҳанг баррасӣ мешаванд, назорати қатъии ақидаҳои идеологии коргарони дар соҳаи иҷтимоӣ ҷалбшуда низ амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми тағйирёбии соҳаи иҷтимоӣ дар сатҳи аҳолӣ равиши соҳавӣ танқид карда мешуд, бинобар ин, ҳангоми мураккаб гардидани сохтори институтҳои соҳавӣ баъзе аз вазоратҳо барҳам хӯрданд, ки пурра ном ва сохторашон иваз карда шуд. Вале, феълан дар бораи устувории идоракунии соҳаи иҷтимоӣ бе ташвиш гуфтан мумкин аст. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди соҳаи иҷтимоӣ ва самтҳои асосии он мунтазам афзоиш ёфта истодаанд.

Имрӯз мақомоти соҳавӣ, ки соҳаи иҷтимоиро мустақиман танзим мекунанд, сохтори дақиқи идоракунии маъмурӣ надоранд. Аз ин рӯ, мақомоти минтақавии идоракунии соҳаи иҷтимоӣ аксар вақт нисбат ба мақомоти ҷумҳуриявӣ салоҳиятҳои бештар доранд. Дар айни замон, роҳбарияти муассисаҳои марказии ҳукуматӣ бевосита ба ҳукумат итоат мекунанд, ки фаъолияти онҳоро танзим мекунад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки тамоми фаъолияти субъектҳои минтақавии идоракунии соҳаи иҷтимоӣ бояд дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар сатҳи ҳукумат қабул шудаанд, амалӣ карда шаванд. Чунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ заминаи қонунгузории соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ки фаъолияти муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоиро танзим менамояд.

Фаъолияти субъектҳои минтақавии идоракунии соҳаи иҷтимоӣ ҳам аз муассисаҳои давлатии соҳаи иҷтимоӣ ва ҳам аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба онҳо ассотсиатсияҳои гуногун, ҳама гуна иттифоқҳо ва иттиҳодияҳо дохил мешаванд, пайваста таъсир мерасонанд.

Ба унвони мисол, созмонҳои ҷамъиятӣ, аз қабили Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон, Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, Иттиҳоди

бастакорон ва кинематографистон, Ассотсиатсияи кормандони тиб, инчунин Ассотсиатсияи соҳибкорони пешқадами Тоҷикистонро низ ба ин гурӯҳ дохил кардан мумкин аст. Вазифаи асосии онҳо дар он аст, ки гарчанде ки онҳо дар раванди танзими минтақаи мушаххас иштироки муайян надоранд, аммо онҳо ҷонибдори манфиатҳои табақаҳои мухталифи аҳолӣ ва қисми махсусан осебпазири он мебошанд. Дар доираи фаъолияти худ чунин ташкилоти ҷамъиятӣ ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ кӯмак мерасонанд ва аксари вақт ба низоми идоракунии ҷумҳуриявӣ ва минтақавии соҳаи иҷтимоӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд.

Имрӯзҳо субъектҳои минтақавии идоракунии соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун мақомоти асосии қобилияти танзими соҳаи иҷтимоӣ ва таъсири онҳо ба ислоҳоти иқтисодӣ амал мекунанд, ки дар раванди тағйирёбии иқтисоди миллӣ тадриҷан эҳсос мешаванд, аммо ба таври назаррас афзоиш меёбанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки соҳаи иҷтимоӣ дар ҷараёни ташаккули худ чунон таҳаввул ёфтааст, ки аз ҷиҳати аҳамияти худ, он аз дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ хеле болотар аст.

Ҳамин тавр:

- ба даст овардани соҳибихтиёрии Тоҷикистон барои марҳилаи нави рушди тамоми самтҳои хоҷагии халқ такони назаррас бахшид, ки сабаби табдил додани иқтисодиёти нақшавии Иттиҳоди Шуравӣ ба иқтисоди бозорӣ гардид, ки дар он ҷумҳурӣ то имрӯз қарор дорад;

- ташаккули заминаи қонунгузорӣ, ки баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, дар тамоми минтақаҳои мамлакат вазифаҳои иҷтимоӣ ба зиммаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ гузошта шуданд;

- таҳлили созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки минтақаҳои Тоҷикистон, ки таърихан аҳолӣ дар он зиндагӣ мекунанд, пайваста таҷрибаи танзими соҳаи иҷтимоиро ҷамъ меоваранд;

- сиёсати иҷтимоӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, аз ҷумла табақаҳои осебпазири он, ки асосан дар деҳот ё минтақаҳои дурдасти кишвар зиндагӣ мекунанд, равона карда шудааст, гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро ҳавасманд мекунад, ки ҳаёти худро ба роҳ монад ва ҳамзамон тамоми неъматҳои иҷтимоиро истифода барад. Барои ин, аз ҷониби мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мунтазам чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи шуури одамон ва бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ ва вазифаи худ дар назди ватан гузаронида мешаванд;

- қабули қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ««Дар бораи мақомоти худидоракунӣ дар шаҳрак ва деҳот», ки асосҳои принсипиалии нави ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракуниро муайян намуд, як нуқтаи гардиш дар ҳаёти ҷомеаҳо ва ангезаи нав барои пешбурди минбаъдаи ташаббусҳое, ки ба тасдиқ ва такмили худидоракунӣ дар ҷумҳурӣ равона шудаанд, гардид» [138].

Инчунин нақши идоракунии минтақавии соҳаи иҷтимоӣ бо равишҳои мухталиф дар низоми идоракунии соҳаи иҷтимоии минтақавӣ тақвият меёбад. Илова бар ин, Конститутсияи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи субъектҳои миллӣ ҳуқуқ медиҳад, ки сиёсати иҷтимоию иқтисодии худро ҳамаҷониба амалӣ намоянд.

Имрӯз, дар шароити тағйироти доимии иқтисоди миллии кишвар, мақомоти иҷроияи худидоракунӣ кӯшиш мекунанд, ки вазифаҳои худро оид ба таъминоти иҷтимоии аҳолии дар деҳот зиндагикунанда дар минтақаҳои дурдаст ба дӯши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ гузоранд. Оқибати чунин амал дар он аст, ки бисёр объектҳои таъиноти иҷтимоӣ ба тавозуни хукуматҳои маҳаллӣ ё ҷамоатҳо мегузаранд.

Хусусияти фарқкунандаи идоракунии минтақавии соҳаи иҷтимоӣ дар он аст, ки вақте Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ қарор мегирифт, қисми зиёди андозҳои ситонидашуда ба буҷети иттифоқӣ фиристода мешуданд ва дар айни замон пардохтҳои андоз ба ихтиёри буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дода мешаванд. Инчунин тағйирот дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба интиқоли

объектҳои соҳаи иҷтимоӣ, ки моликияти вазоратҳои соҳавӣ ва идораҳои давлатӣ буданд, ба ихтиёри ҳукуматҳои маҳаллӣ, ба монанди китобхонаҳои ноҳиявӣ, клубҳо, кинотеатрҳо, боғчаҳои кӯдакона, профилакторияҳои табобатӣ ва ғайраҳо мусоидат карданд.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин ҳалли мушкилоте, ки дар ҷараёни истифодаи аҳолии минтақаҳо ба миён меоянд, тамоми неъматҳое, ки барои фаъолияти муқаррарии ҳар як фард зарур мебошад дар мадди аввал мегузоранд.

Субъектҳои минтақавии идоракунии соҳаи иҷтимоӣ аз рӯйи сохтори худ ба принсипи диққати соҳавӣ итоат мекунанд. Дар натиҷа, принсипи амалкунандаи идоракунии соҳаи иҷтимоиро метавон аз ҷиҳати ҳудудӣ соҳавӣ номид.

Инчунин, барои рушди соҳаи иҷтимоӣ ва расонидани хизматрасониҳои босифати иҷтимоӣ, ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот, бояд ба таъсиси бахшҳои субъектҳои идоракунии минтақавӣ, аз қабили Шуроҳои ҷавонон, собиқадорон ва деҳот, ки дар ҳалли масъалаҳои марбут ба соҳаи иҷтимоӣ ва расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар минтақа иштирок хоҳанд кард, диққат дода шавад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини рушди соҳаи иҷтимоӣ дар минтақа фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад, ки гурӯҳҳои маҳаллӣ мебошанд, ки бо ҳалли масъалаҳои соҳаи иҷтимоӣ дар сатҳи маҳаллӣ машғуланд.

Барои ин бояд механизми таъмини худмаблағгузории аксари муассисаҳои давлатӣ, ки дар деҳот ё минтақаҳои дурдасти кишвар ҷойгиранд, таъсис дода шавад. Натиҷаи чунин амал дар он аст, ки бисёр муассисаҳои давлатӣ дар қарорҳои ҳаррӯзаи худ озодии амал пайдо мекунанд.

Барои ташкили низоми самараноки идоракунии соҳаи иҷтимоӣ дар кишвар ва махсусан дар минтақаҳои он, ба андешаи мо, бояд ба фаъолияти

«Хартияи аврупоии худидоракунии маҳаллӣ» [139], ки ба субъектҳои идоракунии минтақавии соҳаи иҷтимоӣ дар доираи салоҳияти худ дар ҳалли масъалаҳои сатҳи маҳаллии ҳукуматҳо, ки барои ҳифзи иҷтимоии аҳолии маҳаллӣ заруранд, озодӣ медиҳад, диққати худро беш аз пеш ҷалб намоем.

«Бинобарин ба як субъекти худидоракунии соҳаи иҷтимоӣ дар маҳалро таваҷҷуҳ менамоем, ки он номи Ҷамоати деҳот дорад ва дар ҷараёни ислоҳоти қонунгузорӣ дар бораи худидоракунии маҳаллӣ моҳияти ҳокимият тағйир ёфт» [86].

Ҷамоатҳои дар асоси ҳудудӣ таъсисдодашуда ба мақомоти ҳокимияти халқ даъват карда мешаванд. Онҳо:

- «ба татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои иштирок дар идоракунии корҳои ҷамъиятӣ ва давлат мусоидат намоянд;

- шаҳрвандонро бо мақсади ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагидорӣ, масъалаҳои муҳимтарин, ки бевосита ба манфиатҳои аҳолии ин қаламравҳо дахл доранд, муттаҳид намоянд;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар иҷрои Конститутсия, қонунҳо, инчунин санадҳои мақомоти олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии Тоҷикистон ҳамаҷониба мусоидат менамоянд».

Аз ин бармеояд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои ташкили вазифаҳои мақомоти худидоракунии маҳаллиро ба танзим медарорад, инчунин ҳалли чунин масъалаҳоро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ пешбинӣ менамояд ва ба ин васила субъектҳои соҳаи иҷтимоӣ дар доираи салоҳияти худ маҷмуи санадҳои қонунгузории марбут худидоракунии маҳаллиро қабул кунад. Аз ин рӯ, бояд қайд кард, ки баъзан субъектҳои идоракунии ҷумҳуриявӣ меъёрҳои қонунгузории давлатиро риоя намекунанд ва беш аз пештар кӯшиш мекунанд, ки моликияти субъектҳои минтақавиро ба моликияти ҷумҳуриявӣ гузаронанд. Дар ин ҳолат, беайбии сохтори идоракунии соҳаи иҷтимоии минтақавӣ табиатан вайрон карда мешавад.

Баъзан барои ҳалли масъалаҳои марбут ба масъалаҳои иҷтимоӣ дар минтақаҳои кишвар, худидоракунии маҳаллӣ нақши муҳим мебозад, зеро он ба таври ихтиёрӣ сокинони ноҳияҳо ва шаҳракҳоро барои ҳалли мушкилоти хусусияти иҷтимоӣ дошта дар ҷамоатҳо ҷалб менамояд.

Аён аст, ки дар ин ҷо худидоракунии ҳақиқӣ метавонад ба амал ояд, зеро арзишҳои рӯҳонӣ ҳавасмандкунанда ва танзимкунанда мебошанд. Одамони аз ҷиҳати ахлоқӣ ҳавасманд дар ин кор қодиранд:

- ба худфаъолияти худ дар асоси ниёзҳо, манфиатҳои худ, - мақсадҳо, муқаррарот;

- ба мундариҷаи мақсадноки худфаъолият, ки ба шароит ва омилҳои ҳаёти онҳо вобаста аст;

- ба мутобиқшавӣ ба шароити фаъолияти ҳаётии онҳо;

- ба сӯйи худфаъолияти бошуурона;

- ба дарк ва азхудкунии шароит ва омилҳои объективии тағйирёбанда [126].

Илова бар ин, дар ҷараёни фаъолияти худидоракунии маҳаллӣ барои ташкили ташкилотҳои хусусияти ҷамъиятӣ шароити хуб фароҳам оварда мешавад. Инҳо ба ном ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар саросари ҷаҳон маълуманд ва қодиранд бисёр мушкилотеро, ки дар муҳити иҷтимоии минтақаҳо ба миён меоянд, ҳал кунанд.

Яке аз муҳимтарин объектҳое, ки таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати маҳаллиро талаб мекунад, сиёсати иҷтимоии минтақавӣ мебошад, ки дар аксари ҳолатҳо тавассути барномаҳои минтақавии соҳаи иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, таҳияи чунин барномаҳо бояд вазифаи аввалиндараҷа бошад, ки дар назди субъектҳои худидоракунӣ қарор дорад. Ғайр аз он, ҳар як барнома бояд маҷмуи ҳамаи масъалаҳои марбут ба истифодаи захираҳои минтақавиро дар бар гирад.

Дар фаъолияти худидоракунии маҳаллӣ дар баробари омилҳои мусбат, мушкилоти ҷиддитар низ мавҷуданд. Инҳо захираҳои объектҳои

худидоракунии маҳаллӣ мебошанд, ки дар сурати набудани онҳо метавонанд сиёсати иҷтимоии минтақаро пурра амалӣ кунанд. Ҳаҷми захираҳои минтақавии худидоракунии маҳаллӣ бевосита аз сатҳи рушди соҳибкории хурду миёна вобаста аст.

Ҳамин тариқ, ба соҳибкории хурду миёна дар интихоби фаъолияти худ озодии муайян додан зарур аст. Ин боиси он мегардад, ки ҷомеа дар минтақаҳои кишвар хусусияти боз ҳам демократӣ пайдо намуда, имкон медиҳад, ки тавассути рушди тиҷорати хурду миёна барои фаъолияти самараноки меҳнатӣ барои тамоми табақаҳои аҳолии минтақа шароит фароҳам оварда шавад.

Дар навбати худ, барои рушди сиёсати иҷтимоии минтақавӣ ба масъалаҳои ташкили муносибатҳои моликият бояд диққати махсус дод, зеро мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ аксари вақт ба субъектҳои худидоракунӣ вазифаҳо доир ба хусусигардонии моликияти давлатро вогузор менамоянд, ки ин амал комилан ба низоми худидоракунии маҳаллӣ мухолифат менамояд. Ба фикри мо танҳо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҳуқуқи коркард ва татбиқи барномаҳо доир ба хусусигардониро доранд.

Меъёри ҳудудӣ аз он иборат аст, ки таъмини объекти моликияти маҳаллӣ аз мансубияти ҳудудии ин объект вобаста аст. Дар ин ҳолат, меъёри ҳудудӣ нисбат ба салоҳият муайянкунанда аст, агар таъиноти мақсадноки объект ба рӯйхати намудҳои молу мулк мувофиқат кунад, ки он метавонад ҳам дар моликияти маҳаллӣ ва ҳам дар моликияти маҳалҳо қайд карда шавад. «Дар сурати зикршуда меъёрҳо барои ҷудо кардани моликияти маҳаллӣ кофӣ нестанд, зеро механизми шартномавии ҷудо кардани моликият метавонад истифода бурда шавад» [124].

Аммо, омили асосие, ки ба тамоми соҳаи иҷтимоӣ ва, хусусан, ба сиёсати иҷтимоии минтақавӣ таъсир мерасонад, ин механизми самараноки маблағгузории қисми хароҷотии буҷетҳои ҷомеаи маҳаллӣ мебошад.

Унсурҳои асосии ин механизм сиёсати нархгузорӣ ва андози маҳаллӣ, инчунин низоми қарзии молиявӣ мебошанд. Тавассути татбиқи онҳо имконият пайдо мешавад, ки ба раванди истеҳсолот, гардиши мол дар минтақа, инчунин ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақа таъсир расонад. Дар баробари ин, қисми даромади буҷети маҳаллӣ бояд сари вақт иҷро карда шавад, ки ин ҳам ба вазифаи худидоракунии маҳаллӣ дохил мешавад.

Дар робита ба ин, яке аз усулҳои муҳими танзим ва идоракунии соҳаи иҷтимоӣ дар минтақа усули мақсадноки барномасозии иҷтимоӣ мебошад, ки имкон медиҳад, ки захираҳои маҳаллӣ вобаста ба ҳадафҳо ва меъёрҳои онҳо то имрӯз аз нав тақсим карда шаванд. Дар ин маврид шаклҳои мухталифи истифодаи захираҳои маҳаллӣ хусусият ва беназирии барномасозии иҷтимоии минтақавиро тавсиф менамоянд.

Аз ин рӯ, мо бояд аввал фарқи байни банақшагирии иҷтимоӣ ва барномасозии иҷтимоиро баррасӣ намоед. Фарқиятҳои онҳо дар миқёси фарогирии масъалаҳои иҷтимоӣ ифода меёбанд. Яъне, банақшагирии иҷтимоӣ ба тамоми соҳаи иҷтимоӣ паҳн мешавад, дар ҳоле ки барномасозии иҷтимоӣ ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси иҷтимоии хусусияти ибтидоӣ равона шудааст. Фарқияти барномасозии иҷтимоӣ аз банақшагирии иҷтимоӣ, ҳамчун қисми таркибии банақшагирии директивии иҷтимоию иқтисодӣ дар он аст, ки агар охирин тамоми соҳаи иҷтимоиро фаро гирифта бошад, барномасозии иҷтимоӣ танҳо бо шумораи маҳдуди мушкилоти аввалиндараҷаи иҷтимоӣ сарукор дорад.

Банақшагирии иҷтимоӣ аз чорабиниҳои ғайринақшавии идоракунии рушди ҷамъиятӣ, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар асоси низом амалӣ карда мешаванд, ба таври куллӣ фарқ мекунад ва ин имкон медиҳад, ки мушкилот ба таври возеҳ ба нақша гирифта шавад, ҳамзамон муҳлатҳои имконпазири ҳалли он муайян карда шаванд ва меъёрҳои возеҳи сатҳ барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ муқаррар карда шаванд.

Ҳамин тариқ, рушди минбаъдаи соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз истифодаи оқилонаи захираҳои давлатӣ, инчунин аз мақомоти вафодори давлатии ҳокимияти иҷроия вобаста мебошад.

Бояд қайд кард, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои соҳаи тандурустӣ, маориф, таъмини манзил ва ғайраҳои дигар таҳия ва фаъолият мекунанд, аммо, онҳо хеле бесамар фаъолият мекунанд, ки ин ҳам таваҷҷуҳи давлатро талаб мекунад, дар ниҳоят, ҳатто рӯйхати мухтасари имкониятҳои идоракунии барномаҳо нишон медиҳад, ки муайян кардани доираи онҳо дар ин ё он ҳолат барои роҳбарони бархе аз идораҳо ва ҳар як сатҳ вазифаи хеле мураккаб ба назар мерасад.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар бандҳои алоҳида дарҷ гардида, дар он хулосаҳои муътамад ва тавсияҳои муаллиф, ки зимни таҳқиқоти маҷмуии мавзуи мазкур рӯйи кор омадааст, ба таври мушаххас пешниҳод карда мешаванд.**

**А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:**

1. Соҳаи иҷтимоӣ як низоми иҷтимоист, ки пайваста дар раванди пайдоиши ниёзҳои ҷомеа ва қонеъ гардонидани онҳо аз ҷониби субъектҳои соҳаи иҷтимоӣ фаъолият мекунад. Ин низоми ҳаёти инсон аст, ки мекӯшад зиндагии шахсии худро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ созад. Дар ин ҳолат, соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандии инсон дар чаҳорчӯби соҳаи иҷтимоӣ баррасӣ мешавад [2-М; 5-М].

2. Дар мавриди омӯзиши ҳамаи самтҳои соҳаи иҷтимоӣ, зарур аст, ки таваҷҷӯҳ ба ташкилотҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ин соҳа равона гардад, ки вазифаи онҳо фаъолияти иттилоотию таблиғотиро дар бар мегирад. Тавассути чунин ташкилотҳо, аҳолии кишвар аз рӯйдодҳои муҳими муҳити иҷтимоӣ бохабар мегарданд. Барои кормандони чунин ташкилотҳо зарур аст, ки чорабиниҳои фарҳангӣ ва тамошобобро ба таври дуруст ва сари вақт баргузор намоянд, то аҳолиро огоҳ созанд ва ҳолати соҳаи иҷтимоиро, ки манфиатҳои мардумро таҷассум мекунад, дуруст инъикос намоянд [1-М; 3-М; 7-М].

3. Айни замон, дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди самараноки иқтидори инсонии мамлакат марҳалаҳои ташаккул ва рушди соҳаи иҷтимоӣ бояд дар маҷмуъ бо тамоми самтҳо ва инфрасохтори он баррасӣ карда шаванд.

Ба гурӯҳи омилҳои ҳавасмандгардонӣ, ки ба ислоҳоти иҷтимоии дар кишвар гузаронидашаванда, ташаккул ва рушди субъектҳои соҳаи иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, инҳо дохил мешаванд:

- барои дуруст татбиқ намудани сиёсати иҷтимоии давлат хусусиятҳои миллиро ба назар гирифтан зарур аст;

- ҳар як давлат манфиатҳои инфиродии иҷтимоию иқтисодии худро дорад, ки мувофиқи онҳо бояд сиёсати иҷтимоӣ бунёд карда шавад, ки онро самаранок истифода бурдан мумкин бошад;

- барои ташаккул ва рушди фаъолияти субъектҳои соҳаи иҷтимоӣ хусусиятҳои миллии давлат, вазъи бозори меҳнат, имкониятҳои молиявии буҷети давлатиро ба инобат гирифтан муҳим аст [1-М; 7-М].

4. Арзёбии сатҳи фаъолияти субъектҳои соҳаи иҷтимоии давлат имкон медиҳад то муайян карда шавад, ки дар он байни маблағгузории самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ тафовут вуҷуд дорад, аз ин рӯ баъзе самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ, аз қабили маориф, тандурустӣ, суғурта ва фарҳанг на ҳамеша аз буҷети давлатӣ ба қадри кофӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, ки дар натиҷа рушди корхонаҳо ва муассисаҳои ин самтҳо ба таври бояду шояд амалӣ карда намешаванд, ки ин худ дар сатҳи субъектҳои соҳаи иҷтимоӣ, инчунин дар сатҳи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад.

Аз ин рӯ, барои роҳ надодан ба пайдоиши мушкилоти дар боло зикршуда татбиқи чунин барномаҳои давлатӣ зарур аст, ки хусусиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла хусусиятҳои геополитикӣ, анъанаҳои миллӣ ва менталитети халқҳои ҷумҳурӣ, сатҳи музди меҳнат, кӯмакпулиҳо ва ғайраро ба инобат гиранд [3-М; 4-М].

5. Ҳадафи асосии рушди соҳаи иҷтимоӣ баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии ҳар як узви ҷомеаи давлат мебошад, ки аз қонеъ кардани ниёзҳои аввалияи ҳар як фард иборат аст. Ин амал имкон медиҳад, ки ҳолатҳои низоъ дар ҷомеа пешгирӣ карда шаванд.

Барои баланд бардоштани суръати рушди соҳаи иҷтимоӣ дар кишвар рушди бахшҳои иқтисоди миллӣ афзалиятнок хоҳад буд. Дар ин ҳолат, сатҳи баланди идоракунии молияи давлатӣ зарур аст, то фарқи байни хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда, ки дар ҷараёни танзими соҳаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, кам карда шаванд.

Арзёбии рушди субъектҳои соҳаи иҷтимоӣ имкон дод, ки чораҳои асосӣ барои танзими фаъолияти субъектҳо дар кишвар таҳия карда шаванд, ки дар асоси онҳо самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи иҷтимоӣ муайян гардиданд.

Барои суръат бахшидан ба рушди соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти субъектҳои соҳаи иҷтимоӣ, ки хизматрасониҳои иҷтимоиро пешниҳод менамоянд, мӯътадил гардонидан, инчунин онҳоро барои ҷорӣ намудани усулҳои нави ташкилии идоракунӣ, ки ҳалли вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд, ҳавасманд кардан зарур аст:

